**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 2-3 (32-33), 2023**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва таррох:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО


## ВОҚЕИЯТИ ИМРӮЗӢ ВА ЗАРУРАТИ МАФКУРАСОЗӢ

**Ятимов С.** *Эҳёи миллат – бақои давлат*.............................................. 5

**Назар Муъмин.** *Идеология барои амният ва пешрафти ҷомеа зарур аст*........................................................................................................ 33

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Урфӣ ва Айнӣ*.............................................. 46

**Шарифзода Исомиддин.** *Сурия ҳамчун намунаи ибратомӯзи давлатсозӣ*........................................................................................ 63

**Назаров Умед.** *Ҳабибуллои Калаконӣ - эҳёгари анъанаи давлатдории тоҷикон дар Хуросони таърихӣ*...................................... 76

## МУҲИТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РУШДИ ИҶТИМОӢ

**Собириён Меҳр.** *Муҳити сармоягузорӣ ва аҳаммияти он дар бунёди як давлати қудратманд*............................................................ 91

## ЧЕҲРАҲО ДАР САФҲАҲО

**Хуросонӣ Алии Муҳаммадӣ.** *Саҳми Сайидумари Султон дар адабиётшиносӣ ва матншиносии тоҷик*............................................... 101

**Нурзода Нозим.** *Бо зиёӣ ҳамшарику ҳамтабор! (Андар ҳошияи даргузашти як тан аз муаллимону фарҳангиёни номдори ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон устод Ҷӯрабеки Носир)*................................. 110

**Нуров Нодир.** *Пажуҳишгари номӣ ва театршиносии миллӣ (чанд андешаи муқаддимотӣ дар ҳошияи солгарди театршиноси муосири миллӣ устод Низом Нурҷонов)*............................................................ 119

## РАВЗАНАИ ЭҶОД

**Бекзода Комил.** *Шеърҳо*........................................................................ 132

**Бекзода Дидавар.** *Парвонаҳои сафед*.................................................. 134

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Нурзода Нозим.** *Воқеияти бархурдҳои мазҳабӣ дар пасманзари бозиҳои геополитикӣ (Чанд мулоҳиза дар ҳошияи китоби тозаи ҳиндшиноси маъруфи тоҷик Ҳабибулло Раҷабов "Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимоти Ҳиндустон дар асарҳои нависандагони Ҳинд").* 148

**Алинажод Сирус**. *Хотироти Парвона Баҳор дар бораи падараш Маликушшуаро Баҳор ва бузургони дараҷаи аввали адаби Эрон. Таҳияи Олимҷон Хоҷамуродов*........................................................................ 160

**Айнӣ Садриддин.** *Сарнавишти як халқ. Таҳияи Беҳрӯзи Забеҳулло*........................................................................................................ 167

# ВОҚЕИЯТИ ИМРӮЗӢ ВА ЗАРУРАТИ МАФКУРАСОЗӢ

**С. ЯТИМОВ**
*профессор*

## ЭҲЁИ МИЛЛАТ – БАҚОИ ДАВЛАТ

### Муқаддима

Зуҳури инсон дар табиат падидаи фавқулода ва истисноист. Зеро он ягона мавҷудоти соҳибшуур мебошад, ки чунин афзалиятро тавассути забон ва амали мувофиқ ба муҳтавои майнаи хеш, мақсаднок, бо дарназардошти оқибати кирдори содиркардааш ва дарки фаҳми натиҷаи он ба намоиш мегузорад.

Таъйиноти мантиқӣ ва моҳиятии фарди бохирад, таҳаввул ва такомули муҳиту ашё ба манфиати таъмини амният, офият, рушд ва пешрафти ҷомеа аст. Чунин талабот дар раҳи рост ва ба тарзи одӣ ба вуҷуд наомадааст. Он натиҷаи мураккабтарин ҷараёнҳои диалектикиест, ки ҳамчун маҳсули ҳазорсолаҳо дар шакли имрӯза муаррифӣ мегарданд.

Таърихи инсоният, дар маҷмуъ, таърихи сулҳ нест. Таърихи ҷангу мубориза ва низоъҳо аст, ки ҳамчун шакли сиёсат ҳамсафари ҳаёти одамон мебошад.

**Сабаби аслии чунин вазъи тезутунди, мутаассифона, устувор ва поянда дар давоми асрҳо он аст, ки мардуми олам бо ҳам, асосан, ба як забон гап мезананд. Онро забони манфиат мегӯянд.**

Маҳз аз рӯйи ҳамин «забон», одамон ба гурӯҳҳо, ҳизбҳо, синфҳо, ҳукуматҳо, давлатҳо, ахиран созмонҳо, блокҳо ва гурӯҳи давлатҳо ҷудо мешаванд.

Мавзуи рисолаи моро кӯшиши таҳлил ва арзёбии нақши давлат (1) дар доираи таҳаввулоти таърихӣ ва муосир дар масъалаи ҷаҳонбинӣ (2) бо назардошти категорияи манфиат (3) дар бар мегирад.

### Давлат ва масъалаҳои ҷаҳонбинӣ

Ба таъсиси давлат вақте зарурат пайдо мешавад, ки ниёзҳои ҷомеа барои низоми муайяни идоракунӣ ба хотири таъмини амният, рушди пойдори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба тарзи муташаккил ва моҳиятан аломатҳои устувори қонунмандӣ мегиранд. Вазифаи асосии давлат таъмин намудани зиндагии осоиштаи ҷомеа дар асоси дифферентсиатсия, тақсимоти салоҳият, таъини меъёрҳои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад.

**Истилоҳоти давлат ва истиқлол ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ тавъам ва аз ҳам ҷудонопазир мебошанд.**

Худи «давлат» мафҳуми воқеӣ, объективӣ ва илмӣ аст. Дар фазо ва вақт ба сифати организми зинда ҳузур мекунад. Хосияти яклухтӣ, мухторӣ ва озодманишӣ дорад. Аммо чунин тарзи мавҷудият, ҳамзамон, аз чанд омили ҳаётан муҳим вобаста аст. **Бо инкор кардан, зери шубҳа гузоштан, рахна ворид намудан ба яке аз онҳо система, сохтор ва функсияҳои давлат, дар умум, фалаҷ мегарданд. Ва оқибат худи он чун организми мураккаби ҷомеа рӯ ба шикаст меорад.**

Яке аз ин ҷанбаҳо муҳтаво ва сохтори ҷаҳонбинии мардуми кишвар мебошад. Он ҷабҳаи мураккаб, нозук ва осебпазири давлатдорӣ аст.

**Дар доираи муҳтавои шуур, ҷаҳонбинии сиёсӣ шакли фаҳмидан, дарк кардан, аз лиҳози маънавӣ ворид гаштан**

**ба арзишҳои муассисаи сиёсии ҳукмрони ҷомеа, ба тарзи амалӣ, руҳӣ аз худ кардани моҳияти идораи давлат аст.**

**Ҷаҳонбинии сиёсӣ воситаи дарки ҳақиқати ҳаётии давлатдорӣ, ташаккули муносибати шаҳрванд ба сохти сиёсӣ тавассути арзишҳои бунёдии он, муҳимтарин воситаи ба танзим даровардани муҳтавои алоқамандии давлат ва ҷомеа дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои якдигар мебошад.**

Мувофиқати муҳтавои ҷаҳонбинии омма ба сохти давлатдорӣ **ҳамчун замонати бардавомӣ, устувории сиёсӣ ва итминони аҳолии мамлакат, кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нисбат ба пешгӯӣ ва ояндасозии маҷмуи муносибатҳо дар қаламрави давлат** ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Сохти идораи давлати миллӣ, ки маҳз ба хотири он кишвар номниҳод гаштааст, натиҷаи изҳори озоди иродаи халқ эътироф шудааст, бо кулли имконот ҳуқуқ ва уҳдадории интихоб, коркард, пуштибонӣ ва пешбурди ҷаҳонбинии мувофиқ ба низоми конститутсиониро дорад. Хунукназарӣ, духӯрагӣ, саҳлнигарӣ дар мавриди муайянкунандагӣ, ҳимоя ва амалкарди ҷаҳонбинии сиёсӣ, маънои ба бухрон ворид кардани давлат ва зери суол бурдани онро дар назар дорад.** Таҷрибаи байналхалқӣ ҳам ҳамин хулосаро исбот мекунад.

## Дарки воқеии манфиат

Ҷаҳонбинии миллӣ дар давлати миллӣ ягона мафҳуми заминӣ, воқеӣ, материалӣ ва арзишманд аст. Муҳтавои онро миллат, давлатдории миллӣ ва сиёсати амалӣ дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ муайян мекунанд. Дар маркази баҳси маънавиёти миллӣ ҳам манфиат меистад.

Ҳангоми муҳокимаронӣ дар масъалаи баҳси манфиатҳо он нукта муҳим аст, ки кадом гурӯҳ чӣ гуна арзишҳоро ҳимоя мекунад. **Ва ин арзишҳо манфиати кадом табақа, гурӯҳҳои иҷтимоиро дар назар доранд ва ташвиқу тарғиб менамоянд. Агар давлат бо номи миллат арзи вуҷуд дошта бошад, дар маҷмуъ, муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии мардум чанд ҳиссаи манфиатҳои миллӣ** ***(хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, эҳсоси садоқат ба Ватани аҷдодӣ ва ҳимоят аз он, тамаддун ва фарҳанги миллӣ, анъана, урфу одат ва расму русуми миллӣ)*****-ро ифода мекунад?**

Ин мафҳуми калидиро гурӯҳҳо, табақаҳои сиёсӣ, алалхусус, пешоҳангони хурофоту таассуб чӣ тавр асоснок мекунанд?

Ба хотири воқеъбинӣ, истисонои раҳгумиву ғафлатзадагӣ ва ояндабинӣ бояд донист, ки таносуби ҷаҳонбинии миллӣ ва дар муқобили он дидгоҳи таассубу хурофот ва эҳсоси бегонапарастӣ дар ҷомеаи имрӯза чӣ гуна аст?

Ва агар дониста бошем, номутаносибии ҷаҳонбиниро бар зарари меъёрҳои конститутсионӣ сабаб чист? Ва чӣ бояд кард?

**Мутаассифона, таҷрибаи таърихии мардуми олам нишон медиҳад, ки инсонҳо на танҳо аз лиҳози антропологӣ ва генетикиву физиологӣ, балки аз ҷиҳати руҳию равонӣ, дараҷа, сифат ва умқи фикрронӣ, дар муносибат бо имкони дарки воқеияти ҳастӣ аз ҳам фарқ мекунанд.**

Аммо донишандӯзӣ, маърифатнокӣ, кӯшиши донистани ҳақиқати олам, баҳрагирии муқоисавӣ аз таҷрибаи рӯзгор, омилҳои тарбиявӣ метавонад тасаввуроти табақаҳои гуногуни ҷомеаро ба шинохти баробарвазни раванд ва оқибати вазъ наздик кунад.

Маълум аст, ки решаи калимаи манфиат «*нафъ*» *(фоида)* аст. Дар адабиёти сиёсӣ ин мафҳум тавассути сухани лотинии

«*interest*» ифода мегардад. Тарҷумаи таҳтуллафзии он «*муҳим*», «*зарур*» буданро мефаҳмонад. «Интерес» ифодакунандаи истилоҳи «иқтисодӣ», «арзишӣ» аст. Чизе, ки маънии ҳамсанги молӣ, моддӣ дорад, дар назар дошта мешавад.

**Таҳлили тамоми рӯйдодҳои таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки аз одӣ то мураккаб – кӯшишҳои афрод, гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, ҳизбҳо, синфҳо, давлатҳо қатъиян дар доираи м а н ф и а т амалӣ карда мешаванд. Дар маркази дарки ҳамин гуна манфиатҳо, сарфи назар аз шакли тафсир ва муаррифии онҳо, тавре хотирнишон шуд, арзишҳои моддӣ, материалӣ, иқтисодӣ, яъне фоида меистанд. Дар ин маврид, фарзияи дигар вуҷуд надорад. Дошта ҳам наметавонад. Масалан, агар бар ивази дуои мулло, дуои хубтар аз он ба ӯ дода шавад, шубҳаовар аст, ки шахси руҳонӣ аз ин амал қаноатманд гардад.**

**Ҳамин тариқ, дар доираи муносиботи сиёсӣ «манфиат» гуфта, маҷмуи воқеияти реалӣ - ашёи моддӣ, арзишманд, назария, таҷрибаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва фарҳангиро меноманд, ки ахиран, ба субот, рушди иқтисодӣ ва имконоти мудофиавии кишвар дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.**

Аз ин лиҳоз, эътиқод, тасаввур, хаёлот, орзуву ормони ғайриилмӣ, таассуб, хурофот, фанатизм, дилбастагӣ ба мавҳумот ва абстраксия наметавонанд ҷойгоҳи ***манфиатро*** иваз кунанд.

**Дар доираи фаҳми категорияи м а н ф и а т ҳар қадар дур рафтан, фосила гирифтан аз арзишҳои иқтисодӣ, модӣ, молӣ, материалӣ, заминӣ, ҳамон қадар маънои наздик шудан ба камхирадӣ, таассуб, раҳгумзадагӣ, дурӯғ ва фиребро дорад.**

Бо чунин каромоти ҷаҳонбинии кӯркӯрона, ки гӯё метавонад ҷомеа ё ҳадди ақал як фардро хушбахт кунад, аз эътиқодмандони одӣ, сода, қаторӣ, гумроҳ сар карда то террористони худкуш, ба завқи чашидани «шаҳди шаҳодат» бовар мекунанд.

Шахси соҳибмаърифат ва боандеша ин ақидаҳоро ботил мешуморад.

**Аммо «ба нохун роҳ дар хоро буридан, фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор басе осонтар» аз бозсозӣ ва дигаргун сохтани шуури онҳоест, ки гирифтори ҳамин тарзи ҷаҳонбинии устуравӣ (мифологӣ) ва бедалел ҳастанд.**

Ана, ҳамин аст дастоварди бузурги воқеӣ ва таърихии ононе, ки **мехостанд ва мехоҳанд мардуми мусулмонро як умр ғулом, дастнигар, мутеъ, ҷоҳил, вобаста ва олоти мубориза и худӣ дар муқобили худиҳо, завқманди рехтани хуни якдигар бинанд.** Аз дур мусулмононро наззора ва идора кунанд. Боз бо истифодаи маводи зинда бо номи одам дар масири идораи олам барномаҳои дигар омода созанд. Манфиатҳои навбатӣ ва беохири худро думбол кунанд.

**Муваффақияти дуюм ва дастоварди ниҳоят хатарноки душманони мо иборат аз он аст, ки таассуб, хурофот, фанатизми динӣ – мазҳабӣ, эҳсоси Тоҷик будан, Тоҷикият, эҳтиром, муҳаббат ва садоқатро ба мафҳуми Миллат, Ватан ва Ватандорӣ нобуд месозад. Ба сифр мубаддал мегардонад. Ҳамчун лашкари бепул дасти ифротгароён, террористонро аз ҳисоби фарзандони ҳамин миллат, дар муқобили ҳарими муқаддаси бунёди давлатсозӣ, давлатдории миллӣ, марзу бум ва суботи он боз мекунад.**

Аз ин намунаҳо дар мисолҳои таърихӣ ва давраи муосири воқеии Тоҷикистон ва кишвари ҳамсояи он ҳазоронанд.

**Аз ин лиҳоз, дарки м а н ф и а т, аз ҷумла, манофеи миллӣ муҳимтарин вазифаи маорифи саросарии кишвар,**

**воситаи моил намудани омма ба арзишҳои тамаддунӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ба ин восита пешгирӣ кардани бархӯрди омма бо хатари эҳтимолии фоҷиаи умумимиллӣ мебошад.**

Фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ, саҷда овардан ба хурофот ва фарҳанги бегона ҳамчун натиҷа раванди босуръати рӯз то рӯз ифротишавии ҷомеа, **ҷилвагар шудани номи намояндагони миллат дар ҳар кунҷу канори дунё дар алоқамандӣ бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ обрӯ ва манзалати миллатро дар назди оламиён шадидан коста мегардонад. Самтгирии наврасону ҷавононро ҷониби ҷодаи шикасти манзалат ва маънавиёти миллӣ меафзояд. Пояҳои давлати миллиро ноустувор месозад.Ояндаи давлатдории миллӣ ва сулҳу суботи кишварро зери суол мебарад.**

### Эътимоднокии субот

Барои ояндабинии системаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар давлатҳои ба мо маълум, сохтор, меъёр ва мафҳумҳое истифода мешаванд, ки сифатҳои устувории сохти конститутсиониро дар *лаҳзаҳои* буҳронӣ назорат мекунанд, ба инобат мегиранд ва ба он кафолат медиҳанд.

Аз сӯйи дигар давлати мо дар оилаи бузурги халқҳо зиндагӣ мекунад. Ва ҳаёти он аз ***системаи ягонаи амнияти байналхалқӣ*** низ вобастагӣ дорад. Аммо афсӯс, ки **«ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст»** *(Ҳофиз)*.

Ҳамчунон, **«таҷриба ва таърих меомӯзад, ки халқҳо ва ҳукуматҳо ягон вақт, ягон чизро аз таърих наомӯхтаанд ва тибқи намунаҳое, ки бояд аз он сабақ мегирифтанд, амал**

**накардаанд».** (Гегель за 90 минут. – М.: Изд. «Астрель». 2003. – С. 60).

Идомаи ҳолати устувори фоҷиабарангезии тақдири умумибашариро сабаб ҳамин аст.

**Дар ҳама давру замон масъулияти таъмини системаи амният ва суботи ҷомеа бар дӯши давлат аст. Онро ҳамчун организми ягонаи зиндаи миллат дар фазо ва вақт донистан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар маҷмуи ягонаи созмонҳои байналхалқии минтақавӣ ва универсалӣ субъекти дигаре, ки кафолати оромӣ ва осудагии як давлати дигарро диҳад, вуҷуд надорад.**

Маҳз ба ҳамин хотир, барои таъмини эътимодбахши суботи ҷомеа механизмҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, идеологии дохилидавлатие бояд амал кунанд, ки замонати худро дар лаҳзаҳои фавқулодаи дохилӣ ва берунӣ барои таъмини амнияти давлат устуворона нишон диҳанд.

## Намунаи таърихии Эҳёи миллӣ

Чун тамоми рӯйдодҳои олам маҳсули амали мақсадноки Инсонанд, бознигарӣ ва беҳбуд бахшидани ҳаёти Одам, муттасил комил гардонидани дониш, хирад ва фаросати ӯ муҳимтарин вазифаи мардуми солимфикр мебошад.

Барои хосияти устувор бахшидан ба идораи давлат ва сохти давлатдорӣ, миллатҳои пешқадам ва ҳушманди олам аз худ намунаи рафторҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ нишон додаанд. Ин таҷриба лоиқи пажӯҳиш, омӯзиш, арзёбӣ ва пайравӣ аст.

Яке аз чунин гардишҳои бузурги Дунёи Куҳан, Даврони Эҳё мебошад.

**Аврупо бо ин бузургӣ Даврони Эҳёи худро ҳафтсад сол (!) қабл, дар нимаи дуюми асри XIV оғоз кард.**

Мақсади аслии ин таҳаввулот ба замон, талабот, ниёзҳои рӯзафзуни иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон мувофиқ кунонидани ҷаҳонбинӣ - ҳолати руҳӣ, равонӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва маънавии ҷомеа тавассути инқилоб дар соҳаи маориф, илму техника, фарҳанг ва маданият ба ҳисоб мерафт.

**Эҳёи миллии Аврупоро сабаб он буд, ки аз замони салтанати Масеҳият – дини насронӣ, наздик ба якуним ҳазор сол мегузашт. Талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум хостори таҳаввулот ва пешравӣ буданд. Ин ниёзмандиҳо ба манфиати руҳониён, калисо созгор намеомад. Дар шароити Ақлсолорӣ, Хирадгароӣ, Тақдирнописандӣ, пешрафти илму техника, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллии мардум, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафсири ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури руҳоният комилан мувофиқат намекард, ин тоифа обрӯ, нуфуз, оқибат ҳукумат - манфиати худро аз даст медод.**

Тарзе хотирнишон гардид, низоми динӣ, ки якуним ҳазор сол қабл тавлид ва тавассути ҷангҳои салибӣ устувор шуда буд, бо гузашти асрҳо, бо таҳаввулот ва талаботи зиндагии нав дар тазод ва низои воқеӣ ворид гашт. Натиҷаи ин гуна нофаҳмиҳо байни руҳонияти мусаллаҳ бо ҷаҳонбинии ба муддати садсолаҳо ақибмонда ва зиёиён, мардуми тараққихоҳ, воқеънигар ва нававар бо қатлу куштор ва террори охириҳо анҷом меёфт.

Аз лиҳози дигар, синфи соҳибтафаккур ва барои тақдири таърихии миллати хеш эҳсоси масъулиятдоштаи Аврупо **ҳолати рукуд, тангу тори хурофотии асримиёнагиро барои инсонҳо як навъ зиндони яхбастаи иртиҷоии бадбахтиҳои мардумӣ, замони тантанаи ҷаҳолат, нодонӣ ва навъи ваҳшоният номида, ин асрҳоро сифр, танаффуси хафақоновар дар тӯли ҳаёти бебозгашти инсонҳо, инкори**

**зиндагӣ ва ситамгарӣ ном бурданд.** Хостанд ба ақибмондагӣ ва ҳолати ба бунбаст гирифторшудаи афкор ва аъмоли ҷомеа **додгустарии хирадмандона** намоянд. Ба он хотима бахшанд. Фаҳмиш, дарк, назария ва амалияеро, ки бо истилоҳи ба ном **«ҳаёти асримиёнагӣ»** машҳур буд, ба шикасту нобудӣ расонанд. Ҳамин тариқ, нақши таърихии хеш - пешсаф ва равшангари тақдири мардумӣ буданро исбот намоянд.

Тавре маълум аст, равияи Эҳё зиёда аз ду асрро дар бар гирифт. Дар ин давра дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа инқилоби маънавӣ ба вуқӯъ пайваст: **ба ҷараёнҳои тафаккури ифротии динӣ, ваҳшаттарой, хурофотпарастӣ хотима дода шуд (1); раванди авҷ гирифтани гароиши оммаи мардум ба зулмоти асримиёнагӣ – илмситезии хушунатомез қатъ гардид (2); дар илмҳои табиатшиносӣ ва технология, фалсафа, педагогика ва маориф, санъати меъморӣ, архитектура, театр ва мусиқӣ дигаргуниҳои бунёдӣ роҳандозӣ шуданд(3).**

Таърихнигорони Ғарб ин таҳаввулотро **нуқтагузорӣ ба ҳаёти асримиёнагӣ** ва оғози давраи нави ҳаёти Дунёи Куҳан ном мебаранд.

Истифодаи истилоҳи «Эҳё», албатта, ба моҳияти кулли ҳодисаҳое, ки ҷомеаи Аврупоро фаро мегирифтанд, мувофиқати пурра надошт. **Аммо мақсад аз чунин ном гирифтани ҳаракат, кӯшиши пайдо кардани нуқтаи такягоҳи таърихӣ – маънавӣ ба ҳисоб мерафт.** Зарур буд, ки як заминаи устувори бунёдӣ интихоб ва эълон гардад, то барои хоссу ом ангезаҳои ҷунбиши навсозии зиддихурофотӣ асоснок ва фаҳмо бошад.

Баъдан таърих исбот кард, ки чунин тарзи интихоби шаклгирии ҳаракат барои эҳёи миллӣ беҳтарин воситаи сулҳомези мубориза барои расидан ба мақсади ниҳоӣ, рушду

тараққии мамлакатҳои Аврупо буд. Ба тарзи дигар, даврони Эҳё замони шикасти зиндагии, тарзе ки худи ташаббускорони ин маъракаи бузурги азнавсозии олам ном мебурданд, **«ваҳшонияти асримиёнагӣ»** ва оғози даврони ҳаёти нав маҳсуб гардид.

Аз нигоҳи илмӣ, даврони Эҳё зарурати таърихии нобуд сохтани қолаби куҳна, озод кардани майнаи аз таъсири хурофот шахшудамонда ва ба хатари барои ҷомеа марговар мубаддалгаштаи таассуб, маърифатситезии «аксарият» дар қиболи «ақаллият»-и озодандеш буд.

**Чун олимони даврони Эҳё аз мардуми ҳушманди замони худ буданд ва масъулияти ба дӯши онҳо гузошташударо хуб эҳсос мекарданд, инқилоби хешро аз ҷодаи илм, маориф, адабиёту санъат, аз «тарҳи нав дарандохтан» дар ҷаҳонбинии мардум оғоз карданд.**

Зиёиёни эҳёгари воқеан р ӯ и н т а н ва с о з а н д а муътақид буданд, ки **маҷмуи ҷаҳонбиниҳои пешрафтаи башарӣ** доир ба олам, одам, табиат ва умуман ҳастӣ қудрати ифодаи ҷанбаҳои моҳиятии тарзи зисти инсонро доранд. Гузашта аз ин, ин донишҳо воситаи тағйири сифатии воқеияти зиндагӣ мебошанд.

Ташаббускорони Даврони Эҳё ҳамчунон хуб дарк мекарданд, барои ҷомеае, ки пешрафти иқтисодиёт ва дараҷаи тараққии ҳаёти иҷтимоии он ниёз ба таҳаввулоти инқилобӣ дорад, сохтор, муҳтаво ва сифати ҷаҳонбинии омма нисбат ба механизм ва мантиқи рушди иҷтимоӣ, мебояд дар таносуби пурра бошад.

**Ҳамзамон бо ин, эҳёгарон ба хулоса омаданд, ки бидуни сохтани давлати миллӣ, ки манфиатҳои заминии миллат ва давлатро таъмин карда тавонад, ташкили зиндагии шарафмандонаи ҷомеа ғайриимкон аст.**

**Худи истилоҳи «миллат» ва «давлати миллӣ» аз лиҳози мантиқ мафҳумҳои илмӣ, дунявӣ, воқеӣ, тараққиниҳод ва заминӣ ҳастанд. Мустақилияти сиёсӣ, рушд ва пешрафтро дар доираи манфиатҳои миллат дар назар доранд.**

Яъне мафҳумҳои рушд ва зиндагии шоиста бо моҳияти давлати миллӣ тавъаманд. Дар он ҷаҳонбинии сиёсӣ, бадеӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба манфиати миллат хизмат мекунад. Дар роҳи инкишофи устувори миллӣ якдигарро пурра мегардонад. Кумак менамояд.

**Саромадони Даврони Эҳё таъкид мекарданд, ки тараққиёт ва суботи ҷомеа наметавонад бидуни ҷаҳонбинӣ, маънавиёти сиёсии илман асоснокгардида ва дар таҷриба санҷидашуда, пешрав, пешсаф ва баранда бошад.**

Онҳо масъалагузорӣ мекарданд, ки давлати миллӣ ба маҷмуи ҷаҳонбиниҳои илман асосноккардашуда, ки талаботи тамоюли воқеии иҷтимоиро қонеъ карда тавонад, зарурати шадид дорад. Ва муҳимтар аз ҳама, ин ҷаҳонбинӣ дар муқобили тамоми равияҳои мафкуравии иртиҷоӣ ва хурофотие, ки пеши роҳи мақсадҳои бунёдии давлати бо ном ва ба хотири миллат асосёфтаро мегиранд, истодагарӣ намояд.

Албатта, масъалаи марказии Даврони Эҳёи миллӣ масъалаи мафкураи динӣ буд. Зеро дин қисми таркибии ҷаҳонбинии халқу миллатҳо маҳсуб мегардид. Аммо Эҳёгарон дарк намуданд, ки танҳо аз дастҳо сӯи осмон ва саҷда кардан ба Папаи Рим масъалаи истиқлоли миллат ва рушду тараққии давлат ҳаллу фасл намешавад. **Барои ҳамин, дар Даврони Эҳё истилоҳи гуманизм (*аз калимаи лотинӣ - одамӣ, инсонӣ*) ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи манфиати ягона мавҷуди бошуур, соҳиби ақлу заковат ва илму маърифати олам – одам истифода мешуд.**

Маҳз дар ҳамин давра, **з и ё и ё н и бозпаснигари ояндабин** дар бораи фош кардани муқаддасоту саҷдагоҳҳои бидуни эътимоди маънавӣ ва таърихӣ, ки хурофотпарастон барои нигаҳдории обрӯи сохта, манзалат ва таъсири худ асрҳо боз фикр карда бароварда, аз «ҳисоб»-и онҳо рӯзгузаронии худро таъмин мекарданд, бо истифода аз абзори нарм - тавассути имконоти а д а б и ё т у с а н ъ а т ва фарҳанг ифшо намуда, ба ивази он с а н ъ а т и в о қ е и и м и л л ӣ, маҳсули Ақл ва дидгоҳи одамиро ба намоиш гузоштанд. Бепоягии урфу одат ва анъанаҳои бофтабаровардаи хурофотпарастонро мавриди ошкорбаёнии мубоҳисавӣ қарор дода, зарурати сарфи назар кардан аз онҳоро ба оммаи мардум фаҳмониданд.

Баъдан, бо гузашти солҳо, олимони машҳури асрҳои XVIII – XIX - и Аврупо хизматҳои ҳаётбахш ва таърихии зиёиён, баёнгарони азамати руҳ ва халлоқияти тавонои Даврони Эҳёро бо сипоси зиёд ёдовар шуда, гаштаву баргашта таъкид намуданд: «**Дар назди Ғарби ба шигифтафтода, ҷаҳони нав кушода шуд – Юнони Қадим. Дар пеши образҳои шуълапоши он арвоҳҳои асримиёнагӣ аз байн рафтанд. Гӯё ки аз нав сайёраи Замин кашф шуда бошад, ба ҳукумати руҳонии калисо шикаст ворид гардид..., ин бузургтарин инқилоби тараққихоҳӣ дар тӯли ҳаёти инсонӣ, дар кулли давраҳои азсаргузаронидаи одамӣ буд, ки ниёз ба мутафаккирони бузург дошт ва шароит фароҳам оварда шуд чунин нобиғаҳои илму маърифат тавлид шаванд, ки аз лиҳози қудрат кӯҳсутуне бошанд бо хислатҳои бузурги донишҳои ҳамагонии ҷаҳоншиносӣ ва хиради фарогир**» (Диалектикаи табиат. – М.: 1950. – С. 3-4).

Даврони Эҳё ба мафҳумҳои воқеӣ ва сиёсии Забон, Миллат, Ватан ва ватандорӣ асос гузошт. Руҳи мардум ба манфиатҳои заминӣ, марзу бум, рушду тараққии сарзамини аҷдодӣ мутаваҷҷеҳ гардид. **Юғи бегонапарастӣ, саҷда овардан ба**

**муқаддасоти ғайримиллӣ, космополитикӣ аз гардани мардуми авом бардошта шуд. Акнун ҳар намояндаи миллатҳои аврупоӣ аз кишвари худ, аз миллати худ, аз қаҳрамонҳои миллии худ ифтихор мекард. Маҳз онҳоро тараннум менамуд. Барои наслҳо ҳамчун намунаи рафтор ташвиқу тарғиб мекард.**

Беҳтарин натиҷаи Даврони Эҳё эҳсос ва тамоюли бузурги омма ҳамчун миллатҳои зери таъсири сиёсат, адабиёт, фарҳанг ва маданияти миллӣ ташаккулёфта, ба таъсиси давлат ва ҳукуматҳои пурқувват барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ буд.

**Маҳз ин ҳиссиёт дар баробари олимон ва ихтироъкорони бузург, ки барои иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии давлатҳои миллӣ кор мекарданд, наслҳои нави давлатмардон ва сиёсатмадоронро рӯйи саҳна овард. Онҳо бо тамоми неру ва бо такя ба илм барои эҳёи ватани воқеӣ, на ормонӣ ва космополитикӣ, бо ҳисси Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллӣ шурӯъ карданд.**

## Руҳоният ва даврони Эҳё

Тавре таъкид гардид, яке аз масъалаҳои марказии даврони Эҳё азнавсозӣ ва ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ гардонидани таъинот, назария ва амалияи дин буд. **Ташаббускорони ҳаракат муътақид буданд, ки бидуни мутобиққунонии таълимот, ташвиқот ва таҷрибаи кори ходимони дин, фаъолияти калисоҳо ба мақсадҳои истиқлоли миллӣ эҳёи миллӣ ва рушду тараққии он ҳамчун зуҳуроти ормонӣ ва шиори хушку холӣ боқӣ хоҳад монд.**

Яке аз намояндагони Даврони Эҳё Сервантес таъкид мекард, ки **мардуми зери асорати зеҳнии миллатҳои бегона қароргирифта мисли лойи кулолест дар дасти**

**аҷнабиён, ки ҳар асбобе хоҳанд аз он месозанд ва истифода мекунанд. Миллат бояд ҷаҳонбинӣ, дидгоҳ, маънавиёти ягонаи худро дошта бошад. Онро эҳсоси ягонаи умумияти таърихӣ – ирсият, урфу одат ва мафкураи ягонаи миллӣ муттаҳид намояд, на ташвиқи бепояи фарҳанги аҷнабӣ.**

Маҳз ба ҳамин хотир Эҳёгарон интихобан бо беҳтарин ходимони дин, роҳибон, диншиносон, донандагони Инҷил, ки аз мардуми соҳибмаърифат буданду ҳиссиёти баланди ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ доштанд, ба ҳам омаданд. **Хулосабардорӣ карданд, ки муддати садсолаҳо муллоҳои манфиатҷӯ ба Инҷил ва дигар адабиёти тафсири он нуктаҳоеро худсарона илова кардаанд, ки танҳо ба манфиат ва манзалати шахсии табақаи руҳонӣ хизмат мекунанд.**

Бисёре аз чунин иловаҳои сохта ва тафсирҳои бофта ба сарчашмаи хурофоту таассуб ва манбаи даромади ходимони дин мубаддал гаштаанд. Ба эҳсос ва ташаккули бегонапарастӣ, ҷаҳонватанӣ (беватанӣ)-и боис гардидаанд.

Ба ҳамин хотир, яке аз шахсиятҳои маъруфи дини католикӣ Эразм Роттердамский (1466-1536) ташаббускорона **китоби Инҷилро аз рӯйи матни интиқодии забони юнонӣ ба забони лотинӣ тарҷума карда, бисёре аз таҳрифу каҷнависии матнҳои пешинаро ошкор ва ислоҳ кард.**

Ҳамзамон бо ин, қисмате аз нуктаҳои ҳассоси ин китоби муқаддасро ба манфиати инсонҳо одилона тафсир намуд ва дар доираи руҳи Даврони Эҳё, ки пешрафт ва зиндагии шоистаи Одамро дар назар дошт, шарҳ дод. Бо ин амали инсонпарварона, барои тараққии ҷомеа дар доираи ҳадафҳои ин инқилоби бузурги маънавӣ хизмати сазовору мондагор кард.

Бузургтарин намояндаи ин равия руҳонии машҳури немис Мартин Лютер (1483-1546) буд. Ӯ ба мардуми худ, ба ибодаткунандагон эълон дошт: **«Оғоз аз ин лаҳза баромадан аз зери султаи бегонагон, Папаи Рим вазифаи ҷонии ҳар як немис аст!».**

Мартин ба ҳамватанони худ чунин муроҷиат кард: **«Ман қарори қатъӣ қабул кардам: зери роҳбарии ман китоби муқаддаси мо, Инҷил ҳарчи тезтар ба забони немисӣ тарҷума карда шавад. Ва минбаъд намоз гузоштан, ибодат кардан, тамоми маърака ва маросимҳои динӣ танҳо ба забони модарии мо – ба забони немисӣ сурат мегирад!».**

Таърихчиён бар ин ақидаанд, ки Мартин Лютери руҳонӣ яке аз ташаббускорони сохтани давлати миллии немисҳо мебошад. Дар он манзалати миллати немис аз ҷумлаи муқадасоти аввалиндараҷа ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи ин донишманди руҳонӣ: **«Дар дунё ҳама чиз тағйир меёбад. Иваз мешавад. Инсон метавонад, ҳатто дини худро табдил диҳад. Аммо ягона чизе, ки аз рӯзи тавлид то дами марг тағйирнаёбанда аст ва абадӣ мемонад, Миллат аст».**

Ба ҳамин хотир, ҳанӯз ҳафтсад сол қабл аз байни ходимони соҳибмаърифати калисо олимон, шахсони донишманд, муассир ва бонуфуз ва ҳамзамон бо ин, миллатпараст ва ватандӯсте рӯйи саҳна омаданд, ки аз мавқеи зиёиёни миллӣ, бо роҳу воситаи худ ҷонибдорӣ намуданд. Ба сафи онҳо гузаштанд. **Фаъолияти калисоро ба шароити талаботи Даврони Эҳё мувофиқ гардониданд. Аз манфиатҳои миллии худ қотеона ҳимоя намуданд. Нуктае, ки таваҷҷуҳи ходимони динии баномуси асримиёнагиро ба худ ҷалб кард, эҳёи ғурури миллии онҳо дар муқобили бегонагон, урфу одати ба таърихи миллати эшон носозгор**

**ва принсипи иҷбории саҷда овардан ба забон ва расму русуми миллии аҷнабиён буд.**

Яке аз муҳимтарин тағйироти Даврони Эҳё дар байни ходимони дин, ғолибияти эҳсоси бузурги ватанпарастӣ ва миллатдӯстии хизматгорони калисо буд.

Ин вазъият ба раванди бузурги таърихӣ ҳамоҳанг шуд ва ба мақсади манфиатҳои миллӣ хизмати шоиста кард.

**Он тараққиёту таҳаввулот, зиндагии шоистаеро, ки мо имрӯз дар Аврупо мебинем ва мутаассифона, дар ҳолати вобастагии ақлонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ фарҳангӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва геополитикии он қарор дорем, аз ҷумлаи натиҷаи ҳамин Даврони Эҳё аст.**

## Эҳёи миллӣ ва суботи миллӣ

Аз кӯшиши таҳлили ниҳоят мухтасари даврони Эҳё, боз ҳам зарурати ба хотир овардани назарияи моҳият ва қонунмандии шаклҳои дарки олами ҳастӣ бармеояд.

Дар ин маврид таҳаввулоти ҳаёт ва сарчашмаҳои рушди он барои зиндагии шоистаи инсон мавзуи асосӣ мебошад.

Дар вобастагӣ ба масъала, муҳим аст дарк гардад, ки роҳу воситаи асосии аз худ кардани ҷавҳари ҳастӣ аз чӣ иборат аст? Манбаъ ва қувваҳои воқеии ҳаракатдиҳандаи он кадомҳоанд? Инсон кай, дар кадом шароит метавонад аз як зина ба зинаи дигари зиндагии сазовор қадам гузорад? Ҳақиқати маънавӣ чист? Таносуби донишҳои дунявӣ бо эътиқоду боварӣ, мавҳум, хурофотӣ, таассуб дар муносибат бо таҷрибаи зиндагӣ, ки асоси ҳама гуна фаҳмиши ҳақиқати заминиву осмонӣ дар доираи дарки манфиат аст, дар чӣ зуҳур меёбад? Чӣ тавр оммаи мардуми дар завлонаи ихтиёрӣ ва ифтихоримонда аз он як навъ лаззати маънавӣ мебаранд ва бо қаноатмандӣ ҳазорҳо қурбониҳои ҷониву молӣ, руҳиву равонӣ медиҳанд, аз

ин мурдоб ё ботлоқи ҳалокатбор халос шаванд? Иҷрои чунин вазифаро мисли Даврони Эҳё кӣ ба дӯши худ мегирад?

Аз даврони Эҳёи Дунёи Куҳан, ки мардуми Аврупоро ба рӯзгори имрӯза овард ва ҷаҳонро бо илму маърифат тасхир кард, чанд аср гузашт.

**Аммо бедории воқеии миллии хосияти умумихалқидошта бар пояи А қ л, Х и р а д, М а н т и қ, маънавиёт ва манфиатҳои миллии мо кай оғоз мешавад, ки мисли имрӯз фақат зоҳирӣ ва намоишкорона набошад? Х и р а д г а р о й ва А қ л с о л о р ӣ аз хурд то бузург, фарогири кулли табақаҳои ҷамъиятӣ ва мояи ифтихори мардум – Миллат ва саҷдагоҳаш Ватан гардад.**

**Даврони Эҳёи миллати тоҷик**

**Ҳақиқати эътирофгардида аст, ки Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид.**

**Минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии худ барои ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллатро асоснок кард. Принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштанро фаҳмонд. Ин равандро дар сиёсати амалӣ, бо азму разми ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик беназир собитқадамона тасдиқ намуд.**

**Бо ҷашн гирифтани 1100 - солагии давлати Сомониён (соли 1999), эълони Соли тамаддуни Ориёӣ (соли 2006), навиштани асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1996, 2002, 2006), «Чеҳраҳои мондагор» (2016) ва чандин**

**таълифоти илмӣ – таърихӣ, сохтмони иншоотҳои бунёдии аср Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, зиндакунандаи маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, раҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард.**

**Яъне Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як раҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд.**

**Намунаи чунин шефтагӣ ва садоқатмандии миллӣ дар таърих камшумор аст.**

**Бо такя ба таълимоти Пешвои муаззами миллат бояд таъкид кард, ки чунин шонс (*имконият, иқбол, умед*)-и фавқулода ва нотакрор барои як халқ дар тӯли садсолаҳо як бор падид меояд. Ва ҳамватанони мо, ки ҳазор сол азияти бедавлатӣ ва ғуломиро кашидаанд, зарурати ҳаётӣ аст ҳама сар ба сар эҳсоси масъулияти миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ намоянд. Аз ҷаҳолати рӯ ба афзоиши оммавӣ худдорӣ кунанд.**

Аммо боиси афсӯс аст, ки дар ҳоли ҳозир, тамоюл ба таассубу хурофот ва дар ин асос зиёдаравӣ, гаравидан ба ҷараёнҳои динии ифротӣ, беэътиноӣ ба раванди ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар даҳсолаҳо қафо мондааст. Ин ҷараён хилофи ояндаи босуботи давлатдории миллӣ мебошад.

**Бо изҳори таассуф таъкид бояд кард, ки раванди амалисозӣ гаштани ташаббуси таърихии Даврони Эҳёи миллати тоҷик хосияти зоҳирпарастона ва ҳисоботдиҳӣ касб кард. Дар мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории**

**миллӣ ва шикасти руҳияи саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонагон, раванди таассуб, хурофот, ки асоси маънавиёти ифротгарой ва терроризм мебошанд, ҳамчун амали муассир ба майдони набарди воқеӣ ворид гашта натавонист**.

Сифати амалкарди системаи ягонаи таъмини асосҳои бунёдии маъавиёти миллӣ *(гояҳо, ҷаҳонбиниҳо, арзишҳои миллӣ - таърихӣ)* дар доираи талаботи сохти конститсионӣ ба талаботи замон, ҳифзи боэътимоди амнияти миллӣ ба шароити имрӯз ва ояндаи наздик мувофиқ нест.

Дар ин маврид, баробарвазнии таҳдидҳо, тахассусмандии ташкилоту созмонҳо, афроди алоҳидаи мувваззаф ба тахрибкорӣ бар зидди арзишҳои сохти конститутсионӣ ва маҷмуи чорабиниҳое, ки давлат барои ҳимояи худ дар сатҳҳои оила, мактаб, донишгоҳ, муҳит, ҷомеа роҳандозӣ кардааст, мувофиқати пурра надоранд.

Ҳодисаҳои нангин ва ҷиноятҳои сангине, ки дар сатҳи байналхалқӣ, ҷуғрофияи берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар се соли ахир бо иштироки шаҳрвандони мо ба вуқуъ пайвастанд, на танҳо ба манзалат ва обрӯи миллати тоҷик иснод оварданд, балки бонги *(аломат, ишорат, хабар, огоҳӣ)* хатар барои оромӣ, сулҳу субот ва сохти конститутсионӣ гардиданд.

Бузургтарин ангезае, ки муҳтавои ҷаҳонбинии шахсро фаро мегирад, идея аст. Душманони давлати миллӣ бо ҳаннотӣ ва суиистифода аз дин, ин амалро тавонистанд роҳандозӣ кунанд. Ҷавонони зиёдро гумроҳ ва ба лашкари сарсупурдаи бозигарони геополитикӣ бар зидди манфиатҳо ва обрӯи миллати хеш сафарбар намоянд.

Системаи маърифати идеологии умумимиллии мо, мутаассифона, дар доираи мафҳумҳо,

назарияҳо ва қолабҳо амал мекунад, на бар асоси идеяҳо.

Маҳз идея аст, ки бо тавони истифодаи он на танҳо ҳадаф ифода ва тафсири амалии худро меёбад, балки барои дигаргун сохтани он ба манфиати ташаббускори амал кӯшиш мекунад.

Идея дар муҳтавои худ роҳу воситаи амалӣ кардани хешро дорад. Он ҳадафи худро сидқан меомӯзад. Вобаста ба он мақсаднок амал мекунад, то ҳолати руҳиву равонии фард ё ашхоси мунтахаб ба мақсадҳо мувофиқ гардонида шавад.

Идея ҳаст, ки сараввал мантиқи давра ба давраи амал фаҳмонида, аниқтараш тавассути он муътақид кунонида мешавад. Таҷрибаи таърихӣ ва муосир ҳамин роҳу усулро тасдиқ мекунад.

**Идеяҳое, ки Пешвои муаззами миллат солҳои тӯлонӣ расман эълон медорад ва онҳоро дар таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, аз нигоҳи мантиқи илмӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ мукаммалтарин ва пешқадамтарин ғояи маънавӣ дар масири таърихии рушд, пойдории миллати тоҷик ва давлатдории он мебошанд.**

Зарур аст, ки ин идеяҳо коркард ва бо истифода аз принсипҳои таърихӣ, таърихӣ – муқоисавӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ – генетикӣ, ки ба мавзуи хештаншиносӣ ва худшиносӣ наздик ҳастанд, дар ҷараёни эҳёи миллати тоҷик бо талабот ва шаклу усулҳои рақобатпазир ва самаранок дар тарбияи омма истифода гарданд.

Нимаи дуюми асри XIV, замоне ки даврони Эҳё дар Аврупо оғоз гардид, ташаббускорон ва дастандаркорони он зиёиёни эҷодкор, олимон буданд. Онҳо ҳаёти худро зери хатар гузошта, ҳаёти ҳаммиллатҳои худро наҷот бахшиданд.

Чун зиёиён ҳамчун табақаи бузург вориди ин ҳаракат гаштанд, онҳо таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб карда тавонистанд. **Мардуми одиро муътақид сохтанд, ки ягона**

**роҳи халосӣ аз ғуломӣ, бандагӣ, ақибмондагӣ эҳёи анъанаҳои миллӣ – қадимӣ аст, на он чизе, ки бегонагон ба сари онҳо бор кардаанд.** Ва акнун аз он тарзе мехоҳанд, истифода мекунанд.

Мардуми аз лиҳози ирсӣ ҳам ҳушманди Аврупо, тавассути фарҳанги **қадима, зина ба зина вориди моҳияти масъала гашта, худро аз таассубу хурофот раҳоӣ бахшиданд.**

Истилоҳи Ренессанс (Эҳё)-ро – аз нав таваллуд гаштан, эҳё шудан ва **«яке аз бузургтарин давраҳои маданӣ - таърихӣ, нуқтаи гардиши куллӣ дар таърихи Аврупо байни Асрҳои Миёна ва Замони Нав, ки фарҳанги ҷадиди Аврупоро бунёд гузоштааст»,** ном мебаранд. Ба хотири сипосгузорӣ ба насле, ки миллатро аз ҷоҳилият, аз банди хурофоту таассуб ва торикиву зулмот раҳо кардааст, он давраро ҳамчунон бо ифтихори бузург, бо ҳарфҳои калон **«Замони Нави Барвақтӣ»** ном ниҳодаанд.

**«Барвақтӣ»** ном гирифтан тавассути Ҳаракати Эҳё маънои нисбат ба халқҳои дигари дунё, ки то кунун дар банди ҷаҳолат, таассубу хурофоту «каромот»-анд ва ҳамин тариқ, аз ғуломони ҷисмониву маънавӣ, дастнигару корафтодаи дигаронанд, пеш рафтан, пешсаф буданро дар назар дорад.

Тавре хотирнишон гардид, миллатҳо аз рӯи хосиятҳои антропологӣ, физиологӣ, генетикӣ, имконоти ақлонӣ ва руҳиву равонӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аммо чунин сифат хосияти нисбӣ дорад, на мутлақ. Мардум дер ё зуд аз дунболи А қ л, Х и р а д, Ф а р о с а т, таъбиру тадбири наку – гуманизм (истилоҳи Даврони Эҳё), воқеънигарӣ ва одамсолорӣ меравад. Аммо чӣ гуна? Чӣ тавр? Бо кадом фоҷиаҳо ва бурду бохтҳо? Азобу шиканҷаҳо? Аврупо, тавре мебинем, ин корро ҳафтсад сол қабл оғоз кард ва муваффақона анҷом бахшид. Чандин наслҳо, аз ҷумла, мо шоҳиди натиҷаҳои он ҳастем.

**Аз рӯи таҳлили кӯтоҳ мебинем, ки миллати тоҷик дар шароити навини таърихӣ, бо таҷрибаи шашҳазорсола, барои муваффақона паси сар кардани Даврони Эҳё, ки оғози он эълом гардид, тамоми шароит – решаҳои тамаддунӣ, бунёди қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ақлонӣ ва генетикиро дорад. Фақат онро роҳандозии ҳарчи зудтар ва роҳнамоии тахассусмандона бояд.**

**Фаромӯш намекунем, ки дар мавриди амали нек таърих доимо фурсат, шонси кӯтоҳ мегузорад. Эҳёи миллатро Пешвои муаззами миллат ҳамчун Ҳаракати умумимиллӣ эълон кардааст.**

## Хулоса

1. Даврони Эҳёи Аврупо (асрҳои XIV –XVI) яке аз бузургтарин воқеаҳои таърихӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти инсоният буд. **Бидуни чунин гардиши куллӣ, тамаддуни аврупоӣ на танҳо наметавонист ба ҷойгоҳе, ки имрӯз дорад, соҳиб шавад, балки Шарқ ҳам ҳолати аз ин бадтари асримиёнагӣ медошт**.
2. Давлатҳои Аврупо тавассути даврони Эҳё ба дастовардҳои бунёдӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва фарҳанг ноил гаштанд. Мардумро аз ҷаҳолат раҳо карданд. Бо сохтани давлатҳои миллӣ ҳувияти миллӣ ва тамомияти арзии худро нигоҳ доштанд. Ҳастии шарафмандонаи хешро дар доираи оилаи байналхалқӣ таъмин намуданд.
3. **Эҳёгарон ба хулоса омаданд, ки маҳз тарзи тафаккури хурофотӣ, таассубгароёна пайравии номусолиҳатомез ба ҳар гуна ҷараёнҳои динӣ, мазҳабӣ ва фанатизм мардумро ба ифроту тафрит мебарад. Ба ҳамин**

**хотир, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии мардумро чун масъалаи калидии Эҳёи ҷомеа интихоб намуданд**.

4. Қувваҳои ҳаракатдиҳандаи Даврони Эҳёи Аврупо бузургтарин олимон, хирадмандон, суханварон, донишмандон, рассомон, меъморон, муборизон, фидоиёни ватан ва миллати худ буданд. Онҳо қудрату неруи хешро, ки пештар бо сухан ва қалам ифода мекарданд, дар амал санҷиданд. Ба майдонҳо назди мардум рафтанд. Хостанд дониста бошанд: **оё метавонанд оммаро аз панҷаи хурофот, ҷаҳолату нодонии асримиёнагӣ раҳо созанд?** Муътақид гардонанд, ки ватану миллати онҳо, замини хокӣ ва мардумони одианд. Саҷдагоҳи И н с о н А қ л, Д о н и ш ва Х и р а д и о д а м и с т. Исбот намоянд, ки бо силоҳи Маърифат боварманд кунонидани одам, аз бовар кунонидан бо силоҳ авлотар аст.

5. Сабаби Даврони Эҳё ном кардани ин ҳаракати бузурги таърихӣ аз нав зинда кардан, ҷон бахшидан ба беҳтарин намунаҳои илм ва фарҳанги Юнони Қадим ва Рими Қадим бар хилофи даъвоҳои руҳоният буд, ки тарғиб мекарданд: «**оғози фарҳанги ноби одамӣ аз замони зуҳури Исои Масеҳ сарчашма мегирад**».

**Далелҳои илман асоснок ва қотеонаи зиёиёни эҳёгар, руҳи миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллатҳои Аврупоро баланд кард. Ғурури истиқлолхоҳии ононро неру бахшид. Фикру андешаи аксарияти мардумро дар бораи таърихи воқеии фарҳангу миллатҳояшон тақвият дод.**

6. Азбаски дар байни руҳонияти Даврони Эҳёи Аврупо шахсони воқеан **таҳсилдида, ташвиқгари ростӣ, масъулиятшиносу худогоҳ, мутафаккиру хирадманд, ҳимоятгари тамаддун ва фарҳанги миллатҳои хеш** кам набуданд, намояндагони барҷастаи онон ҳикмати давраи

Эҳёро хуб дарк карданд. Ва чунин шиор партофтанд: **«Эҳёгарон барои истиқлоли миллати ман мубориза мебаранд. Мо бо онҳоем!».**

7. Минбаъд дар ҳар кишвари Аврупо Шӯрои миллии уламои католикӣ ташкил шуд. Шӯро зери назари нухбагон ва мутафаккирони руҳонӣ ҳуҷҷатҳои аслии хутба ва фатвоҳои диниро таҳрир карда, онҳоро бидуни халалдор кардани моҳияташон, ба манфиати рушду пешрафти илму фарҳанг ва технологияи миллатҳои хеш мувофиқ сохтанд.

8. **Давраи Эҳё мафҳуми дини миллӣ ва милликунонии динро дар Аврупо асос гузошт.**

9. **Инқилоби маънавии ҳафт аср қабл, мардуми Аврупоро ба рӯзгор ва сатҳи баланди рушди иқтисодиву иҷтимоии кунунӣ овард. Имрӯз мо шоҳиди он ҳастем. Ва бидуни эҳсоси хиҷолат, зарурати муҳокима, расидан ба сабабу омилҳои ин пешрафт, масъулияти худогоҳӣ ва худсозӣ аз онҳо истифода мекунем.**

## Охирсухан

Ҳар насл (хонда шавад халқ, миллат, давлат, мардум) наметавонад варақи зиндагиро аз саҳифаи нав оғоз кунад. Барои одамони соҳибхирад чунин зарурат ҳам нест. Вобаста ба шароити таърихӣ, анъана, урфу одат, муҳит, замон ва макон истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи мардумони бохиради пешин ва ҳамасрон низ шарти муваффақият ва пешравӣ аст.

Ба ҳамин хотир ба тарзи кӯтоҳ зарурат, сабаб, омилҳо, шароит ва намунаҳои даврони Эҳёи миллии Аврупо ҳамчун мисоли таърихӣ оварда шуданд, ки албатта, навоварӣ нест.

Аммо мо ба ин ҳақ дорем: **«Ҳар кашфиёте, ки мансуб ба ақли одамизод аст, дастоварди умумибашарист»** (Г. Лебон).

Ба назари мо, муқоисаи вазъи Аврупои асри XIV ба ҳолати маънавии Тоҷикистони асри XXI ба хотири хулосабарорӣ, арзёбӣ ва коркарди нақшаи амал тақозои зарурӣ ва ҳаётан муҳим мебошад.

Яке аз намояндагони машҳури миллати немис Артур Шопенгауэр (1788-1860) таъкид мекунад: **«Немисҳоро мазаммат мекунанд, ки онҳо бештар ба франсавиҳо ва англисҳо тақлид мекунанд; аммо фаромӯш месозанд, ки ин бисёр кори оқилона аст, ки онҳо ҳамчун миллат карда метавонанд, ба хотири он ки феълан немисҳо бо қувваи худашон кори муфид ва хубро фикр карда баровconfigurationарда наметавонанд».**

**Аз лиҳози рушду тараққиёти иқтисодӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ, шукр, мо дар хамгашти як кӯчаем. Аммо бо итминони комил гуфта метавон, ки бо ҷаҳонбинии хурофотӣ ва таассубгароии умумӣ, дар асри XXI, бо сипарӣ гаштани ҳафтсад сол баъди даврони Эҳёи Аврупо, мардуми мо гурӯҳ - гурӯҳ намунаҳои сангинтарини маънавиёт, рафтор, таассуб ва хурофоти асримиёнагиро ҳамчун зуҳуроти умумӣ ба намоиш гузошта, дар ин раванд сахт истодагарӣ ва якравӣ мекунанд.**

Дар рисола, оиди дар давлатҳои пешқадам мавҷуд будани системаи ягонаи ҳифзи субот ва сохти конститутсионӣ дар мавридҳои бухронӣ, ки замонати комили амнияти ҷомеаро медиҳад, ишора рафт.

**Тамоми системаҳо дар болои коғаз хоҳанд монд, агар хештаншиносӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ бар маънавиёти бегонапарастӣ ғолибият пайдо накунад. Агар манзалати Илму Маърифат, Ақлсолориву Хирадгарой бар таассубу хурофот ва ҷаҳонбинии асримиёнагӣ, ки тавлидгари ифротгароиву терроризм аст, чира нагардад.**

Дар роҳи ҳалли чунин муаммо «**Ҳар халқ метавонад ва бояд аз мардумони дигар омӯзад**» (Г. Плеханов).

Агар зиёиёни Даврони Эҳёи Аврупо барои аз торикӣ, таассуби асримиёнагӣ, ҷаҳолат, фақирӣ, озод кардани миллатҳои худ **бо руҳониёни ватандӯст ва бонангу номус** ба тавофуқ расида, ҷонбозиҳо карда, ба мақсад расида бошанд, вақти он аст, ки **эҳёи миллати тоҷик ҳам аз ҷониби зиёиён ва андешамандони пешқадам, ки бо ҷаҳонбинии мардум сару кор доранд, ба як ҷабҳаи умумимиллӣ мубаддал гардад.**

**Барои ҳар нафаре, ки имкон аст, дар масири хатарноки хатои зидди манфиатҳои Ватану миллат қарор гирад, мубориза бояд бурд. Сабабҳои ин ҳолатро ошкор ва дар доираи як системаи коркардшудаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бартараф намуд.**

Мардуми Тоҷикистон бояд донанд, ки «**шуури миллӣ – шуури ягонаи тақдири таърихӣ аст**» (Н. Бердяев). Бештар аз ҳамватанони мо, дигар дар олам касе мисли худи мардуми Тоҷикистон барои субот, амният ва рушди кишвари мо манфиатдор нест.

Тавре дидем, барои Даврони Эҳёи Аврупо ду омили аслӣ истифода шудааст: **зиёиён бо руҳонияти миллатпараст** (1) ва **маводи аслӣ – ҷабҳаи маънавӣ - бозгашт ба илм, адабиёт ва фарҳанги ниёгон (2).**

Дар шароити Тоҷикистони муосир ин имконот бамаротиб қавӣ ва неруманд аст.

Хотирнишон гардид, ки **аввалан, пешоҳанги Эҳёи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аз рӯзи аввали зимоми ҳокимиятро ба даст гирифтан дар ин роҳ собитқадамона,**

**ҷоннисорона, қаҳрамонона мубориза мебарад. Ин далели таърихӣ аст.**

**Дуюм,** агар миллатҳои Аврупо фақат ба захираҳои маънавии Юнони Қадим ва Рими Қадим такя карда бошанд, **миллати тоҷик дар ин маврид, боигарии нақди сиёсӣ-таърихӣ ва тамаддунӣ бо сулолаҳои Ҳахоманишиҳо, Сосониён ва Сомониён дорад.**

**Сеюм,** бойтарин дастовардҳои фарҳангӣ ва адабиёти ҷаҳонӣ, яъне ганҷина ва хамосаҳои саромадони адабиёт, илм ва фарҳанг - Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва офаридаҳои ҷаҳоншумули даҳҳо нобиғагони дигари миллати тоҷик дар ихтиёри зиёиён, мутафаккирон, дастандаркорони соҳаи маънавиёти миллӣ қарор доранд.

**Инҳо бунёд, хазина, сарчашма ва силоҳи бузурги маънавӣ ҳастанд барои муваффақ гаштан ба амали ҳаётан муҳим – наҷот бахшидани насли имрӯза аз доми ҷаҳолат, торикӣ, таассуб, хурофот, ифротгароӣ, терроризм ва фоҷиаи навбатии умумимиллӣ.**

Агар ҳамасрони ҳушманди мо аз уҳдаи ин вазифаи таърихӣ бароянд, ояндагон баъди ҳафтсад сол ҳам ному фидокории равандагони роҳи Эҳёи миллатро дар ин шароити наздик ба хурофоти асримиёнагӣ фаромӯш нахоҳанд кард.

**Даврони Эҳёи миллати тоҷик ниёз бо кӯшишҳои бесобиқа, ғайримуқаррарӣ, ҳадафманд ва муҳимтар аз ҳама содиқона дорад.**

**Бо дарназардошти вазъи геополитикии олам, минтақа ва равандҳои дохилӣ дар ин амали ҳаётан муҳим набояд лаҳзае таваққуф кард.**

**Муъмин НАЗАР**
*доктори илмҳои фалсафа, дотсент*

# ИДЕОЛОГИЯ БАРОИ АМНИЯТ ВА ПЕШРАФТИ ҶОМЕА ЗАРУР АСТ

Идеологияи ҷамъиятӣ ва психологияи ҷамъиятӣ дараҷаҳои шуури ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд. Идеологияи ҷамъиятӣ як навъи маърифат ва баҳодиҳӣ ба воқеият дар шакли муназзаму назарӣ аз ҷониби гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад. Таҳти мафҳуми «идеология» одатан маҷмуи ормонҳо, арзишҳо, идеяву ақидаҳоро мефаҳманд, ки мавқеи иҷтимоии гурӯҳи калони иҷтимоӣ (табақа, қишр, синф), инчунин кулли ҷомеаро ифода мекунад ва ба ҳифзи манфиатҳои ин гурӯҳҳо, ба асоснок кардану ҷонибдорӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбии онҳо нигаронида шудааст. «Дар ҷое, ки манфиат ҳаст, он ҷо идеология пайдо мешавад. Дар ҷое, ки идеология ҳаст, манфиат пайдо мешавад»[1]. Дарвоқеъ ин аксиомаи ҳаёт аст.

Идеология ҳамчун маҷмуи ормонҳо, арзишҳо ва идеяҳо аҳаммияти хосса касб намуда, манфиати кулли ҷомеаро ифода менамояд ва аз ин рӯ, он аз номи ҷомеа ва тавассути ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ паҳн карда мешавад. Идеология, чун қоида, аз ҷониби ашхоси сатҳи баланди касбиятдошта, одамони аз лиҳози амаливу назариявӣ омодашуда офарида мешавад. Идеологияи таҳияшуда ва дар ҷомеа густаришёфта рисолати амалӣ дорад. Он гурӯҳҳои одамонеро муттаҳид мегардонад, ки мақсаду муҳтавои асосии идеологияи

[1] Ятимов С. Асарҳо. Ҷилди 7. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С.14.

мазкурро ҷонибдорӣ мекунанд; идеология ба самту хусусияти кирдору рафтор ва амалҳои мушаххаси одамон таъсир расонида метавонад.

Дар охири солҳои 50-уми асри XX дар афкори ҷамъиятии кишварҳои Ғарб дар бораи идеяи «деидеологизатсия»-и ҷамъият муҳокимаи доманадор сурат гирифт. Андеша мекарданд, ки замони идеологияҳои густурда ва тоталитарӣ гӯё гузашта бошад. Гуфта мешуд, ки ҷомеаи муосири демократӣ акнун ба идеология умуман ниёз надорад, азбаски он фақат воситаи суйистифода аз шуури омма аст. Пайравони чунин идея мутмаин буданд, ки одамон дар пояи иттилои мукаммали худ дар бораи ин ё он масъалаҳои ҷамъиятӣ имкони қабул кардани қарорҳои муносибро пайдо мекунанд. Аммо баъди чанд муддат дар кишварҳои Ғарб аз идеяи «деидеологизатсия» даст кашиданд. Алҳол маълум шудааст, ки деидеологизатсия ҳамчун инкори ягон идеология, худ як навъ идеология аст.

Дар он шароити муқовиматҳои ғоявӣ дар арсаи ҷаҳонӣ роҳбарон ва фаъолони ҷамъиятии давлатҳои Ғарб мақсад доштанд, ки арзишу идеалҳои сохти мавҷудаи ҷомеаи худро ҳифз ва ташвиқ намоянд. Маҳз бо ҳамин мақсад, азбаски «…сиёсат мавҷудияти идеологияро тақозо менамояд»[2], андешаҳои нав оид ба идеология ва инкишоф додани он зарур шуд.

Дар баъзе мавридҳо идеологияи ҳукмронро расман идеологияи давлатӣ унвон намекунанд, вале сарфи назар аз ин, он тавассути ҳокимияти давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма васеъ паҳн карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи моддаи 8-и Конститутсияи мамлакатамон, дар Тоҷикистони

[2] Идеологияи сиёсӣ (дастури таълимӣ) / Мураттибон: Муҳаммад А., Хидирова М. – Душанбе: Дониш, 2022. – С.10

соҳибистиқлол ҳеҷ як идеологияи ҷузъӣ ба сифати идеологияи расмии давлат эътироф карда намешавад[3]. Аммо ин маънои онро надорад, ки давлати мо идеологияи худро надошта бошад. Баръакс, идеологияи давлатамон дар сиёсати он пайгирона татбиқ ва амалӣ гардонда мешавад. Дар ин росто Пешвои муаззами миллат тазаккур медиҳанд, ки «…ғояи сиёсиву мафкуравии мо ваҳдат, ягонагӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ободонии Ватани азизамон мебошад»[4]. Ҳукумати мамлакат барои манфиатҳо, ҳадафҳо ва идеалҳои давлат ва ҷомеаи мо ҳамеша талош мекунад.

Таърих гувоҳ аст, ки давлати беидеология умуман вуҷуд надошт ва вуҷуд дошта наметавонад. Шикасти идеология баробар бо барҳамхӯрии давлат ва ё сохти давлатдорӣ аст; таърих сабақ медиҳад, ки давлат бо нобуд шудани идеологияаш худ низ нобуд мешавад.

Албатта, идеологияро идеологҳо таҳия мекунанд. Онҳо аз маводи дастрасшуда, масалан аз маҳсули соҳаҳои маънавӣ (илм, фалсафа, ҳуқуқ, дин, асотир, ахлоқ) ҳамон маводро ҷудо карда мегиранд, ки мавқею манфиати гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ, давлату миллатро возеҳтар ифода карда тавонанд ва ҳамон маводро истисно мекунанд, ки изофагӣ ва ё барои давлату миллат хатарноканд. Шояд ҳаминро ба назар гирифта, файласуфи олмонию америкоӣ Ҳанна Арендт чунин қайд кардааст: «Ҳар як идеологияи инкишофёфта ба сифати яроқи

[3] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 136 с.

[4]Эмомалӣ Раҳмон. Паёми табрикотӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ. 26.06.2014. [Манбаи электронӣ] //http://www.president.tj/node/6953 (Санаи муроҷиат: 02.12.2022)

сиёсӣ сохта, дастгирӣ кардаву такомул дода мешавад, на ба сифати таълимоти назариявӣ»[5].

Аз ин лиҳоз, дар доираи таҳияи идеология эҷодкунандагони он ба он маводҳое, ки аз консепсияву назарҳои илмӣ, фалсафӣ ва нуктаҳои динӣ иқтибос кардаанд, маънии нав мебахшанд. Масалан, назари шахсии К.Маркс дар бораи давлат як чиз аст, вале чӣ хел фаҳмидан ва тафсир кардани ин назар аз ҷониби марксистон тамоман кори дигар аст. К.Маркс бо тафсири ақидаҳояш, ки марксистон интишор мекарданд, ошно гардида, бо истеҳзо гуфта буд: «Фақат як чизро медонам, ки ман марксист нестам»[6]. Ба ҳамин монанд, идеяҳои либерализми классикии Замони навро бо тафсир шудани он аз ҷониби ислоҳотхоҳии муосир муқоиса кардан мумкин мебуд ва ғайра.

Гуфтан мумкин аст, ки идеологияро пурра ба сифати системаи дониши илмӣ, инчунин фалсафӣ ё динӣ қабул кардан нашояд. Мақсади асосии идеология сирф аз маърифат кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат нест, балки ифода намудани ягон мавқеи иҷтимоӣ, ҳифз кардани ягон манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Пас, идеология ҷанбаҳои ҳам гносеологӣ ва ҳам аксиологӣ дорад.

«Шарт нест, ки дар ҳамаи тасаввуроти идеологӣ тафсирҳои илмӣ вуҷуд дошта бошад»[7]. Агар касе даъво кунад, ки идеология комилан илм аст, пас нисбати ин шахс гуфтан мумкин аст, ки ӯ моҳияту табиати дониши идеологиро то охир дуруст нафаҳмидааст. Тафовути муҳимми илм аз

[5] Ханна Арендт о «борьбе полюсов» [Электронный ресурс] //https://dmatveev.livejournal.com/74431.html (Дата обращения: 02.12.2022)

[6] Энгельс Ф. Письмо Конраду Шмидту 5 августа 1890 г. // Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 37. – С.370.

[7] Ятимов С. Асарҳо. Ҷилди 7. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С.14.

идеология дар аст он, ки дониши илмӣ нисбати арзишҳо ва ормонҳо асосан бетараф мебошад.

Идеология системаи дониши муайянест, ки бо ақл бино карда шудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки идеология саҳнаи набардҳои ақлию зеҳнӣ мебошад. Одатан, дар доираи ин набардҳо аксари идеологияҳоро эҷодкоронашон бо унсурҳои дониши илмӣ, утопиявӣ (ормонӣ), шиорҳои сирф ташвиқотӣ ва ғайра мусаллаҳ мегардонанд. Вобаста ба гуногунии унсурҳои мазмуни ҳар як идеологияи амалкунанда, ихтилофу танқиди ҳамдигарии идеологияҳо пуршиддат мешавад.

Идеология падидаи махсуси маънавӣ аст, чунки он, дар ниҳояти кор, дар худ маҷмуи арзишҳо, идеалҳо, тарҳҳои муайяни сохти ояндаи ҷомеаро дорад, аз ҷумла он дурнамои сохти давлат, иқтисод, ниҳодҳои иҷтимоӣ (илм, дин, мактаб, ахлоқ ва ғайра)-ро тарҳрезӣ мекунад. Аз ин бармеояд, ки идеология бештар ба оянда нигаронида шуда, ба инкишофи стратегии кишвар хизмат мекунад. Ҳамзамон, идеология ғолибан ба ҳалли «масъалаҳои доғи рӯз» нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, талабот пеш меояд, ки ҳангоми эҷод кардани идеология ба кутоҳандешӣ роҳ дода нашавад, яъне ба хотири фоидаи яклаҳзагӣ барномаи дарозмуҳлати рушди ҷомеа халалдор нагардад.

Гуногунунсурии идеология ногузир фазои бисёрмазмуниро ба миён меорад. Аксарияти шаҳрвандон аз доираи ҳамин бисёрмазмунӣ барои худ арзишҳо ва дастурҳои муносибро интихоб мекунанд. Пас, дараҷаи муваффақияти идеология аз он вобаста аст, ки кадом идеалҳо, ҳадафҳо ва арзишҳоро ташвиқу тарғиб намуда, дар шуууру тафаккури одамон ҷойгир мекунад.

Ҳар як идеология, албатта, бо мақсади муайян сохта мешавад. Фақат дар асоси таҳлилҳо метавон хулосагирӣ кард, ки эҷодкорони ин ё он идеология супориши иҷтимоии гурӯҳи

муайяни иҷтимоӣ ё ҷомеаро чӣ тавр иҷро кардаанд. Бинобар ин, ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, ки байни мутахассисони соҳаҳо, масалан дар илм, фалсафа, дин, адабиёт, санъат, таърих, ҳуқуқ ва ғайра, инчунин байни идеологҳои касбӣ баҳсҳои шадид сурат мегиранд. Ҳолатҳое мешаванд, ки ҳарифон дар баррасии идеяҳои мухолиф ҳукмҳои беасосро раво мебинанд. Ба қавли файласуфи немис Петер Слотердайк, «Интиқоди идеологияҳо то даъвое расидааст, ки он ба герменевтика монанд шудааст, яъне «муаллиф»-ро беҳтар аз худи ӯ фаҳмидан»[8]. Кашфи асрори таъсирбахшии идеология ва коркарди технологияи судманди интиқоли мазмуни он ба мардум, махсусан дар арафаи интихобот, барои идеологҳо ва қувваҳои сиёсӣ кори заҳматталаб аст.

Масъалаи дигар ин аст, ки дар ҳар як идеология идеалҳои ахлоқӣ ва ҷамъиятӣ бо исрор ташвиқу тарғиб карда мешаванд, баъзан дар мавриде, ки барои амалигардонии онҳо шояд шароити лозима вуҷуд надорад. Чунин вариантҳои утопиявии идеология маънавияти фиребандаро ба бор оварда метавонанд. «Маънавиёт»-и пучу беасос тасаввуроти мутаассибонаро дар заминаи дин ё утопия ба миён меоранд, ки пайравонашон идеалҳои худро аз ақли солим ва ҳатто аз ҳаёт боло мегузоранд. Пас, масъалаи маънавияти идеология аз ин иборат аст: дарёфт кардану дақиқ ифода карда тавонистани алоқамандии байни талаботи рӯзмарраи воқеӣ ва идеалҳои воло, ки оммаро ба талошҳо ҳидоят кунад, дар ҳар як фарди ҷомеа фаҳмиши дурусти манфиатҳои ҳақиқии шахсӣ ва ҷамъиятӣ, умумимиллӣ ва давлатиро бедор кунад.

Дар ягон мамлакат ва дар ягон давраи таърихӣ масъалаи идеология ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст, яъне баҳсу

---

[8] Петер Слотердайк. [Электронный ресурс] //https://ru.wikiquote.org (Дата обращения: 10.12.2022)

талошҳо дар ин мавзуъ хотима надорад. Аз ин бармеояд, ки идеология ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво, ҳам аз ҷиҳати тарзҳои пешниҳодкунӣ ба қишрҳои мухталифи ҷомеа ҳамеша бояд таҷдиди назар карда шавад. Вале дар ҳар вазъият дар он чизи асосӣ, маҳаки устувор ҳатман нигоҳ дошта шавад, агар ин идеология ҳукмрон будан, аз догматизм озод будан, робитаи ҳаёти рӯзмарра ва идеалро ифода кардан хоҳад. Маҳз дар ҳамин рисолати идеология ҳамчун падидаи махсуси маънавӣ ҳувайдо мегардад.

Дар ҳар як давраи таърихӣ, дар ҳар як кишвар тасаввурот пайдо мешавад, ки мамлакат ва ҷаҳон ба кадом самт бояд инкишоф ёбад, кадом идеалҳоро онҳо бояд пайгирӣ намоянд, дурнамои инсоният чӣ гуна хоҳад буд. Барои ҳамаи халқияту миллатҳо ва фарҳангҳо ҳалли ягонаи ин масъалаҳо вуҷуд надорад. Масалан, ИМА имрӯз ба хубӣ медонанд, ки чӣ мехоҳанд. Ҳамчун давлати абарқудрат, онҳо тамоми ҷаҳонро майдони манфиатҳои миллии худ ҳисобида, кӯшиш мекунанд, ки рафти воқеаҳоро дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон назорат кунанд ва ҳамон ҳодисаҳоеро пешгирӣ кунанд, ки аз нигоҳи онҳо ба манфиатҳои миллиашон таҳдид мекунанд. Идеологияи ИМА аз рӯйи ҳамин принсип барпо карда шудааст.

Дар шароити муосир Тоҷикистони соҳибистиқлол сиёсати худро дар арсаи байналмилалӣ аз рӯйи принсипҳои гуманизм, адолату баробарӣ, ҳамзистии осоишта пеш мебарад. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар ибтидои истиқлоли давлатӣ дар асоси усули муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми

кишварҳои ҷаҳон муайян ва поягузорӣ гардида буд, боқӣ мемонад»[9] .

Албатта, моҳияти идеология дар вазифаҳои он ифода мегардад. Идеология дар ҷомеа вазифаҳои сершуморро иҷро мекунад. Идеология неруи бузурги тамоюлбахшӣ, муттаҳидсозанда ва сафарбарӣ дорад. Дар ин ҷода хусусан идеологияи давлат нақши назаррас мебозад, чунки бидуни муттаҳидшавии шаҳрвандон дар атрофи мақсаду арзишҳои муайян, бе дарки ҳисси шаҳрвандии аҳолӣ давлат қудратманд буда наметавонад.

Пӯшида нест, ки дар тасмимҳои муттаҳидсозии идеологӣ гоҳҳо тамоюли тоталитарӣ зуҳур мекунад, яъне идеология мехоҳад ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти одамон роҳ ёфта, дар ҳама ҷо тартибот ҷорӣ кунад. Аз ҷумла, он ҳамеша мекӯшад, ки худи ҷараёни истеҳсолоти маънавиро пурра зери назорат гирад, вале вобаста ба хусусияти истеҳсолоти маънавӣ, ин матлаб ба пуррагӣ амалӣ намешавад. Агар идеология бо худ пурра иваз кардани ҳамаи арзишҳои маънавии ҷомеаро иқдом карда бошад, он гоҳ худи ин идеология таъсирбахшию босамарии худро гум карда, оқибат барбод меравад. Аз ин хотир, «…андешаи миллӣ ва бархӯрди илмӣ бояд ҳама гуна зуҳуроти идеологиро ба таври доимӣ назорат намояд»[10]. Сониян, назоратро аз болои интишори амалии идеология, аз болои сиёсатмадорону идеологҳо нисбатан беҳтар ба роҳ мондан мумкин аст. Дар фаъолияти идеологӣ ин кор бо роҳи дахолати мустақим, бо сензура ва манъкунӣ ё бо истифода аз воситаҳои молиявӣ анҷом дода мешавад.

---

[9] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. [Манбаи электронӣ] //http://www.president.tj/node/19088(Санаи муроҷиат: 12.12.2022)

[10] Ятимов С. Асарҳо. Ҷилди 7. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С.33.

Зарур аст, ки идеология некбинона бошад, ба ҳақиқат такя кунад, воқеиятро объективона инъикос карда тавонад, бурҳони қотеъ дошта бошад. Фақат бо ҳамин сифатҳо идеология барои ҷомеа ва давлату миллат муфид буда метавонад. Чунонки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, «Ҳар як миллат ва давлат ба андеша, мафкура ё худ ғояи умумимиллӣ ниёз дорад, то он қутбнамое барои пешрафту тараққиёти минбаъда бошад»[11]. Бешак, идеология барои ҷомеа ва давлат зарур аст. Он дар пеши давлат ва ҷомеа мақсадҳо мегузорад, одамонро барои амалӣ гардонидани ин мақсадҳо руҳбаланд ва ҳидоят менамояд, шуури шаҳрвандонро аз таъсири идеологияи душманона ҳифз мекунад.

Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол идеологияи умумимиллӣ инчунин бо он мақсад тақозо мешавад, ки дар ҷомеа хатару таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла экстремизм ва терроризм, қонуншиканӣ ва ғайра пешгирӣ карда шаванд. Ҳамзамон, идеология ба ҷомеаи мо барои он лозим аст, ки пеши роҳи манқуртшавии насли наврас ва бегонапарастии он пешгирӣ карда шавад, таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар пояи худшиносии миллӣ такмил ёбад.

Маҳз идеологияи солим дар ҷомеа метавонад ба пешгирӣ кардани вайроншавии оилаҳо ва ҳалли масъалаҳои демографӣ мусоидат намояд. Ин масъалаҳо барои ҷомеаи мо низ имрӯз мубрам шудаанд. Масалан, фақат тайи шаш моҳи соли 2020 дар кишвар 5486 оила аз ҳам пошидааст. Тибқи омори соли 2019 бошад, дар Тоҷикистон 12 ҳазору 482 оила вайрон шуда

[11]Эмомалӣ Раҳмон. Паёми табрикотӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ. 26.06.2014. [Манбаи электронӣ] //http://www.president.tj/node/6953 (Санаи муроҷиат: 14.01.2023)

буд [12]. Ҳисоб кардан мушкил нест, ки дар ҳамон сол ҳар моҳе зиёда аз 1040 оила вайрон шудааст. Магар ин ташвишовар нест? Чанд нафар кӯдакон дар ин оилаҳо мезистанд? Онҳоро чӣ интизор аст? Ин мушкили хеле ҷиддӣ аст. Масъалаи демографӣ сирф масъалаи иқтисодӣ нест, балки он масъалаи интихоби системаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ ҳам ҳаст, яъне он масъалаи интихоби идеология низ мебошад.

Мусаллам шудааст, ки дар ҷангҳои «гибридӣ»-и замони муосир василаҳои мафкуравӣ аз василаҳои ҳарбӣ дида пештар ба майдони муҳорибаҳо ворид мешаванд»[13]. Аз ин лиҳоз, ба хотири поядагии миллату давлатамон, барои амалӣ намудани барномаҳои рушди давлат ва ҷомеа моро зарур аст, ки идеологияи умумимиллии худро ташвиқу тарғиб намуда, бартарии онро намоиш диҳем.

Идеологияи умумимиллӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон зарур аст, то ки ба бухтону сафсатаҳои рақибон, ҳуҷумҳои иттилоотии созмонҳои экстремистию террористӣ муқовимат карда тавонад. Таҳлилҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳанд, ки синну соли шахсони ба гурӯҳҳои ифротгаро шомилгардида асосан аз 18 то 40 сола мебошад, ки инро бояд ҳангоми гузаронидани корҳои тарғиботӣ ба инобат гирифт. Коршиносон муайян кардаанд, ки беш аз 20 ҳизбу ҳаракат ва гурӯҳҳои террористию экстримистӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти ғайриқонунӣ доранд, аз ҷумла: «ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Ҳаракати Толибон», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ансоруллоҳ», «Ҷараёни

---

[12] Давоми шаш моҳ дар кишвар 5486 оила вайрон шудааст [Манбаи электронӣ] //https://tajikpress.com/2020/07/13/... (Санаи муроҷиат: 16.01.2023)

[13] Хидирзода М. Амнияти мафкуравӣ – асоси суботи ҷомеа [Манбаи электронӣ] //https://khovar.tj/2023/01/tamini-amniyati-mafkurav-asosi-suboti-omea-andesha-oi-uzvi-kmir-mahfirat-hidirzoda-dar-oshiyai-payomi-prezidenti-to-ikiston-ba-ma-lisi-olii-um-urii-to-ikiston/ (Санаи муроҷиат: 26.01.2023)

ифротии салафия», «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат-ун-нусра», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тайба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти таблиғ», «Созмони таблиғот», «Ҳизби наҳзати исломӣ» ва ғайра. Мақсади ин ташкилотҳои экстремистию террористӣ, пеш аз ҳама, барҳам додани давлати дунявию ҳуқуқбунёд ва побанду ғуломи давлати теократӣ кардани мардум мебошад.

Мо ҳеҷ гоҳ хомӯш буда наметавонем, агар дар арсаи ҷаҳонӣ шаъну шарафи миллату давлатамонро бадхоҳону душманон паст зананд ё бе далел гунаҳкор ҳисобанд. Фақат душманони мо беибо талқин мекунанд, ки гӯё саодати миллати тоҷик бо гаравидан ба арзишҳои бегона вобаста бошад. Онҳо бо ҳар роҳу восита мехоҳанд, ки ҳамватанони моро дилшикаста созанд, ба пешрафти миллат ва давлати тоҷикон монеа шаванд, мардумро ба доми идеологии худ афтонанд. Дар чунин шароит мо – тоҷикон бояд дар муборизаҳои идеологӣ манфиатҳои ватани худро ҳифз карда тавонем. Бояд дар хотир дошта бошем, ки «…Зимни банақшагирӣ, идеологҳо ҳар як амалро, новобаста аз таъсири фоҷиабори он ба тақдири миллати ба ҳайси ҳадаф интихобшуда, мӯшикофона коркард мекунанд»[14]. Агар асосҳои консепсияи дақиқи ҷаҳонбинӣ ба ақли мардум ҷойгузин карда нашавад, пас инро ҳатман рақибони идеологиамон аз нигоҳи ғаразноки худ анҷом хоҳанд дод, чунки ноором кардани ҷомеаи мо ҳадафи асосии онҳо аст.

Дар марҳилаи муосир ҳар як давлати миллӣ ниёз ба идеологияи солими умумимиллӣ дорад. Чунонки мусаллам аст, дар охири асри XX-ибтидои асри XXI давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъияти нав дучор

[14] Ятимов С. Асарҳо. Ҷилди 7. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С.19

гардидааст. Як қатор равандҳои глобализатсионӣ, пеш аз ҳама равандҳои ҷаҳонии демократикунонӣ, иқтисодикунонӣ, иттилоотонии глобалӣ, қолабишавии фарҳангҳо ва арзишҳо ба суст шудани мавқеи давлати миллӣ сабаб мегарданд.

Раванди демократисозии саросарии ҷаҳони муосир омирона талаб мекунад, ки дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ қоидаҳои айниятнок роҳандозӣ карда шаванд. Ҳамин тавр, глобализатсия сарҳади байни сиёсати дохилию хориҷиро шикаста, сиёсати мустақилонаи давлати миллиро то дараҷае ба сиёсати абарқудратҳо мутобиқ мегардонад.

Дар ин росто ҳувияти миллӣ ба panҷаи гирои раванди иқтисодикунонӣ меафтад, ки он фазои ягонаи иқтисоди ҷаҳониро ташаккул медиҳад. Албатта, барои пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар фазои иқтисоди ҷаҳонӣ, Тоҷикистон низ ногузир ба раванди муттаҳидшавӣ (интегратсия)-и умумиҷаҳонӣ ворид шудааст. Мусаллам аст, ки фақат ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, ҷомеаи мо метавонад рақобатпазир бошад. Бо вуҷуди ин, инро аз madди назар набояд дур кард, ки дар аксари ҳолатҳо равандҳои интегратсионӣ метавонанд ҳувияти миллиро то дараҷае суст гардонанд.

Ҳамчунин бояд воқеъбинона арзёбӣ кард, ки иттилоотикунонии глобалӣ на ҳамеша ҷиҳатҳои мусбат дорад. Масалан, дар ин раванд шуури ҷомеаҳо зери таъсири давлатҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафта қарор гирифта метавонад. Ин ҳолат низ ба пойдории ҳувияти миллӣ хатар эҷод карда метавонад.

Густариши босуръати фарҳанги оммавии глобализатсионӣ дар аксари мавридҳо ҷавҳари фарҳангии ҳувияти миллиро тадриҷан нобуд мекунад. Дар ҷавоб ба ин, ҳар як давлати миллӣ ба таърих ва фарҳанги бойи худ такя карда, чораҳои ҷиддӣ меандешад. Ин раванд давом дорад, мубориза҆ҳо барои ҳувияти миллӣ ҳоло дар пеш аст. Қолабишавии арзишҳо низ

натиҷаи иттилоотикунонии глобалӣ мебошад. Дар ин раванд тавассути воситаҳои гуногуни иттилоотӣ арзишҳои кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва ИМА тарғиб карда мешаванд (вестернизатсия, американизатсия). Оқибати ин раванд алҳол чандон возеҳ маълум карда нашудааст, агарчи тахминҳо кам нестанд.

Ин мушкилоти болозикр бидуни дахолату фаъолияти муносиби давлати миллӣ ҳал шуда наметавонанд, зеро чунин давлат, пеш аз ҳама, манфиатҳои умумимиллиро пуштибонӣ мекунад. Давлати мо маҳз дар ҳамин самт фаъолияти худро собитқадамона пеш бурда истодааст ва ин сиёсат ва идеологияи давлати соҳибистиқлоли мо аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Ҳамин тавр, идеология атрибути ҷомеа ва давлату давлатдорӣ, омили ҳатмии рушд ва пешрафти онҳо буда, пажуҳиши илмии масъалаҳои идеологӣ ҳамеша муҳим боқӣ мемонад.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

## УРФӢ ВА АЙНӢ

*Шероз, ки дарёи маонигуҳар аст,*
*Якто гуҳараш Урфии соҳибназар аст.*
*Урфӣ*

Агарчи дар асрҳои охир,ба вижа асри XVIII ва XIX, бо омадани шеъри гунгу печидаи Бедил, адабиёти мо ба "сакта ва таваққуф" гирифтор шуд ва эпидемияи (вабои) тақлиду пайравии кӯр-кӯрона ба осори ин адиби тоҷикзабони Ҳинд саросари Осиёи Миёнаро фаро гирифт, бедилгароӣ як навъ мӯд шуд, аммо, ба ҳар ҳол, ном ва осори бархе аз адибони миллии мо низ дар гӯшаю канори Мовароуннаҳр, ки дар қабзаи Манғитиён буд ва ба номи давлати Ӯзбакия ба умри худ идома медод,ба чашм мерасад. Ба сухани дигар, дар қатори Бедилу Ҳофиз, ки осорашон ба хотири ирфону тасаввуф мавриди омӯзиш қарор дошт ва девонҳои туркии Навоӣ, мо ба номҳои адибоне чун Соиб, Саъдӣ, Камол, Хусрави Деҳлавӣ, Фирдавсӣ, Мавлавӣ ва ғайра низ рӯ ба рӯ мешавем, ки ин, албатта, аз таназзули адабиёт ва рӯҳи миллӣ дарак медиҳад. Бад-ин маънӣ, муаллифи китоби "Шоири оинаҳо"- Шафеъии Кадканӣ чунин навиштааст: "Аз Ҳофизу Бедил, ки бигзарем, шоирони дигаре, ки бешу кам дар муҳити адабии Мовароуннаҳр ҳузури ошкортаре доранд, яке Саъдист, дигаре Соиб аст. Фирдавсию Мавлавию Камоли Хуҷандию

Хусравии Деҳлавӣ ҳам дар гӯшаву канор ҳузур доранд, аммо на ба вусъати Бедилу Ҳофиз"[1].

Дар ҳақиқат, дар ин асрҳо бедилгароӣ чунон авҷ гирифта буд,ки ҳар шоиру муташоир, ки қалам ба даст мегирифт, ҳатман дар пайравии Бедил қаламфарсоӣ мекард ва як навъ маҳорати худро месанҷид ва ба намоиш мегузошт. Бад-ин маънӣ, дар ин қарн адибе набуд, ки аз ин эпедемияи (вабои) бедилгароӣ эмин монда бошад ва ба тақлиди ӯ напардозад ва чизе нагӯяд. Воқеан, Бедил ва осори чистонгунаи ӯ дар ин асрҳо ном ва осори адибони миллии моро таҳтушшуоъ қарор дода буд. Албатта, ин аз инҳитоти рӯҳи миллӣ, ки аз набудани давлати миллӣ берун меояд, хабар медиҳад. Мо дар ин ду аср аз олимону адибони миллии худ, аз ҷумла Рӯдакӣ, Абӯшакур, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Закариёи Розӣ, Берунӣ, Хоқонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Умари Хайём, Мавлавӣ, Биноӣ, Мушфиқӣ, Сайидо ва дигарон қариб, ки ному нишоне намебинем. Мардум на танҳо номи миллати худро аз ёд бурдаву бехотира шуда буд, ки ҳатто номи адибони бузурге чун Рӯдакию Носири Хусравро низ аз ёд бурда буданд, намедонистанд, ки миллати мо ин гуна шоирони бузург доранд. Барои он ки сухани мо бодалел бошад, ба гуфтори устод Сотим Улуғзода рӯ меорем, ки дар ин боб дар китоби "Субҳи ҷавонии мо" гуфта: "Талабагонро пешакӣ хабардор карда монда буданд, ки "профессор Андреев омада бо шумо суҳбат мекунад. Мо дар интизори вай дар ошхона ҷамъ шуда нишаста будем. Профессор ба хона дохил шуд, ба мо бо лаҳҷаи софи тоҷикӣ "ассалому алайкум, бачаҳо!" салом дод. Мо, ки аз лаҳҷаи тоҷикии ин марди рус дар ҳайрат монда будем, ба саломаш даррав алек ҳам нагирифтем... Профессор ба назди мо барои навишта

[1] Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Шоири оинаҳо. – Теҳрон, 1387. – С. 111.

гирифтани баъзе хусусияти шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ омада будааст. Аммо кам-кам саргарми гуфтугӯ шуда, қаламу дафтарашро як сӯ гузошта, чизҳоеро ба ҳикоя кардан даромад, ки мо дар умрамон нашнида будем. “Бача, ту аз куҷоӣ?” – муроҷиат кард профессор ба як нафари мо. Талаба ҷавоб дод, ки аз Бухорост. Профессор ба мо аз таърихи Бухоро ва ривоятҳои оид ба пайдоиши ин шаҳр баъзе чизҳоро нақл кард. Баъд аз он аз талабаи бухорӣ боз пурсид:

-Ту Рӯдакиро шунидаӣ? – Рӯдакӣ-мӣ? Аз одамҳо шунида будам: дар қадим ҳамин хел як валӣ гузашта будааст. – Профессор лабханде карду гуфт: - Не, вай валӣ набуд... Рӯдакӣ ҳамватани бузурги туст, вай бисёр одами аҷоиб буд... Вақте ки ту дар ин ҷо хонда кӣ будани Рӯдакиро донистӣ, вайро дӯст хоҳӣ дошт.

Пас аз он Михаил Степанович аз зиндагонии нахустин ва бузургтарин шоири тоҷик ҳикоятҳои шавқовар кард ва баъзе шеърҳои шоирро аз ёд хонда дод. Ғазали машҳури шоир “Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён” ба мо бисёр хуш омад.

*Бӯйи ҷӯйи Мулиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме,*
*Реги Ому бо дуруштиҳои ӯ*
*Зери по чун парниён ояд ҳаме.*

Шоир дар ин ғазали худ ҳусну латофати шаҳри азизаш Бухороро васф мекунад. Ривояти машҳуреро, ки бо ин шеър алоқаманд аст, мо дар он рӯз аввалин бор аз забони М.С.Андреев шунидем. Назар ба ин ривоят, амири Сомонӣ дар он вақт аз пойтахти худ Бухоро ба Ҳирот рафта, муддате дар он ҷо монда будааст; шеъри Рӯдакиро ба ӯ пагоҳӣ дар вақти мӯза пӯшида истоданаш мехонанд. Амир бо шунидани

ин шеър ба чунон ҳаяҷоне меояд, ки ҳамон соат як пойи мӯза пӯшид ва пойи дигараш нопӯшида, ба асб савор шуда роҳи Бухороро пеш мегирад.

Михаил Степанович дар бораи бузургони дигари аз байни халқи тоҷик баромада ҳам ҳикояҳо кард. Вай афсӯс хӯрда мегуфт, ки тоҷикон ба сабаби садҳо сол дар қайди зулм, торикӣ ва бесаводӣ монданашон шоирон ва олимони бузурги худро дуруст намешиносанд ё ки фаромӯш кардаанд. Аммо акнун шумоён, - мегуфт профессори рус, - бояд кӯшиш кунед, ки онҳоро зудтар шиносед ва шуҳрати онҳоро дар байни халқи худатон зинда гардонед. Онҳо ба тоҷикон дӯстдории илму маърифат ва санъатро ёд медиҳанд. Баъд аз он М.С.Андреев аз як ҷавони помирӣ пурсид, ки вай Носири Хисравро медонад ё на? Ҷавони помирӣ ҷавоб дод, ки Шоҳносири Хисравро пайғамбар мегӯянд ва помириён ба вай ихлос доранд. Мо талабагони ғайрипомирӣ бошем, ин номро аввалин бор буд, ки мешунидем. Профессор қаламашро бесаброна ва беихтиёр ба стол тӯқ-тӯқ зада гуфт:

- Бале медонам, ихлос доранд... Бузургони гузаштаро шумо "шоҳ" медонед ё "валӣ". Ва ҳол он ки Носири Хисрав на валӣ буд на шоҳ. Вай овораи ҷаҳон, шоир ва файласуф буд. Як умр аз шоҳу валиҳои замон, ки мехостанд ӯро аз барои фикри ҳақиқатҷӯй ва озодихоҳаш дастгир карда кушанд, гурезон буд ва дар ғор зиндагонӣ мекард... Ман як шеъри ӯро барои шумо мехонам, бубинед, ки вай чӣ гуна шеърҳои хуб мегуфт:

*Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,*
*Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост*
*Бар ростии бол назар карду чунин гуфт:*
*К-имрӯз ҳама рӯи замин зери пари мост!*
*Гар авҷ бигирам, бипарам аз назари шед,*
*Мебинам агар заррае андар таги дарёст.*
*Гар бар сари хошок яке пашша биҷунбад,*

*Ҷунбидани он пашша аён дар назари мост".*
*Бисёр манӣ карду зи тақдир натарсид, -*
*Бингар, ки аз ин чархи ҷафопеша чӣ бархост:*
*Ногаҳ зи камингоҳ яке сахткамоне*
*Тире зи қазову қадар андохт бар ӯ рост,*
*Бар боли уқоб омад он тири ҷигардӯз*
*В-аз абр мар ӯро ба сӯи хок фурӯ кост,*
*Бар хок биафтоду бигалтид чу моҳӣ*
*В-он гоҳ пари хеш кашид аз чапу аз рост,*
*Гуфто: "Аҷаб аст ин ки зи чӯб асту зи оҳан,*
*Ин тезию тундию паридан-ш куҷо хост!"*
*Зи тир нигаҳ карду пари хеш бар ӯ дид:*
*Гуфто: "Зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост".*
*Носир, ту маниро аз сари хеш бадар кун,*
*Бингар ба уқобе, ки манӣ карду чиҳо хост.*

Ман аввал ин шеърро он қадар нафаҳмидам, зеро маънои бисёр калимаҳои он ба ман торик буд. Аммо ҷавони помирӣ, ки ин шеърро ҳамчунин аз ёд медониста ва хуб ҳам мефаҳмидааст, ба ман фаҳмонд; ман онро навишта гирифта аз ёд кардам"[2].

Мо барои нишон додани таназзули рӯҳи миллӣ ин гуфтори муқаддаси Айниро низ ба орият мегирем, ки аз бехабарӣ, гумроҳӣ ва бедилзадагии адибони мо дар он адвор ба мо хабар медиҳанд: "Дар аҳдҳои охирӣ, баъди 1200 ҳиҷрӣ, дар Бухоро ва Мовароуннаҳр дар назм, наср тақлиди Бедил шуҳрат гирифта, ҳар аҳлу ноаҳл,ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро аз ҷумлаи татимаи камоли худ мешуморид. Аҳмади Калла, бо вуҷуди камоли ихлосу камоли ақидааш дар бораи Бедил, дар тақлиди услуби Бедил мубориза эълон карда, худ осори манзумаву мансурашро дар

[2] Сотим Улуғзода. Мунтахабот. – Ҷ.1. – Душанбе:Ирфон,1982. – С. 269-271.

камоли содагиву равонӣ навиштанро илзом кард. Мусоҳибони худро низ аз тақлиди Бедил манъ мефармуд. Услуби Бедилро махсуси истеъдоду маслаки бедилӣ медонист. Ба амсоли Қозӣ Абдулвоҳид Садри Сарир, Домулло Абдулфазли Сират ва Исо-Махдуми Муфтӣ, ки муосиру мусоҳибони Аҳмад-махдум буданд, ин талқинот беасар намонд. Эшон баъд аз он ки дар овоили ҳол дар назму наср Бедилро тақлид карда буданд, дар овони охирӣ соданависиро машқ менамуданд [3].

Дар мадрасаву мактаб низ аз Рӯдакию  Фирдавсию Носири Хусраву Низомиву Хоқониву Камолу Биноиву Ҳотифиву Мушфиқиву Урфиву Назириву Толиб ва дигар симоҳои миллӣ ному нишоне набуд, танҳо девони Ҳофизу Бедил ва девонҳои туркии Фузуливу Навоиро мехонданд. Муҳаммадҷон Шакурӣ аз ин гуна таназзул ёфтани рӯҳи миллии мо бо "қаноатмандӣ" чунин хабар медиҳад: "Дар асрҳои охир дар бисёр мактабҳои  ибтидоии тоҷикӣ (қариб дар ҳамаи шаҳрҳо) мунтахаби "Чор девон"-и ӯзбекии Навоӣ ва ғазалиёти озарии Фузулӣ китоби дарсӣ қарор ёфта буд"[4]. Дигар, номи Улуғбек ҷойи Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Берунӣ ва дигар олимони миллии моро гирифта буд.Тошхоҷаи Асирӣ гӯяд:

*Улуғбек буд, дар асраш расад сохт,*
*Ба панҷоҳаш нигаҳ нокарда, сад сохт...*
*Улуғбек ин ҳама асрор фаҳмид,*
*Зи илми коинот овард тасдиқ...*[5]
*Ва Аҷзирост:*
*Улуғбек ибни Шаҳрух бинни Темур*

---

[3] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе:Адиб, 2010. – С. 201.
[4] Муҳаммадҷон Шакурӣ. Пайванди замонҳо ва халқҳо. – Душанбе: Ирфон, 1992. – С. 55.
[5] Асирӣ. Гулшани адаб. - Ҷ.5. Душанбе:Ирфон, 1980. – С.403-404.

*Дил аз илму маориф дошт пурнур* [6].

Рӯдакию Фирдавсию Ибни Синову дигар адибону олимони миллии мо гӯё мурда буданд, ки дар кунҷи фаромӯшӣ афтода буданд, на онҳоро ёд мекарданд, на осорашонро таълим медоданд. Эшон танҳо дар замони Шуравӣ зинда шуданд,ба барномаҳои таълим ворид гардидаанд. Аз ин рӯ, адибони мо аз ин рухдоди бузург, яъне инқилоб, ҳолати бади адабиёт ва адибони мо то замони озодӣ бо як эҳсоси волои миллӣ ва хуррамӣ дар ашъорашон ба хонандагон хабар додаанд:

*Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,*
*Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун* [7].
*Турсунзода*

*Рӯдакиро кард бино Инқилоб,*
*Дод умри нав ба Сино Инқилоб* [8].
*Лоиқ*

Аммо устод Айнӣ, ки нобиға ва марди ҳассосу пурмутолиа буд ва зарари осори Бедилро ба адабиётамон пай бурда буд, андак-андак аз осори Бедил фосила гирифт, дурӣ гузид ва рӯ ба шоирони миллӣ, аз ҷумла Саъдӣ, Ҳофиз, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Камол, Ҷомӣ, Қоонӣ ва дигарон овард. Урфӣ, ки аз поягузорон ва шоирони нисбатан содагӯйи сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад, низ мавриди таваҷҷуҳи устод Айнӣ қарор гирифт. Ногуфта намонад, ки осори Урфии Шерозӣ барвақт ба Мовароуннаҳр омада буд ва мавриди тақлиду пайравии аҳли қалам қарор гирифта буд. Мо таъсири шеъри ӯро дар осори Сайидо, Кошиф, Парӣ ва дигар адибони Мовароуннаҳр бармало боздид менамоем. Чунончи:

---

[6] Ҳамон ҷо. – С. 434.
[7] Мирзо Турсунзода. Куллиёт. – Ҷ.1.Душанбе:Ирфон, 1981. – С. 190.
[8] Лоиқ.Хонаи дил. – Душанбе:Ирфон, 1982. – С. 154.

*Сайидо, дорам нигори маҳваши ширинсухан,*
*Чун табибон аст доим бар сари болини ман,*
*Рӯзи марги худ муборак бод гӯям бар бадан,*
*"Гар ба тори зулфи ӯ,Урфӣ, бидӯздандам кафан,*
*Хоки ман то рӯзи маҳшар накҳати анбар диҳад"* [9].

*Сайидо*

*Дар ин гулшан муҳол аст аз дарахти умр бар хурдан,*
*Муяссар нест з-ин ҳасратсаро ҷуз доғи дил бурдан,*
*Намеарзад матои даҳр, Кошиф, бо дилозурдан,*
*"Чунон бо неку бад, Урфӣ, ба сар кун, к-аз паси мурдан*
*Мусулмонат ба замзам шӯяду ҳинду бисӯзонад"*[10].

*Кошиф*

*Парӣ, "бо неку бад месоз" гуфт, Урфӣ,пас аз мурдан,*
*"Мусулмонат ба замзам шӯяду ҳинду бисӯзонад"* [11].

*Парӣ*

Воқеан, Урфӣ аз аввалин намояндагони сабки ҳиндӣ аст, ки осораш дар Мавороуннаҳр паҳн шудаву мавриди тақлиду пайравии аҳли адаби ин сарзамин гардида буд. Садрӣ Саъдиев гӯяд: "Дар нимаи дуюми асри XVII дар шеъри тоҷикӣ дигаргунии услубие падид омада, эҷодиёти бештари шоиронро фаро гирифт. Ин тағйироти услубии шеър нахуст дар эҷодиёти як қатор сухансароёни навпардози Эрону Хуросону Ҳиндустон Урфии Шерозӣ (1555-1591), Назирӣ (ваф.1602), Нозими Ҳиротӣ (1601-1671), Соиби Табрезӣ (1603-1677), Абутолиби Калими Кошонӣ (ваф.1650), Толиби Омулӣ (ваф.1623), Шавкати Бухороӣ (ваф.1695), Носиралии Сирҳиндӣ (ваф.1695) ва ғайра буданд. Ҳар яки ин шоирон сабки хоссаи

[9] Миробид Сайидои Насафӣ. Куллиёт. - Душанбе:Дониш, 2018. – С. 406.
[10] Муҳаммадаминхоҷа Кошиф. Ашъори мунтахаб. – Душанбе:Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – С.214.
[11] Мероси адабии шоирони Ҳисор- Душанбе,1974.-с. 94.

худро доштанд, вале умумияти онҳо дар навпардозӣ ва тарзи тозаи сухан буд. Ин ҳамон тарзи нави шеър аст, ки ҳоло дар адабиётшиносӣ шартан сабки ҳиндӣ номида мешавад. Вале пешиниён, аз ҷумла Малеҳо, онро "шеъри тарз", "тарзи нав" ва монанди инҳо таъбир кардаанд. Бояд гуфт, ки агарчи ин сабк ҳоло бо номи "ҳиндӣ" машҳур аст, вале он асосан дар эҷодиёти шоирони Эрон ва Хуросон ба вуҷуд омада ва такомул ёфта буд" [12].

Тавре ки мебинем, осори Урфӣ аз замони зиндагиаш на танҳо дар ватанаш Эрону Хуросон, Ҳинду Туркиву Усмонӣ, балки дар Мовароуннаҳр низ густариш ва шуҳрат ёфта будааст. Аз ин рӯ, мо бо намунаҳои осори ӯ дар китоби "Чаҳор гулзор"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки дар асри 16 зиндагиву эҷод кардааст, низ рӯ ба рӯ мешавем:

*Ҳар сӯхтаҷоне,ки ба Кашмир дарояд,*
*Гар мурги кабоб аст,ки бо болу пар ояд* [13].

*Моро ба коми хеш бидиду дилаш бисӯхт,*
*Душман,ки ҳеҷ гоҳ мабодо ба коми мо* [14].

Лозим ба ёдоварист, ки Малеҳо дар тазкираи худ дар бораи Урфӣ, дар бахши "Имтиёзи шеъри Урфӣ ва Нозим", як байти ӯро аз маснавии "Хусраву Ширин"-и ӯ ( Калиди ганҷи маъни деҳ ба дастам, Вагарна мастам, инак дар шикастам") оварда, ибтидо аз ҳусни шеъри Урфӣ ва баъд қубҳи он сухан мегӯяд, аммо аҳли сухани Мовароуннаҳр интиқоди Малеҳоро ба шоири бузурге чун Урфӣ қабул намекунанд ва мегӯянд; "Ин сухани ту абас аст ва ин ҳарфи бадро магӯй, ки хубон ба хубии

[12] Садрӣ Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. – Душанбе, 1985. – С. 55-56.
[13] Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе:Шарқи озод, 1988. – С. 36.
[14] Ҳамон ҷо. – С. 72.

ин байт қоиланд,ту нафаҳмидаӣ”[15]. Аз ин далелҳо, ки андаке аз бисёранд, маълум мешавад, ки Урфӣ дар Мовароуннаҳр аз шуҳрати хос бархӯрдор будааст ва то омадани шеъри гунгу печидаи Бедил (аввали асри 18) чун намояндагони аввали он- Назирӣ, Толиб, Калим, Соиб ва дигарон мавриди тақлиду пайравии шоирон будааст. Ӯ ҳатто дар замони ҳукмронии шеъри Бедил (асрҳои 18-19) низ мавриди таваҷҷуҳи шоирон будааст. Шоирон ба шеъраш пайравӣ мекарданд, ба ғазалҳояш мухаммас мебастанд, ки яке аз онҳо устод Айнӣ будааст.

Бояд гуфт, ки дар бораи Урфӣ пеш аз Малеҳо Мутрибии Самарқандӣ дар “Тазкират–уш-шуаро”-и худ маълумот додааст. Чунончи, ӯ гуфта: “Урфӣ аз шуарои маъруфи соҳибкамол аст. Таваллуд дар вилояти Шероз намуда, таҳсили улум ҳамон ҷо карда, саромади фузалои замон гардида буда. Девони ашъори ӯ дар назари ин фақир даромад, бағоят абёти хуб дорад, маонии бадеъро дар алфози латиф мудӣ гардида. Байт:

*Ба ҳар байти Шоҳӣ назар кун, бубин,*
*К-аш огоз хубу ниҳоят хуш аст.*

Чунин гӯянд, ки дар ҳамаи фанни шеър зуфунун буда ва дар ҳамаи ақсоми шеър табъаш диққат менамуданд. Чунончи, китоби маснавӣ мусаммо ба “Хусраву Ширин” ва “Маҷма-ул-абкор” ном дар ҷавоби “Махзан-ул-асрор”-и Шайх Низомии Ганҷа гуфта буда, ки бағоят мустаҳсани табоъ менамуданд. Гӯё аз вилояти Шероз тӯтии табъаш майли шакаристони Ҳинд намуда. Ба маҷлиси Ҳумоюнӣ, Хусрави Ҷамҷоҳи анҷумсипоҳ Ҷалолиддин Муҳаммади Акбарподшоҳ расида, эҳтироми тамом ёфта. Фааммо, аҷаб олиҳиммат буда, ки табъи латифаш

[15] Тазкираи музокир-ул-асҳоб ё тазкират-уш-шуарои Малеҳои Самарқандӣ. – Душанбе:Пайванд, 1385. – С.630-631.

ба ҷавоиз ва марсуми салотин қатъан илтифот намефармуда ва доим-ул-даҳр дар кисвати озодагӣ авқот ба сар мебурда. Гӯё, ин байт дар шаъни ӯ воқеъ шуда:

*Дарёдилему ҳиммати мо фориг аз дур аст,*
*Гар дасти мо тиҳист, вале чашми мо пур аст.*

Ва ин рубоиаш, ки тақрибан хуб воқеъ шуда, шоҳиди ҳамин маъност:

*Урфӣ, дили мо кеш дигаргун накунад,*
*Дарюза ба ҷуз даруни пурхун накунад.*
*Сомони биҳишт агар дар ин куча кашанд,*
*Умед сар аз дарича берун накунад.*

Ва аз ҷумлаи махсусоти ӯ дар фанни шоирӣ яке он аст, ки тахаллуси худро дар аксари рубоиёташ оварда ва ин тариқаро кам шоире илзом намуда. Ашъори ӯ холӣ аз ҳоле нест. Ва ин ғазали ҷонсӯз аз ӯст:

*Зи рӯйи оташи сӯзон агар хошок мерӯяд,*
*Шаҳидони муҳаббатро гиёҳ аз хок мерӯяд.*
*Куҷо гардад ниҳон хунрезии чобуксавори ман,*
*Ки гар дасте нигаҳ дорад, сар аз фитрок мерӯяд.*
*Чӣ суд аз боғи ҷаннат, ҷилвагоҳи ёрро нозам,*
*Ки он ҷо ҷон фишонанду дили ғамнок мерӯяд.*
*Бубин бар зарқи зоҳид хандаи гулҳои баҳориро,*
*Бубин к-аз гӯшаи дастори ӯ мисвок мерӯяд.*
*Ба ҳар ҷо ғамзаи ӯ тег бар каф меравад Урфӣ,*
*Шаҳиди хунгиёҳи ташналаб аз хок мерӯяд" [16].*

Зимнан, агарчи устод Айнӣ дар бораи Урфии Шерозӣ мақола ва осари алоҳида нанавиштааст, аммо ба осори ӯ ошно будааст. Аз ин хотир, вай ба осораш на танҳо пайравӣ

[16] Султон Муҳаммад Мутрибии Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. – Теҳрон, 1377. – С. 563-565

менамояд, балки аз вай, ба ин ё он навъ, дар ин ё он ҷой, ба ин ё он мақсад, ёд менамояд. Масалан, дар хотимаи китоби "Мирзо Абдулқодири Бедил" дар бораи забони осори шоир, муғлақ, душвор будани он, ки ба талаботи замони адиб иртибот мегирад,чунин изҳори ақида менамояд: "Бедил дар бобати забон ҳам фарзанди содиқи замони худаш шуда мондааст. Маълум аст,ки аз охирҳои асри XV сар карда, дар наср ва баъдҳо дар назм иборахо ва ташбеҳҳои каснофаҳм ва ё душворфаҳм "санъат" шуда монда буд. Адабиётшиносони феодалии он замонҳо баландии санъатро ба нисбати мутлақии тарзи ифодааш муайян мекарданд. Дар назм намояндагони ин тарз Урфии Шерозӣ, Шавкати Бухороӣ ва Носиралии Сарҳиндӣ мебошанд" [17].

Устод Айнӣ дар пешгуфтори китоби "Чор дарвеш" низ аз Урфӣ ёд менамояд.Ин ёдкард ба Хусрави Деҳлавӣ (асри 13) тааллуқ надоштани китоби "Чор дарвеш" иртибот мегирад. Устод Айнӣ ҳамчун донандаи таърихи адабиёт, сабкшиносӣ, ошно бо тазкираҳо, осори адабиётшиносони форсизабони Ҳинд равшан мекунад, ки ин китоб дар асри 18 ё 19 иншо шудааст, зеро дар он ашъори шоироне оварда шудаанд,ки баъд Хусрави Деҳлавӣ, дар асрҳои XIV- XVIII, зиндагию эҷод кардаанд. Аз ҷумла Ҳофизи Шерозӣ (асри 14), Урфии Шерозӣ (асри 16), Шопури Теҳронӣ, Фонии Кашмирӣ (асри 17), Ғайратӣ (асри 18). Албатта, номи Урфиро овардани устод Айнӣ ва шеърҳои ӯро ҷой додани муаллифи номаълуми китоб, аз як сӯ, аз огоҳии вай аз ашъори Урфӣ хабар диҳанд, аз сӯйи дигар, аз мақоми баланди Урфӣ дар шеъру адаби мо мужда мерасонанд. Бинобар ин, устод Айнӣ менависад. "Аммо касе, ки ин китобро бо муҳокима ва диққати дуруст хонда мебарояд, мефаҳмад, ки ин асар ба Хусрави Деҳлавӣ ҳеҷ

[17] Мирзо Абдулқодири Бедил.

як алоқа надорад. Чунки муаллифи ин қиссаҳо дар рафти воқеаҳо шеърҳои машҳури Ҳофизи Шерозиро (баъзеҳояшро бо тахаллуси Ҳофиз), якчанд байт аз тарҷеъбанди Абдураҳмони Ҷомиро, ки сарбандаш "Биншинаму бо ғами ту созам, Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам" мебошад ва инчунин шеърҳои Урфии Шерозӣ, Шопури Теҳронии Ҳиндустонӣ, Муҳсин Фонии Кашмирӣ ва Ғайратӣ барин шоиронро, ки баъд аз замони Хусрав дар дунё зиндагӣ кардаанд, меорад"[18].

Тавре ки аз ин иқтибос мебинем, устод Айнӣ на танҳо ба Урфӣ ва осори ӯ, балки ба шоирони номдори дигари сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Шопури Теҳронӣ, Фонии Кашмирӣ, Ғайратӣ, ки ҳатто олимону хонандагони имрӯзи мо ҳам аз онҳо хабар надоранд, ошно будааст, ки ашъорашонро шинохтаву ташхис кардааст. Агар аз осори онҳо бохабар намебуд, наметавонист чунин ҳукми огоҳонаву одилонаву оқилона намояд. Умуман, устод Айнӣ нобиға, алломаи замони хеш будаанд ва аз таъриху илму адабиёт вуқуфи зиёд доштаанд. Ӯ на фақат Бедил, балки Соибу Урфию Шавкату Носираливу Нозим, Мирзо Мазҳари Ҷонон ва дигар намояндагони маъруфи сабки ҳиндиро ба хубӣ мешинохта ва ба осорашон ба андозаи кофи ошно будааст. Аз ин рӯ, дар осораш аз онҳо байту порчаҳо овардааст. Масалан, аз ин байт, ки ӯ дар мақолаи "Гургон гӯсфандро чи гуна пора карда фурӯ бурданӣ" овардааст, ҳамагон хабар доранд, аммо аз шоири маъруфи сабки ҳиндӣ-Сайдии Теҳронӣ будани онро на ҳама медонанд:

*Аз ин худком ёрон ранги улфат мепарад моро,*
*Ки баҳри сайди моҳӣ хушк мехоҳанд дарёро* [19].

Мо ин гуна суханро дар бораи байти машҳури "Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад, Ин тифли нозпарвари ман

[18] Чор дарвеш. – Душанбе:Ирфон, 1985. – С. 3-4.
[19] Садриддин Айнӣ. Осори баргузида. – Ҷ.1. – Душанбе:Ирфон, 1977. – С. 174.

дарбадар шавад"-и Урфӣ, ки устодон Айниву Турсунзода пеш аз маргашон мукаррар мехонданд, низ гуфта метавонем. Воқеан, хонандагон гумон мекарданд, ки он байти боло аз устодон Айниву Турсунзода аст, аммо ин байт аз Урфии Шерозӣ мебошад, ки устод Айнӣ дар як ғазалаш,ки дар пайравии Урфӣ навиштааст, онро ҳамчун матлаъ тазмин намудааст, аммо мураттибон онро ҳамчун катиба овардаанд, ки иштибоҳ аст. Ин аст он ғазали устод Айнӣ :

*"Тарсам,ки ман бимираму гам бепадар шавад,*
*К-ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад".*
*Гар баҳравар шуда дилам аз гам, шигифт нест,*
*Хӯ карда дил ба ҳар чӣ,аз ӯ баҳравар шавад.*
*Маъюсиям бубин,ки баробар бувад, маро*
*Дил аз замона гар нашавад шоду гар шавад.*
*Ҷорист ҷӯи об зи чашмам,вале нашуд*
*Вақте ки нахли матлаби ман борвар шавад,*
*Шояд яке зи мастӣ намеояд абрӯе расад,*
*Шодам, чу сар ба тори ҳаводис сипар шавад.*
*Парво надорам,аз сари ман ҷон равад, валек*
*Тарсам,ки дарди ишқи ту бо ҷон баробар шавад.*
*Бар ман гами фироқи ту, Айнӣ, ба сар шуда,*
*"Тарсам,ки ман бимираму гам бепадар,"*[20]

ки дар пайравии ин ғазали машҳури Урфӣ, ки шаклҳои гуногун дорад, аммо дар куллиёти ӯ ба тарзи зер омадааст, навиштааст;

*Чашмам на баҳри хеш дами назъ тар шавад,*
*Тарсам, ки ман бимираму гам дар ба дар шавад*
*Ҳаргиз ба рӯи дӯст надидам,ки дил нагуфт*
*Таскини шавқи ман ба нигоҳи дигар шавад.*
*Мо гирядӯстему ту нозукдилу кунун*

[20] Садриддин Айнӣ. Куллиёт. – Ҷ.8. – Душанбе,1981. – С. 68.

*Сеҳре бикун,ки гиряи мо беасар шавад.*
*Маъшуқро карашма баланд аст, пас чаро*
*Озурда аз маломати кӯтаҳназар шавад.*
*Раҳмат ба кас наёмаду аз дардам огаҳӣ,*
*Бозича нест,ин ки ба хотир бадар шавад.*
*Лутфаш фузуд шукр,ки ин доги ҷонгудоз*
*Гар марҳамаш зиёда ниҳӣ,рештар шавад.*
*Урфӣ,ба ков-кови гамаш дам ба дам нафас,*
*Чун завқи ташнагӣ, ба лаби хеш дар шавад* [21].

Зимнан бояд гуфт, ки устод Лоиқ дар шеъри "Баъди ту", ки ба устод Мирзо Турсунзода бахшида шудааст, чунин мегӯяд: "Солҳои охир аз забони устоди бузургвор Мирзо Турсунзода байти зеринро такрор ба такрор шунидаам":

*Тарсам, ки ман бимираму гам бепадар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад.*

*Тарсам, ки низ баъди ту гам бепадар шавад,*
*Ин бепадар ба ӯҳдаи мо бештар шавад.*
*Шеъре, ки аз дил ояду ҷону ҷигар,*
*То боз бар диле расад,хуни ҷигар шавад...*

*Дар шоирӣ зи баъди ту гар кӯҳна гар навем,*
*Аз офтоби назми ту як мила партавем.*
*Ғам бепадар шавад, чи гам ,ин худ сазои ӯст,*
*Тарсам,ки баъди марги ту мо бепадар шавем...*[22]

"Бояд гуфт, ки агар устод Лоиқ ин байтро "солҳои охир аз забони устоди бузургвор Турсунзода шунида" бошад, тибқи гуфтаи Муҳаммад Осимӣ, устод Турсунзода онро аз забони

[21] Куллиёти Урфии Шерозӣ. – Ҷ. 1. – Теҳрон, 1378. – С. 570.
[22] Лоиқ. Хонаи чашм. – Душанбе:Ирфон, 1998. – С.145.

устод Айнӣ пеш аз маргаш шунида будааст. Бинобар ин, ӯ дар мақолааш "Ба ёди дӯст" чунин мегӯяд: "Тахминан 20-уми сентябри соли 1977-ум аз сафар баргаштам. Бародарам Аслиддин маро пешвоз гирифта гуфт, ки саломатии Мирзо Турсунзода хеле вазнин аст. Фавран ба бемористон рафтам. Устод зери рӯйҷойи сафеди оҳарӣ мехобиданд. Мӯю рӯяшон бо куртаи сафед ҳамранг буд. Маро дида аз ҷо нимхез шуданд: -Бародари азизам, сафаратон дер кашид, ман хеле пазмон шудам. Шабу рӯз чашмам ба роҳатон чор буд. Ман аз тайёрӣ ба ҷашни устод Айнӣ хавотирам. Шумо ба ин кор бояд ба таври ҷиддӣ машғул шавед. Ман аз саломатии устод пурсидам. Он кас бо дасти рости худ ишораи боэътиноӣ карда, боз ба сари мавзуи ҷашн баргаштанд; -Баъзе рафиқон ба қадри устод намерасанд, хӯрдагирӣ мекунанд. Онҳо хидмати устодро дар назди тамаддуни тоҷикон фаромӯш мекунанд. Устод Айнӣ дар солҳои вазнини таърихи миллатамон чӣ тавр ҷасурона ҳаққу ҳуқуқи онҳоро ҳимоя карда буд. Айнӣ пуштибон ва падари маънавии миллати парокандаи мост. Ӯ то нафаси охирин ғами адабиёт, фарҳанг, ғами тақдириояндаи тоҷиконро мехӯрд. Ӯ дар рӯзҳои охирин ҳаёти худ байти зеринро ба такрор мехонд:

*Тарсам, ки ман бимираму гам бепадар шавад,*
*В-ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад.*

Мирзо ин байтҳоро хонданду дар чашмонашон ашк ҳалқа зад. 24-уми сентябри соли 1977-ум қалби инсони бузург, он қалбе ки дар худ на танҳо ғами миллати худ, балки ғами бани башарро гунҷонда буд, аз тапидан монд. Шогирдони бовафои Мирзо Турсунзода на танҳо хотири устоди худро пос

медоранд, балки намегузоранд, ки ғами миллат бепадар шавад"[23].

Хулоса, устод Айнӣ аз шоирони маъруфи давраи аввал ва авҷи сабки ҳиндӣ на танҳо ба осори Соиб, балки ба осори Урфӣ низ ошно будааст ва як ғазалашро мавриди тазмин қарор дода, ду маротибаи дигар аз ӯ ба мақсадҳои мухталиф ёд кардааст. Якум, дар "Асари Мирзо Абдулқодири Бедил", дувум, дар пешсухани "Чор дарвеш". Гузашта аз ин, устод Айнӣ дар асари" Духтарбача ё ки Холид"-и худ, дар бахши "Хату савод дар бозор фурухта намешавад",чунин менависад: "Падари Холида Маҳмудбой ба духтараш нигариста гуфт: "Ҷон духтарам! Худат хуб медонӣ, ки баҳри ту чизеро дареғ намедорам. Ҳар чизи хоҳиши дилатро, ки дар бозор бошад, ҳозирам харида диҳам. Вале чизи пурсидаи ту бо пул ёфт намешавад. Хатту савод дар бозор фурӯхта намешавад. Барои бохатту савод шудан кӯшишу ғайрати ту лозим аст. Агар ба мактаб рафта, чанд вақт дарс хонӣ, хатту саводатро мебарорӣ". [24] Воқеан, ин фикраи устод байти машҳури Урфиро фарёди мо меорад,ки гуфта:

*Ҷаҳон бигаштаму дардо, ки ба ҳеҷ диёр*
*Наёфтам,ки фурӯшанд бахт дар бозор [25].*

---

[23] Ҷамолиддин Саидзода. Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад… Адабиёт ва санъат,

[24] Садриддин Айнӣ. – Ҷ.3. – Душанбе: Дониш, 2017. – С. 218.

[25] Куллиёти Урфии Шерозӣ. – Ҷ.2. – Теҳрон, 1378 . – С.119.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илмҳои фалсафа*

# СУРИЯ ҲАМЧУН НАМУНАИ ИБРАТОМӮЗИ ДАВЛАТСОЗӢ

Чунон қаҳтсолӣ бишуд дар Димишқ,
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.

Таърихи навини башар собит намудааст, ки ҳар қадар иқтидори зеҳнӣ ва худшиносии миллии мардуми як кишвар боло равад, ҳамон қадар пояҳои давлатдорӣ ва қудрати сиёсиву тавоноии он давлат афзуда, дар баробари ҳама гуна хатарҳои берунӣ истодагарӣ карда метавонад. Махсусан, дар шинохти навини ҳувияти миллӣ, ки марбут ба даврони пасоистеъморӣ буда, баъд аз ҷанги аввалу дуюми ҷаҳонӣ дар иддае аз кишварҳои ҷаҳон сурат гирифт, ин раванд давлатҳои миллии наверо дар назми нави ҷаҳонӣ ба вуҷуд овард, ки бо такя ба таърих, фарҳанг ва иқтидори зеҳнии хеш тавонистанд дар як муддати кутоҳ рушд намуда, дар баробари муқовиматҳои шадиди геополитикӣ истодагарӣ намоянд.

## Сайри такомули таърихии давлатдории Сурия

Аз кишварҳои Шарқи Наздику Миёна Сурияро метавон мавриди баррасӣ қарор дод, ки дар ду қарни охир бо боло гирифтани ҳувияти милливу эҳсоси баланди худшиносӣ ва давлатмеҳварӣ дар муқобили хатарҳои геополитикиву тавтеасозии қудратҳо истодагарӣ намудааст. Мардуми ин кишвар аз замони расидан ба огоҳии миллӣ дар давоми ду қарни охир барои озодиву истиқлол ва нигоҳ доштани давлати милливу дунявии худ пайваста мубориза бурданд. Ҳатто аз

шикастҳои худ муваффақият сохтанд. То ҳануз руҳияи мубориза ва ғолиб омаданро дар баробари ҳама гуна душманон аз даст надода, манфиатҳои миллии хешро ҳифз мекунанд.

Таҳлили таърихи навини Сурия аз дараҷаи баланди ҷасорат ва худшиносии миллӣ, давлатмеҳвариву арҷгузорӣ ба низоми дунявӣ дар ин давлат шаҳодат медиҳад. Дар маҷмуъ, ин тарзи андеша пайкараи қавии миллиро ба миён оварда, сурягиҳо тавонистанд, ки дар муқобили терроризими ҷаҳонӣ истодагарӣ намоянд.

Сурияи ҳозира, ки дар гузашта ҳамроҳ бо кишварҳои Урдун, Лубнон, Фаластин бахше аз сарзамин Шом маҳсуб мешуд, таърихи бештар аз панҷ ҳазор сол дорад. Қабл аз тасаллути мусулмонон бар ин кишвар, қавмҳои сомӣ, орамӣ, мисрӣ, ошурӣ, бобилӣ, юнонӣ, римӣ ва эронӣ дар давраҳои гуногун ин кишварро сукунатгоҳи хеш намудаанд ё онро барои муддате тасарруф кардаанд ва нишонаҳое аз тамаддуни хоси хешро ба ёдгор гузоштаанд.

Дар Сурия давлатҳои аввалин давлатҳои шумерию бобулӣ буданд, аммо то замони лашкаркашии Искандари Македонӣ ин ҳудуд дар тобеияти императории ҳахоманишҳо буд. Бо омадани Искандар ин минтақа тобеи давлати юнонию бохтарӣ мегардад.

Сурия баъди зуҳури масеҳият муддате дар тобеияти императории Рим қарор мегирад. Дар он давра масеҳият ҳамчун дини расмӣ пазируфта мешавад. Пас аз зуҳури дини ислом қисмате аз мардуми Сурия онро қабул карданд.

Тавре аз хронология бармеояд (*тамаддуни Шумериҳо солҳои 2130 - 1250 пеш аз мелод, Аккодиҳо 2200 - 2250 пеш аз мелод, Умуриҳо 1880 - 2200 пеш аз мелод, Бобулиҳо 2450 - 3500 пеш аз мелод, Орамиҳо 1800 - 795 сол пеш аз мелод, Ошуриҳо 1050 – 600 пеш аз мелод, давраи Ҳахоманишӣ 550 - 333 пеш аз мелод,*

*императории селовакӣ 333 - 43 пеш аз мелод, шоҳаншоҳии Сосониҳо солҳои 402 - 439 мелодӣ, хилофати Рошиддин 661 – 750, хилофати Уммавӣ 750 – 1258, салтанати Аюбӣ 750 – 1358, салтанати Мамоликӣ 1260 – 1517, императории Усмониён 1516 – 1918, давраи англисию фаронсавӣ 1918 – 1920, салтанати Фаронса бар Сурия 1920 – 1946*), таърихи Сурия пур аз шебу фарозҳо буда, ин кишвар танҳо дар соли 1946 соҳибистиқлол гардидааст.

**Арзишҳои номусӣ ва ватандории халқи Сурия, оштинопазирӣ дар қиболи душманони дохилӣ ва хориҷӣ**

Сурия дар дарозои мавҷуди хеш борҳо ба тамаддунҳои гуногун махлут шудааст. Тақрибан тамоми бархӯрдҳо ва ишғолгариҳо, ки дар Шарқи Наздик рух додаанд, таъсири худро ба ин сарзамин гузоштаанд. Ба чунин раванд пеш аз ҳама мавқеи ҷуғрофии Сурия мусоидат намудааст, ки дар як роҳи иртиботие байни Шарқу Ғарб ва мавқеи стратегӣ қарор дорад. Албатта, тамоми муборизоти суриягиҳоро наметавон дар як мақола дарҷ намуд, вале давրони нави ин кишварро, ки бо такя ба худшиносии миллӣ саршор аз муборизоту истодагарӣ барои истиқлол аст, зикр намудан бамаврид мебошад.

Аз нигоштаҳои таърихӣ бармеояд, ки мардуми Сурия ҳамеша мардуми мубориз, ғаюр ва дар муқобили ҳамагуна таҷовузе, ки ба хоки ин кишвар шудааст, истодагарӣ намудаанд. Аз даврони ниҳоят қадими таърихӣ боқӣ мондани ёдгориҳои фарҳангии Бобулӣ ва Шумерию Аккодӣ, инчунин ҳамчун қавмият боқӣ мондани халқияти суриёнӣ, ки ҷузъе аз таркиби қавмии имрӯзаи Сурияро ташкил медиҳанд, далели ин гуфтаҳост.

Нишондодҳои таърихӣ бар онанд, ки мардуми Сурия ҳануз пас аз вуруди аврупоиён ба ин минтақа, аз асрҳои 18, 19 барои озодии худ ҳамеша муборизa бурдаанд. Аввалин ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва шӯришҳои Шарқи Наздик бар муқобили бегонагон маҳз дар қаламрави Сурия сурат гирифтааст. Аз ҷониби мустамликадорони Ғарб борҳо кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то рӯҳи озодихоҳии мардуми Сурия шикаста шавад. Аз ин лиҳоз дар ин қаламрав фаронсавиҳою англисҳо аз тамоми анвои таъсиррасонӣ, аз ҷумла, зудудани ҳувияти миллӣ истифода намудаанд. Вале мардуми ғаюру озодихоҳи Сурия муборизаи худро барои озодию истиқлол идома додаанд.

Ҳанӯз пас аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ мардуми Сурия барои ташкили шоҳигарии алоҳидаи кишвари худ зери роҳбарии Шоҳ Файсал аз хонадони Ҳошимӣ талош карданд. Вале Фаронса ва Британияи Кабир ба ин иқдом монеъ шуданд ва ҳудуди Либияро аз Сурия ҷудо намуданд.

Яке аз бартарияти муборизаи мардуми Сурия дар он буд, ки пас аз шикасти императории Усмонӣ дар маҳдудаи ин кишвар ҳувияти баланди миллӣ ташаккул ёфт ва мардуми ин сарзамин новобаста ба гуногунии таркиби аҳолӣ (арабҳо, суриёниҳо, курдҳо, туркҳо, армянҳо, яҳудиҳо ва ғ.) барои расидан ба озодию истиқлол муборизаи муташаккилонаро роҳандозӣ намуданд.

Мардуми Сурия ҷиҳати ташкили низоми ҷумҳуриявӣ аз қабл дар мубориза қарор гирифтаанд. Онҳо ҳануз соли 1928 Маҷлиси миллии хешро таъсис дода, Сурияро давлати соҳибистиқлол эълон менамоянд. Дар ҳамон сол аз ҷониби Маҷлис конститутсияи наве қабул карда шуд, ки тибқи он тобеят ба фаронсавиҳо инкор карда мешуд. Дар ибтидои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ вақте Фаронса аз тарафи миллатгароён ғасб шуд, манотиқе, ки таҳти мустамликаи Фаронса қарор

доштанд, худро Фаронсаи озод эълон намуданд. Бо сарварии Дегол Сурия ва Ливия бори дигар мустақилият эълон карданд. Дар соли 1943 ҳокимияти Фаронса розигии худро ҷиҳати таъсис додани парлумон ва истиқлолияти ин қаламрав эълон мекунад ва ахиран дар соли 1948 фаронсавиҳо маҷбур мешаванд қушунҳои худро аз қаламрави Сурия берун баранд.

Тавре аз далелҳои таърихӣ бармеояд, ҳеҷ қавме ба мисли суриягиҳо барои ба даст овардани истиқлолияту озодӣ ин қадар сахт мубориза набурдааст. Яъне дар давоми 30 сол онҳо 5 бор барои ба даст овардани истиқлолият мубориза бурдаанд. Агарчи 4 маротиба истиқлоли эълон кардаи онҳо аз тарафи фаронсавиҳо эътироф нагардида, ба шикаст мувоҷеҳ шуда бошад ҳам, вале дар охир соли 1946 онҳо тавонистанд истиқлоли комили кишвари хешро ба даст дароранд.

## Нақши идеологияи миллӣ дар таҳкими давлатдории Сурия

Идеяи асосии миллиандешиву миллатгароии арабӣ маҳз дар Сурия ба вуҷуд омада, пайравони ин ҷараён бештар кӯшиш мекарданд, ғояи миллиро бар ғояи динӣ болотар гузошта, ҷиҳати ба ҳам овардани таркибҳои гуногуни динию эътиқодӣ мусоидат намоянд. Қобили қайд аст, ки ҳануз ҳангоми шаклгирии давлати Туркия ва инқилоби Мустафо Камол дар иддае аз кишварҳои арабӣ низ ҷараёнҳои миллӣ шаклгирӣ намуданд. Идеологияи миллии Мустафо Камол аз 6 банд иборат буд. Аввал, тарзи идоракунии ҷумҳуриявӣ, ки боиси рушди миллият гардида, давлатҳои миллиро ба вуҷуд меорад. Дуюм, бартарӣ додани миллатҳои давлатсоз. Сеюм, идеяи халқият, ки моҳияти он пеш аз ҳама барои бартараф намудани ихтилофҳои дохилӣ равона гардонида ба ҳамаи халқиятҳо ҳуқуқҳои баробар дода шавад. Чорум, дунявияти

давлат ба ҳисоб меравад, ки барои ба вуҷуд овардани ягонагии миллӣ мусоидат мекунад ва ҳамагуна ихтилофҳои мазҳабиро аз байн мебарад. Панҷум, идеяи батанзимдарорандаи тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ будани давлат, яъне маҳз давлатмеҳварӣ метавонад миллатро ба самти шукуфоӣ раҳнамоӣ созад. Шашум инқилобгароӣ, ки дурнамои пешрафти иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар заминаи ин 6 принсипи Мустафо Камол натсионализми арабӣ низ ба вуҷуд омад ва дар заминаи он ҳизби "Баас" дар Сурия ташаккул ёфт.

Бояд қайд кард, ки яке аз идеологҳо ва поягузорони ҳизби "Баас" Мишел Афлокӣ (араби масеҳӣ) ва дигаре аз онҳо Заки ал Арсузӣ (мусалмон) буд. Маҳз ин ду нафар дар Сурия идеологияи миллӣ ва лоиҳаи миллиро ба вуҷуд оварданд, ки баъдан он на танҳо дар Сурия, балки дар дигар кишварҳои арабӣ низ шакл гирифта, таъсиргузор шуд. Натсионализми арабӣ махсусан дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ташаккул ёфта, пас аз хотимаи ҷанг ба анҷом расид.

Пайравони миллатгароии арабии Сурия мехостанд идеологияи худро дар дигар кишварҳои арабӣ амалӣ созанд. Таҳаввулоте, ки дар Миср соли 1954 сурат гирифт, маҳз бо кӯшиши миллатгароёни Сурия рух дод. Инқилобе, ки дар Миср амалӣ карда шуд, маҳз аз ҳамин идея маншаъ мегирад, ки натиҷаи он давлати шоҳигарии Миср аз байн бурда шуд. Насир мехост як давлати ягонаеро байни Сурияю Миср ба вуҷуд оварад. Рӯйи ин лоиҳа корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва дар соли 1958 қароре қабул карда шуд, то дар заминаи ин ду давлат Ҷумҳурии муттаҳидаи арабӣ таъсис ёбад. Қобили зикр аст, ки солҳои 50- уми қарни гузашта, даврони шукуфоии худшиносии миллӣ арабӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 1958 яке аз муҳимтарин воқеаҳое, ки дар Шарқи наздик ба вуқуъ пайваст, табаддулоти ҳарбӣ дар Ироқ

буд. Дар натиҷаи он  Ироқ низ ба шакли нави давлатдорӣ гузашт.

Як нуқтаро зикр кардан зарур аст, ки дар он иттиҳодияи ба вуҷуд омада, Насир Сурияро ҳамчун шарики баробарҳуқуқ намедонист. Вай чунин меҳисобид, ки танҳо Миср давлати ҳақиқӣ аст ва давлатҳои дигар, қабилаҳое ҳастанд, ки дорои парчами худанд. Чунин тарзи бархӯрд боиси норозигии мардуми  Сурия гардид. Аз ҷониби дигар  мушкилоти дигари иҷтимоие, ки дар ҷомеаи Сурия бархост, он буд, ки ҷомеаи мисрӣ бештар хусусияти анъанавию кӯҳнагарой дошт. Ҳарчанд англисҳо дар он инфрасохторҳои муҳим ва навро ба вуҷуд оварда буданд, вале мардум тарзи тафаккури анъанавӣ доштанд.

Аммо дар Сурия тафаккури пешқадам ҷой дошт. Вақте Насир кӯшиши ба вуҷуд овардани ислоҳот кард, боиси бархӯрди шадиди синфи миёнаи Миср шуд. Натиҷаи он бо табадуллоти ҳарбӣ дар соли 1961 анҷом ёфт ва Сурия худро давлати алоҳида аз Миср эълон намуд. Аз солҳои шастуми қарни гузашта ду раванди нав дар ҷомеаи Сурия оғоз мешавад. Яке бозгашт ба иттиҳод бо Миср ва дигаре дорои давлати мустақил будан. Ин ҳолат то солҳои 70-ум идома дошт.

Аз соли 1963 шуруъ карда, давлатмардони Сурия дар дуроҳа қарор доштанд, ки рушди минбаъдаашон бо роҳи сотсиалистӣ бошад ё капиталистӣ. Пешоҳангони ҳизби "Баас" лоиҳаи сотсиолизми миллиро пешниҳод менамоянд.

Соли 1963 табадуллоти нави ҳарбӣ дар Сурия сурат мегирад, ки дар натиҷаи он ҳокимият ба дасти ҳизби "Баас" мегузарад. То ҳанӯз  ҳокимият дар Сурия дар дасти ин ҳизб қарор дорад.

Ҳофиз Асад ҳамчун роҳбари кордону сахтгир низоми ҳукуматдорӣ ва давлатдориро дар Сурия мустаҳкам намуд, ки

то имрӯз бо вуҷуди фишору дахолати қудратҳои ҷаҳонӣ истодагарӣ мекунад. Хусусияти дигари ҳукуматдории Сурия самтгирӣ ба арзишҳои дунявӣ аст. Зеро арзишҳои дунявӣ дар тули таърих ҳамеша ҷиҳати тақвияти давлатҳои миллӣ ва ба қудрат табдил ёфтани онҳо хидматҳои хуберо анҷом додаанд.

Сурия ҳануз аз солҳои аввали ташкилёбии худ ба арзишҳои дунявӣ такя намуда, баробарҳуқуқии зану мардро эътироф намуд. Ҳуқуқи дар интихобот баробар бо мардон ширкат варзидани занонро ҳануз соли 1949 қабул намуда буд. Чунин роҳкор, ки такя кардан ба дунявият буд, сиёсати Асадро барои аксарияти ҷомеаи суриёнӣ қобили қабул намуд. Зеро такя кардан ба дунявият дар Сурия тавонист ҳамзистии осоиштаи намояндагони дину боварҳо ва қавмияту халқиятҳои гуногунро таъмин кунад ва барои пешрафти кишвар мусоидат намояд.

Аммо барои ҷомеаи Сурия мушкили ҳамешагӣ радикализми исломӣ буд ва то имрӯз боқӣ мемонад. Қобили зикр аст, ки ҳануз дар баробари ташкилёбии ҳизбҳои гуногуни сиёсии арабӣ, аз ҷумла, ҳизби "Баас", ки хусусияти миллӣ дошт, ҳизбҳои динӣ, аз ҷумла, дар соли 1928 «Ихвон- ул- муслимин» (аосгузораш он Ҳасан ал Банно) дар Миср ба вуҷуд омада, ба Сурия низ интиқол ёфт.

«Ихвон- ул- муслимин» аз лиҳози назарияву идеологӣ ба сохти дунявию демократӣ ва баробарҳуқуқии зану мард мухолифат намуда, танҳо қонунҳои шариатро асоси зиндагӣ ва ҷомеаи мусалмонон меҳисобид. Чунин тарзи муносибат ба ҳизби "Баас" ва низоми давлатдории Сурия сахт мухолиф буд. Ҳамин буд, ки аз соли 1963, пас аз сари қудрат омадани ҳизби "Баас" фаъолияти «Ихвон-ул -муслимин» дар Сурия боздошта шуд.

## Саҳми Сурия дар муқовимат бо терроризми байналмилалӣ ва шаклгирии низоми нави ҷаҳонии орӣ аз терроризм

Қобили зикр аст, ки қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ ҳамеша барои бароварда кардани манфиатҳояшон аз исломи фундаменталӣ ва сиёсӣ суиистифода намудаанд. Дар дарозои таърихи соҳибистиқлолии давлати Сурия борҳо ҳокимияти сиёсӣ ва низоми дунявӣ мавриди ҳамлаҳои геополитикӣ қарор гирифтааст, ки тавассути радикализми исломӣ роҳандозӣ шудаанд.

Ҳаводиси солҳои охири Сурия низ аз он далолат мекунад, ки мухолифин сохтори сиёсии Сурия аз радикализми исломӣ дар муқобили он истифода менамояд.

Бо оғози «баҳори араб» ва бо таъсири Ғарб рух додани инқилобҳо дар кишварҳои арабӣ, дар Сурия низ вазъият ноором гардид. Соли 2011 пас аз интихоботи навбатӣ дар Сурия Башшор Асад аксарияти овозҳоро гирифта, Президент интихоб шуд. Аммо қудратҳои манфиатдори Ғарб дар муқобили ҳукумати ӯ гурӯҳҳои мухолифро ба вуҷуд оварда, аз радикализми исломӣ истифода намуданд. Ташкилоти террористиро бо номи ДИИШ дар минтақа ба вуҷуд оварданд.

Роҳбарияти Сурия ҷиҳати нигоҳдошти давлати дунявии худ аз тамоми унсурҳо истифода намуд. Махсусан, арзишҳои номусии халқи Сурия ки ин оштинопазирӣ дар муқобили душманони дохилию хориҷӣ аст. Тавре аз таҳлили таърихӣ аён аст, суриёниҳо ҳамеша ҷиҳати нигоҳ доштани давлати хеш аз тамоми аносир истифода намуда, новобаста аз гуногунии таркиби қавмият ва таркиби динӣ бар алайҳи ҳамагуна таҷовузи хориҷӣ, хусусан, терроризми байналмилалӣ истодагарӣ намуданд.

Агарчи дар ибтидо ДИИШ тавонист қисмате аз кишвари Сурияро ишғол кунад ва ба он иддае аз кишварҳои манфиатдор кумак намуданд, вале ҳамбастагии миллии суриёниҳо имкон фароҳам овард, ки ҳамаи қишрҳои ҷомеа барои ҳифзи кишвар ба по бархезанд ва дар муқобили таҳдиди бунёдӣ, ки ҳадафаш аз байн бурдани давлат буд, истодагарӣ намоянд.

Ҳар фарди ин кишвар бо ҷасорати истисноии миллӣ зидди хатари пешомада бархоста, иттиҳоди воқеии миллиро дар муқобили терроризми байналмилалӣ ба вуҷуд оварданд. Роҳбарияти давлати Сурия нақши бориз ва ояндабинонаро дар муқобили даҳшатафканони хориҷӣ бозида, тамоми ақшори ҷомеаро дар муқобили ин хатари бунёдсӯз ба кор андохтанд.

Саркардагон ва аъзоёни ДИИШ, инчунин ташкилотҳои дигари террористӣ бо мақсади даҳшатафканӣ ва шикастани руҳияю иродаи низомиён ва кормандони сохторҳои қудратии Сурия аз шеваҳои ваҳшиёнатарину касношунид, аз ҷумла, ба таври оммавӣ тирборон кардан, дар назди издиҳоми одамон сар буридан, дар қафаси оҳанин зинда сӯзондан, аз тан ҷудо кардани сар, парондану ғарқ намудан, таҳқиру фишори занону духтарони онҳо, истифода мекарданд. Бо мақсади тарс додану пароканда кардан мехостанд сохторҳои қудратию артиш ва низоми давлатдориро дар Сурия аз байн баранд.

Аммо террористони манфур бо вуҷуди ин ҳама даҳшату ваҳшат рӯҳияи мардуми огоҳ, аз ҷумла, низомиёну кормандони сохторҳои қудратии Сурияро шикаста натавонистанд. Баръакс, онҳо бо зоҳир намудани ватандӯстию озодихоҳии бемисл дар атрофи сарвари худ муттаҳид гардиданд ва Ватан, давлат, истиқлол, номусу шарафи худро ҳифз намуданд.

Сурия бо иттиҳоду ҳамбастагии хеш собит намуд, ки ваҳдати мардумӣ, ирода ва неруи инсонӣ, дарки манфиатҳои миллӣ ва бартарии ҷаҳонбинии илмӣ бар алайҳи ҷаҳонбинии динӣ дар шуури ҷамъиятии мардум, мустақиландешию назари танқидӣ доштан дар баробари руйдодҳо ва бедории фикрию пойбандӣ ба арзишҳои давлатдории милливу дунявӣ метавонанд бар терроризми ҷаҳонӣ ғолиб оянд. Ҳарчанд дар ибтидо қисмате аз қаламравҳои ин кишвар аз ҷониби ДИИШ тасарруф шуда, вайрониҳои зиёде ба миён омаданд, вале артиши миллии Сурия ва роҳбарияти кишвар иродаи сиёсии худро аз даст надода, дар муқобили терроризми байналмилалӣ мубориза бурданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ савганди ҳарбии худро нашикастанд ва устуворона дар баробари ин хатари умумибашарӣ мубориза бурданд.

Ҳарчанд иддае аз кишварҳо ба хотири роҳандозӣ кардани ДИИШ сараввал аз демократия ва масъалаи ҳуқуқи башар ҳарф дар миён гузошта, аз тамоми найрангҳои геополитикӣ истифода карданд, вале иттиҳоди мардумӣ давлатмеҳварӣ ва фаъолияти дурусти роҳбарияти давлати Сурия гурӯҳҳои террористиро шикаст дод ва ба онҳо ғолиб омад.

Қобили зикр аст, ки дар ин бархӯрд гурӯҳҳои террористӣ аз саросари ҷаҳон ҷамъ омада буданд. Аз ҷумла, террористони зодаи Осиёи Марказӣ, Россия, кишварҳои дигари ИДМ низ дар ин ҷанг зидди Сурия меҷангиданд. Роҳбарияти сиёсии давлати Сурия ба хотири рафъи ин хатари байналмилалӣ, ки на танҳо таҳдид ба Сурия, балки ба саросари ҷаҳон ҳам буд, иттиҳоди кишварҳоро бар алайҳи терроризми байналмилалӣ ба миён оварданд. Бо кӯмаки баъзе кишварҳо эътилофи зиддитерористӣ ташкил намуда, ДИИШ-ро ҳамчун хатари байналмилалӣ  аз байн бурданд.

Бо таҳлили вазъият ва руҳияи мардуми Сурия метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳувияти миллӣ, дарки давлатмеҳварӣ,

ҳамбастагии мардумӣ, дарки салоҳиятҳои касбию ҳарбӣ, арҷгузорӣ ба давлату миллати хеш, амалкард дар баробари ҳамагуна хатарҳо метавонад ҳар гуна кишварро истеҳком бахшад ва онро муқовиматпазиру неруманд созад.

Дар ҳоли ҳозир, ки хатари ифротгароии динӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдид мекунад, кишварҳои моро низ зарур аст, ки аз таҷрибаи муқовимат ва истодагарии Сурия истифода кунанд. Зеро иттиҳоду ҳамбастагии воқеии миллӣ, давлатмеҳварӣ, бартарияти ҳувияти миллӣ бар ҳувияти динӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои дунявӣ, ки омили асосии ваҳдати миллию мардумианд, метавонад моро аз хатари радиклизми динӣ берун оварад.

## Муқоисаи амалкарди неруҳои ифротии Сурия ва ТТЭ ҲНИ дар таҳрики ҷанги шаҳрвандӣ

Қобили қайд аст, ки монандиҳое дар шаклгирии радикализми исломии дар Сурия ба вуқуъ пайваста ва заминаҳои он дар Осиёи Миёна, бахусус, дар Тоҷикистон низ ҷой доранд. Тавре зикр шуд, заминаи аввалини радикализми исломӣ дар муқобили давлати дунявию миллии Сурия ҳанӯз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияташ аз тарафи «Ихвон -ул- муслимин» ба вуҷуд омада буд. Ахиран, дар ҳаводиси солҳои 2014 – 2021 тавассути ДИИШ зуҳур намуд ва он ба терроризми ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Айнан ҳамин гуна шабоҳат дар таърихи навини Тоҷикистон низ мавҷуд аст. Аз охири солҳои 80- ум ба миён омадан ва шаклгирии ТТЭ ҲНИ, ки низ марбут ба радикализми исломӣ асту ҳадафи бунёдиаш аз байн бурдани давлати миллию дунявии Тоҷикистон буд, мисоли ин гуфтаҳост. Бо расидан ба истиқлол, роҳандозӣ намудани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва куштори дигарандешон,

муаллимону духтурон, ҷорӣ намудани қонунҳои шариат ва дар маҷмуъ сабаби куштори 150 ҳазор нафар шудан аз амалҳои ТТЭ ҲНИ аст.

Дар шаклгирии ин ташкилот ҳам ба мисли шаклгирии ДИИШ дар минтақаи Сурия ва Ироқ, таъсири «Ихвон- ул-муслимин» ҷой дорад. Далели мазкур бозгукунандаи он аст, ки ТТЭ ҲНИ агарчи зоҳири хешро мудерну мардумсолор ҷилва медиҳад, вале он айнияти ДИИШ аст.

Қабл аз шаклгирии ДИИШ дар Сурия созмонҳои ҳуқуқи башар аз дифои демократияю ҳуқуқи башар ҳарф дар миён гузошта, роҳро барои зуҳури ин гурӯҳи террористӣ ҳамвор намуданд.

Ҳоло моро низ зарур аст, ки дар баробари амалкардҳои ТТЭ ҲНИ, ки ҳар замоне ба сурати дигар медарояд, ҳушёрона ва огоҳона амал намоем. Зеро он ҳар замон метавонад ба гурӯҳи хашине мисли ДИИШ табдил ёбад. Ба ибораи дигар ТТЭ ҲНИ ҳамеша душмани ҳувияти миллӣ, давлати миллӣ, истиқлол ва пешравию рушди кишвар буду ҳаст. Набояд аз ин душмани бунёдӣ ноогоҳ бошем ва ё амалкардҳои онро сарфи назар намоем.

Имрӯз ҳамаи ҷомеаи Тоҷикистонро зарур аст бо зоҳир кардани ҳамбастагӣ, ваҳдати миллӣ, дарки давлатмеҳварӣ, ҳифзи истиқлолу озодии кишвар, масъулиятшиносӣ дар баробари ояндагон аз тамоми таҷрибаи кишварҳое, ки ба чунин хатар мувоҷеҳ шуда, устуворона дар муқобили он истодагарӣ карда, пирӯз берун омадаанд, аз ҷумла, аз таҷрибаи ибратомӯзи Сурия дуруст истифода намоем ва давлату миллати худро қавӣ гардонем.

**Умед НАЗАРОВ**
*унвонҷӯйи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

## ҲАБИБУЛЛОИ КАЛАКОНӢ - ЭҲЁГАРИ АНЪАНАИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН ДАР ХУРОСОНИ ТАЪРИХӢ

*Пас аз он ки бар тахти шоҳӣ нишаст,*
*Шукӯҳи Хуросон биёмад ба даст.*
*Наҷиби Борвар*

Тоҷикон ва форсизабонони Хуросон ҳамчун миллати фарҳангсолор, соҳибихтиёр ва тамаддунофар дар имтидоди таърих ҳамеша саҳми басазои худро дар рушди тамоми соҳаҳои давлатдорӣ, зербинои ҷомеа, иқтисод, тиҷорат, илм, фарҳанг, адабиёт, меъморӣ ва ҳунар гузоштаанд.

Онҳо хайри ҷамъӣ ва салоҳдиди умумимардумиро ба инобат гирифта, ҳама вақт барои ҳифзи тамомияти арзӣ, густариши адолат, нангу номуси мардум ва барқарории давлати марказӣ мубориза бурдаанд. Мурури кӯтоҳе ба таърихи Афғонистони муосир нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷик нуфузи «файзбор ва шарафосор»[1] дар ташаккули маданият ва зеҳнияти ҷомеаи кишвари ҳамсоя доштааст. Шаҳрҳои Ҳирот, Мазори Шариф, Кобул, Зобул, Самангон, Сиистон, Гандаҳор, Куҳандиж, Ҷавзгон, Ғур, Каписо, Парвон ва Ғазнӣ, водиҳои тамаддунофар аз қабили дараи Каён, дараи Панҷшер, дараи Сӯф, дараи Шимолӣ, дараи Соланг, дараи Хинҷону Андароб, дараи Ғур, Чордара, дараи Толаву Барфак,

[1] Ибора аз Улуғзода С. «Восеъ», -Душанбе. – Ирфон. -1968. эзоҳи муаллиф.

Ҷувайдара, дараи Роғистон, дараи Асмор ва ғайрае, ки ҳамчун маркази тамаддуни мардуми бумӣ қадр афрохтаанд ва дар он ҷо ҳувият ва фарҳанги миллӣ шакл гирифтааст, ба таври дастаҷамъӣ то аввали асри 20-ум макони зисти тоҷикон будааст.

Як назари иҷмолӣ ба ин шаҳрҳо ҳақиқатеро бармало месозад, ки дар Афғонистон кӣ аксарият аст ва кӣ ақаллият? «Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад», ки дар шаҳрҳо аксари мардум зиндагӣ мекунад ва таҷамуи муассисаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва муҳити созгори илмӣ-фарҳангӣ сокинони деҳотро дар ҳар кишвари дилхоҳ ба шаҳр ҷалб мекунад ва онҳо бо саросер шудан ба ин марказҳо фарҳанги шаҳрнишиниро имтиҳон мекунанд. Элфингстон, сайёҳ ва низомии англис, вақте ки дар аввали асри 19 ба вилояти Нангарҳор, ки ҳоло хилофи адолати таърихӣ паштуннишин ҳисобида мешавад, меояд, эътироф мекунад, ки аз 11 ноҳияи ин вилоят дар 9-тои он тоҷикон сукунат доранд.

Тамоми тадқиқоти таърихие, ки аз тарафи пажӯҳишгарони рус ва аврупоӣ то ҳол анҷом дода шудааст, бо такя ба далелҳои қавӣ, ковишҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарҳанги тоҷикон на танҳо дар таъсирпазирии халқу мардуми Афғонистон, балки дар пайдоиши халқҳои нав, ки забон ва фарҳанги точиконро эътироф ва пурра пазируфта, дар он марҳилаи тамаддуниро гузаштаанд, саҳмгузор аст. Чунончи, ба ин қишри мардум – ҳазораҳо, паштунҳои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ такаллум мекунанд ва фарҳанги мардуми таҳҷоиро ҷузъи ҳувияти худ мепиндоранд. Ҳатто дар зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ халқе дар вилоятҳои Тахор ва Бадахшони Афғонистон сукунат доранд, ки худро «туркони порсигӯ» меноманд ва созише дар сарҳади ҳувиятӣ бо тоҷикон ба вуҷуд овардаанд.

Тоҷикон давлатҳои мустақил ва империяи комилҳуқуқ дар ҳудуди Афғонистони имрӯза доштанд, ки империяи Кӯшониён аз ҷумлаи онҳост. То соли 90-уми асри гузашта, чунин пиндошта мешуд, ки кӯшониён кӯчманчӣ будаанд, вале катибаи Работак, ки ба дасти Канишка – шоҳи кӯшонӣ навишта шудааст ва шарҳи ҳоли ӯро дарбар мегирад, як инқилоби илмӣ дар бораи пайдоиши ин сулола зам намуд. Шоҳ Канишка дар катибаи Работак, ки дар чанд километрии пойтахти вилояти Самангон – Айбек ва сарҳади вилояти Бағлон ёфта шудааст, аз шаҷараи авлодии худ сухан кушода, иқрор мешавад, ки аз ирқи ориёӣ мебошад.

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби ягон гурӯҳ ва ҳукумате то ҳоло сарфи назар нашудааст. Ҳарчанд ки ҳокимони сулолаҳои вақт меомаданду мерафтанд, бо мурури замон зери таъсири фарҳанги шахсиятсозии ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз сӯи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро қабилаҳои ҷанубӣ аз шимолу шарқи Ҳинд дар асри 14 ба Хуросон омаданро оғоз карданд ва ин раванди муҳоҷирати иҷборӣ, ки таҳлилу таҷзияи он аз мавзӯъ берун аст, то ҳоло идома дорад.

Агар ба таърихи ин кишвар бингарем, аён мегардад, ки тасаллути пурраи забони тоҷикии дарӣ нишонаи доноиву ҳушёрӣ, бофарҳангиву пешравӣ дар пешбурди равандҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардид. Аз ин рӯ, нухбагон ва ашрофзодагони аҳли қабила аз ғановатмандии ин забони оламшумул, ки иқтидори сарбории маънавии ҳазорсоларо дошт ва аз Чин то сарҳади Аврупо тавсеа ёфта буд, дар муҳити хонавода ва долонҳои дарбор истифода мебурданд. Табиист, ки олудагиҳои зеҳнияти қабилавиро бо насими фарҳанги созанда ва дунявимадор аз вуҷудашон зудуда менамуданд. Ҳарчанд дар мақтаи замонӣ ҷангро худ баранда буданд (ҷанги

дуюми афғону англис) ба худ саволҳое мармуз мегузоштанд, ба соҳибватанӣ будан ва рисолати раҳбарии худ шакку шубҳа мекарданд:

*Мекунам девонагӣ то бар сарам гавго шавад,*
*Сикка бар зар мезанам, то соҳибаш пайдо шавад.*[2]

Агар ба қазияҳои на он қадар дури солҳои 2000-ум таваҷҷуҳ намоем, ҳамин тарзи иштибоҳи таърихӣ бо каме тағйирот дар Кобул боз такрор гашт. Раиси ҷумҳури тамомъиёр ва комилҳуқуқи Афғонистонро «Ҷабҳаи муқовимат» соли 2001 напазируфт, бо муомилаи шубҳанок ҳукуматро ба нафаре ҳавола карданд, ки аслан дар байни мардум ва миёни саҳнаи сиёсии кишвар шинохте надошт. Натиҷаи ин муомилот бар зарари манофеи миллӣ буд.

Сайри такомули таърихӣ бар ковиши мақому мартабаи Ҳабибуллои Калаконӣ нишон медиҳад, ки ҳукумати қабиласолори амонӣ дар 16-уми январи соли 1929 (сукут 13 октябри 1929) аз дасти ӯ ва ёрони вафодораш ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Тилисми шикастнопазири истибдоди анқариб дусад соларо ба боди фано рӯ ба рӯ кард.

Таърихнигории афғонӣ, ки бар усули паштунмеҳварӣ то солҳои 90-уми асри гузашта побарҷо буд, аз шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ як шахси «иртиҷоӣ» ва «қафомонда» чеҳрасозӣ кардаанд (хусусан китоби тафриқаандоз ва шовинистии «Сақавии дуввум» Афғони Самсур). Чунончи муаллифи китоби «Афғонистон дар масири таърих» М.Ғубор бо як хашми рӯшод ва орӣ аз ҳақиқати таърихӣ овардааст: *«Ҳабибуллои Калаконӣ машҳур ба «Бачаи Сақав» аз шоҳони муртаҷеъ ва бесавод буд, ки тибқи тавтиаи англисҳо алайҳи шоҳи мутараққӣ ва ватандӯст, гозӣ Амонуллохон даст ба шӯриш зад ва*

[2] Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. - С.381.

*дар 20 ҷиддии 1307 бо ҳамкории руҳониёни аҷир ва фурӯхташуда ба дурахшонтарин даврони таърихи мо поён дода, ба қудрат расид».*[3]

Ин таърихшиносон, ки имтиёзхӯрони сулолаҳои дурронӣ будаанд, дар мавқеъгирии ғайрилмӣ ва дур аз ҳақиқати худ танҳо бар маҳкумияти бечунучарои Ҳабибулло Калаконӣ ва пешдовариҳои козибона такя кардаанд, ки ба ақидаи коршиносони муосир хилофи тарзу усулҳои мунсифона ва одилонаи таърихнигорӣ мебошад. Ҳатто падари шеъри дарӣ Халилуллои Халилӣ дар маҷмуъ асари хубе, ки тобиши достонӣ дорад бо номи «Айёре аз Хуросон» навиштааст, вале дар баъзе бахшҳо ишораҳои нораво ва пойбанди тасвири калишавии шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ (камбағали бараҳнопойи бесавод, кӯҳпаймои боғбони ангурфурӯш ва ғ.) будааст.

Ривояти дигаре дар зеҳни таърихшиносони ростин нисбат ба Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки аз мактаби олими тавоно Ҳақназар Назаров маншаъ мегирад. Ин тасвир бар пояи адолати таърихӣ ва бозгӯйи ҳақиқат аст. Бар асоси ин фарзия, Ҳабибуллои Калаконӣ сарвари шӯриши деҳқонӣ мебошад ва пӯшиши мазҳабӣ ба фаъолияти ӯ додан аз рӯйи методи муқоисавӣ, вазъи геополитикии он замон ва шароити конкретӣ – таърихӣ раво нест. Сараввал, ӯ пуштивона ва собиқаи динӣ надошт, мадрасаи динӣ хатм накарда буд, ба ҳеч ваҷҳ тафаккури динмеҳвар ва ба доираҳои руҳонияти расмӣ ва ғайрирасмӣ ворид набуд. Як низомии ҷасур, корманди миёнаомори давлатӣ ва давлатмадор буд, ки беадолатиҳои хонҳои борикзайӣ ӯро водор кард, ки силоҳ ба даст бигирад. Дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок меварзид, баръакс дар дастгир кардани дузду роҳзанҳо иштироки фаъол дошт. Аз ҳама муҳим манфиати миллии худро дар қиболи ҳуҷумҳои

[3] Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002. С-815

қабиласолорӣ дарк мекард ва дар ин росто аз ҳунари басиҷ ва муттаҳид кардани мардум бархӯрдор буд. Муаррих Ҳ.Назаров бо такя ба рӯзномаву маводи ғании таърихии он вақт менигорад, ки вақте ки Ҳабибулло Калаконӣ бо деҳқонҳои худ вориди Кобул гашт, мисли қабилаҳои вазириву масъудӣ, ки бо амри Нодирхон дар моҳи октябри соли 1929 амал мекарданд, ҷиноят содир накард. Қабилаҳои ҷанубӣ на танҳо хонаву дар ва ҳатто ҳарами худи Нодирхон, балки сафоратхонаҳои хориҷиро талаву тороҷ карданд, сафири Туркияи он вақт ба ивази ришва ҷон ба саломат бурд.

Дар китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» Ҳ.Назаров нусхаи яке аз фармонҳои амири Ҳабибуллои Калаконӣ дар бораи ривоҷи илму адаб ва забономӯзӣ омадааст, ки аз он далолат мекунад, ки ӯ ба рушди маориф бетараф набуд.[4]

Дигар далели росих ва муътамади шахсияти одил, бофарҳанг ва давлатмадор будани подшоҳ Ҳабибуллои Калаконӣ, муносибати ӯ ба масоили занон буд. Маводи мадракии таърихӣ далолат аз он мекунанд, ки дидгоҳи ӯ назари танги мафкураи ифротӣ нисбат ба зан набуд, ҳамсари ӯ Бибӣ Сарварии Сангарӣ, Малика Сангарӣ бинти Муҳаммад Ҳайдар, маликаи Афғонистон дар тамоми сангарҳои набард бо шавҳараш дасту панҷа нарм мекард ва аз ин лиҳоз, тахаллуси «Сангарӣ» гирифта буд.

Сониан, шоири даризабони умедбахш Наҷиби Борвар бар нуктаи дигар таъкид меварзад ва менигорад, ки «расму суннати он рӯзгор чунин буд, ки агар касе ба ростӣ ва дурустӣ сифоти айёрӣ надошт, ӯро айёр лақаб намонданд. Мегӯянд вақте ки қудратро ба даст овард, хоҳарони Амонуллохон дар

[4] Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, -Душанбе, - 2003, С.381

Арк ба дасти ӯ афтоданд. Дар ҳоле ки Амонуллохон аз ҷониби Қандаҳор дубора дар талоши сарнагунии Калаконӣ буд, ӯ хоҳарон ва хонаводаи Амоннуллоро вориди масоили сиёсӣ накард. Яке аз наздикони Амонуллоро талбид ва навомиси душманашро бо иззат ба онон таслим кард, аз ин рӯ буд, ки айёр лақаб гирифт.

Ба гуфте:

*Ба номуси душман нигоҳе накард,*
*Бо қомуси мардӣ гуноҳе накард.*

Аммо бубинед Нодирхон (бо лақаби ғаддор) бо Бибӣ Сангарӣ ҳамсари Ҳабибуллои Калаконӣ чӣ кард? Ӯро бо ду духтараш ва писараш Асадулло ба 20 сол зиндони Деҳмазанг маҳкум кард, писарашро дар зиндон масмум намуд. Ба ин иктифо накарда, ӯро ба Балх таъбид намуд. Муаллифи ин сатрҳо соли 2004 дар Мазори Шариф таҳқиқот дар ин маврид бурд ва маълум гашт, ки баъд аз таъбид дар маҳаллаи арабнишини шаҳри Мазори Шариф паноҳ бурд ва бинобар меҳри мардумие ки ҳамсараш ва худаш дошт, то охири умр дар ин ҷо паноҳгоҳи амн ёфт. Худ қазоват кунед, кӣ бо ҷаҳлу таассуб ҳукуматронӣ мекард ва кӣ бо мутакко бар ақли солим ва оянданигарӣ?

Ба ақидаи афғонистоншиноси шинохтаи тоҷик Қосимшо Искандаров қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ муқаддима ва пешшарт дошт, ки зулму ситами зиёд ва қатли оми мардуми шимол, хусусан тоҷику ҳазора дар пай дошт ва ин як навъ вокуниши умумимиллӣ буд дар сатҳи Афғонистони вақт: "Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихин дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб

набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону узбекҳоро тасарруф менамуданд.

Дар давраи подшоҳии Амонуллохон (1919-1929) "Низомномаи ноқилин" қабул шуд, ки мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шимол уҳдадор шуданд ҳазорон нафар аз ноқилинро пазируфта, онҳоро бо заминҳои обӣ таъмин намоянд. Давлат ба ноқилин имтиёзҳои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз ҷумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Аз ҳамон давра дар минтақаи васеи шимол, аз Ҳирот то Бадахшон минтақаҳои паштуннишин, ба истилоҳ "анклавҳо" ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз, мутаассифона ин "анклавҳои" паштуннишин хоса дар вилоятҳои шимолӣ: Форёб, Сари пул, Ҷузҷон, Бағлон ва Қундуз ба пойгоҳҳои аслии толибон ва террористон мубаддал шудаанд.

Ин шӯриш ҳеҷ омили қавмӣ надошт ва тоҷикони дастаҳои Ҳабибулло бо кумаки қабилаҳои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо баъзе аз раҳбарони паштун, ба хусус Муҳаммад Нодирхон паштунҳоро бо таблиғоти васеъ, ки гӯё саркардаи онҳо як «тоҷики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Сақав (онҳо Ҳабибуллоҳро таҳқиромез Бачаи Сақав, яъне бачаи обкаш ва ҳукуматашро Сақавӣ номиданд), тахти подшоҳии афғонҳоро ба даст гирифтааст, ба муқобили Ҳукумати Ҳабибуллоҳ таҳрик намуданд.[5]

Зимни таҳқиқот як падидаи умумӣ ва маълум ки таҳти фишор такрор ба такрор дар китобҳои таърихнигорони Афғонистон омадааст, бармало гашт – ин маълумоти шарҳиҳолии Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки дар асарҳои "Афғонистон дар масири таърих", "Афғонистон дар панҷи

[5] Ғубор М. М. Афғонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002. - С.71.

қарни ахир", "Афғонистон дар аҳди амония" (Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон (1919-1929)-и Сензил Навид" омадааст. Чунин тасаввур мешавад, ки ҳама ба умқи масъала ворид нагардида, як иборaву ҷумлаҳои монандро зери фишори таблиғоти густурда дар китобҳо коридаанд.

Омили дуввум, ки аз пажӯҳиш маълум мегардад, ҳукуматдорони вақти Афғонистон дар лаҳзаҳои бухронӣ истифода аз иқтидори ҷангии қабилаҳои ҷанубиро аз Ҳинди Британиявӣ маҳаки асосӣ ва нуқтаи такягоҳии муборизаи худ медонистанд. Дар китоби Сензил Навид 3 номаи Амонуллохон ва Нодирхон ба қавмҳои танай, ҷоҷӣ ва бошандагони вилоятҳои ҷанубӣ зикр шудааст, ки порае аз номаи Амонулло ба қабилаҳои ҷанубиро мехонам: "Ҳамоно мардуми Қандаҳор назди ман омаданд ва гуфтанд, эҳсоси ватандӯстӣ,ғайрат ва афғонияти онҳо абадан ба эшон иҷоза намедиҳад, ки ба идора касе монанди Бачаи Сақо ки умрашро ба таҷовуз ба мол ва дороии мардум ба сифати як қотил сипарӣ кардааст, ва ё касе ки ҳатто афғон (паштун) нест мувофиқат кунанд".

Тақдири Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Синдбоди Муғ, Темурмалик, Восеъ бо Ҳабибуллои Калаконӣ ба таври аҷиб ба ҳам гиреҳ мехӯрад, аз саҳифаҳои дурахшони мубориза ва ҷонбозиҳои миллати мо мебошанд. Ҳар яке бар ҳар шаклу воситаи шинохти вазъият барои таъсиси як ҳукумати миллии тоҷикмеҳвар дар Хуросон, Мовароуннахр ва вилоятҳои умумии форсизабонон саъю талоши беандоза карданд. Хосатан аз нигоҳи замонӣ ва шарту шароит шӯриши Восеъ ва Ҳабибулло Калаконӣ решапайвандҳое пайдо кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти густурдаро тақозо мекунад. Ба якчанд-тои онҳо ишора мекунем: 1) Дарки манфиатҳои миллӣ ва дар зери парчами он муттаҳид кардани мардум; 2) Эҳёи

шуури миллӣ ба кӯтоҳмуддат дар хиттаҳои Бохтари қаадим; 3) Таъсис додани давлати мардумӣ бар пояи дарки иқтидори худӣ; 4) Деҳқонҳо ҳамчун қувваи пешоҳанги мубориза, агар вожаи «деҳқон», «деҳгон» мутародифи калимаи «тоҷик» будааст, пас ин бардошти таърихӣ дар рафтори ин ду қаҳрамон унсури ҳамагонӣ доштааст; 5) Ҳаммонанд будани баромади иҷтимоии қаҳрамонҳо; 6) Ҷасорати истисноии миллӣ; 7) Айёрӣ ва ҷавонмардӣ ва ғ. Яке аз омилҳои сар задани қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ боло бурдани молиёт ва андози камаршикан буд, ки дар шӯриши Восеъ ҳам ин омил ба шиддат ба назар мерасад.

Подшоҳи Афғонистон Ҳабибулло Калаконӣ, айёре аз Хуросон, ҷавонмарде, ки футуватро парчами худ դониста ва шинохта буд. Ба гуфти нависандаи тоҷик М.Шукурзода ҷавонмардӣ ва таъбири дигаре аз ин вожа, айёр дорои се сифати аслист:

1.Сахо, яъне саховат дар андешаи айёрон ва ҷавонмардон ба ин маънист, ки инсон аз молу маноли рӯзгор он чӣ ба даст оварад, бояд дар роҳи осоиши халқ сарф кунад.

2. Сафо: ин сулук ҷавонмардро водор ба покизагии ботин менамояд: яъне инсони ворастаро зарур аст, қалби хешро аз ҳирс ва кина тоза ва тамиз нигоҳ дорад, ва дар ин ҷода базлу бахшоиш низ сафои ботин маҳсуб мешавад.

3. Ва ниҳоят: Вафо: тибқи ин ойин айёр бояд барои дӯсти ҳақиқӣ ва ҳатто маҷозӣ ҳатто ҷонфидо бошад, аз худ бигзарад ва дар масири дӯстӣ аз марг наяндешад, ба фармуди орифе порсигӯй:

*Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,*
*Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.*[6]

6 Каримӣ Л. Яғмои мангалии дуввум. -Кобул. - 2001.

Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ва тамаддунофар ба қавли Ҳофизи бузург чун *«булбул ба шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ, мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ»* рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талқини ҷавҳари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки ҷаҳли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар ҷомеа бар ақлҳо мусалат нагардад.

Ба ғановатмандии нодири фарҳангӣ ва забонӣ ҳам иқрор буданд ва дар имтидоди таърих ба забони ҳол нухбагони паштутабор ҳам, ки дағдағаи давлатдорӣ доранд, бо ду дасти адаб эътироф кардаанд. Чунончи Маҳмуди Тарзӣ, андешапардози миллатгароии афғонӣ бар он аст, ки: «зотан мардуми афғон чун умуман ба кори аскарӣ ва футуҳоти билоду ҳарбу зарб гирифтор буданд, ба корҳои мирзоӣ ва таҳрироти ҳукуматӣ вақт ва фурсат надоштанд ва ҳатто ин корҳоро ор мешумориданд. Китобҳои таҳсили иму адабиёт ҳама ба забони форсӣ ва ё арабӣ буданд. Забони афғонӣ (хонда шавад пашту – Н.У.) ба дараҷаи кифоят аз ин чизҳо саросар маҳрум монда буд»[7]. Амирони шинохтаи пашту на танҳо донандаи забони дарӣ, балки ба ин забон васвасаи ҳунари шоирӣ доштанд ва девон ҳам таълиф кардаанд.

Муаллифи мақолаи «Зеҳнияти хатарзои толибонӣ ва муомилаи шубҳаноки абарқудратҳо» муътақид аст, ки *«нигоҳи толибон ба зиндагӣ нигоҳи қафомондаи асримиёнагист, онҳо талош мекунанд, дар қолаби шариати гуррои вопасгаро дар қарни иттилоотии 21 пешдоварӣ намоянд, ҳама масъалаҳои дар тӯли 1400 сол пеш ба вуҷудомадаро саҳлу осон пиндоранд. Ин як сароби фиребандаест, ки мардумро ғӯлу гумроҳ мекунад. Дар барномаи толибон вуҷуди зан ҳамчун мавҷуди нолозим матраҳ гаштааст. Ба*

[7] Афғонистони имрӯз, -Душанбе, 2018. - С.185.

*мудирияти ин ҷангандаҳои толиби ҳирсу молу ҷон менигаред, аслан мардум дар он ҷое надорад».*

Шоир Муҳиби Бориш дар баҳси он ки сарзамини Афғонистонро набояд танҳо як қавм, яъне паштунҳо ҳукуматдорӣ кунанд, чунин хитоб карда:

*Қабила чӣ бошад, ки шоҳӣ кунад,*
*Ба қудрат чу ояд, табоҳӣ кунад...*[8]

Ҳабибуллои Калаконӣ ба шинохти комили худшиносии миллӣ расида буд, ки шоир Н.Борвар ба он ишора дорад:

*Пас аз ҳафт қарну пас аз солҳо,*
*Шикастанд занҷиру ишголҳо.*

Тоҷикони Афғонистон фурсати барои ҳадафҳои дигарон мубориза бурданро надоранд. Роҳи асосӣ ва меҳварии онҳо дарояндаи наздик басиҷ сохтани тамоми мардум бар зидди таҳдиду хатарҳои тамаддунӣ мебошад. Муттаҳид шудан дар атрофи раҳбарони асил, ки дар байни аҳолӣ обрӯву эътибор доранд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва тарҳрезии барномаи дарозмуддат барои эҳёи нуфузу мақоми шоистаи тоҷикон метавонад роҳи ҳалли қазияи Афғонистон ва сарнавишти ояндаи минтақаро рақам бизанад.

Таърих амалан такрор намешавад, вале чи тавре ки олими рус Ключевский В.О. гуфтааст: «Таърих мураббӣ нест, маҳкумкунанда аст, он тарбия намекунад, ҷазо медиҳад» (История не учитель, а надзирательница, она не воспитывает, а только наказывает).[9]

Ҳамин тариқ, бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки дурнамои давлатсозии тоҷикон ба оянда раҳнамун сохта

[8] Раҳмон Ҳ. Соярӯшанҳои сарнавишти тоҷикони Афғонистон. «Минбари халк». №13 (1410).

[9] Ключевский В.О. Афоризмы. //Электронный ресурс: https://eksmo.ru. Дата обращения 19.05.23.

шуда, бо такя ба асолати миллӣ ва қудрати худӣ рушду нумуъ хоҳад кард. Тамаддуни шухратёри тоҷик ва форсизабонон тавъам бо тафаккури миллӣ мавқеи хос дорад, яксубин ва таблиғгари масири созандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои созу барги давлати ояндаи пасотолибӣ ва тарбияи инсони ормонӣ дар Хуросони таърихӣ ва Афғонистон кунунӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар фарҷоми таҳлилномаи имрӯза ба натиҷае мерасем, ки фарҳанги тоҷик ҷузъи тафаккури мардуми Афғонистон гаштааст, ки нишонаҳои он дар аъмоли завқӣ, рафторӣ, санъат, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, ҳунар, умури давлатдорӣ ва ҳувиятӣ дида мешавад. Касе ки китоби нависандаи турк Орхан Памук «Номи ман сурх»-ро мутолиа кардааст, медонад, ки он дар зери таъсири мактаби минатюраи рассомони Ҳирот, аз ҷумла Камолиддин Беҳзод эҷод шудааст, ки бори дигар гуфтаҳои моро дар ин робита тасдиқ менамояд.

Аз ин рӯ, бояд бознигарии илмии омӯзиши шахсият ва мақоми Ҳабибуллои Калаконӣ дар таърихи минтақа роҳандозӣ карда шавад;

Шароити шикасти асорати 180 солаи зеҳнияти қабилавӣ аз ҷониби ӯ олимона бар усули ҳақиқати таърихӣ пайгирӣ карда шавад;

Барчаспҳои норавои «бачаи Сақо» ва дигар лақабҳои дар матбуот ва пажӯҳишҳои илмӣ ба Ҳабибуллои Калаконӣ додаанд, ҳазф гардад;

Китобҳои «Сақавии дуввум» ва амсоли он ҳамчун хилофи асолати илмӣ ва тафриқаандозӣ маҳкум карда шаванд;

Китоби Латиф Каримӣ «Яғмои мангалии дуюм» ба хатти кириллӣ баргардон карда шавад;

Бар низоми мардумсолорӣ, айёрӣ ва ҷавонмардӣ дар пешбурди ҳукуматдорӣ ҳамчун унсури қудрати худии

Ҳабибуллои Калаконӣ бо такя бар пойгоҳи қавии илмӣ-пажӯҳишии мактаби афғонистоншиносии тоҷик ва бар усули бетарафии муарриху таърихнигорӣ таъкид карда шавад.

**Адабиёт**


1. Афғонистони имрӯз, -Душанбе, 2018.
2. Ёддоштҳои Халилуллоҳ Халилӣ (зери назари д.и.т., профессор Искандаров Қ.). -Душанбе, 2020.
3. Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002.
4. Ғубор М. Ҷуғрофиёи таърихии Афғонистон. – Кобул, 2005.
5. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX. Душанбе , 2003.
6. Каримӣ Л. Яғмои мангалии дуввум. -Кобул. - 2001.
7. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, -Душанбе, - 2003.
8. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков): автореферат диссертации доктора ист. наук. – Москва – 1957.
9. Назаров Х. Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX и начало XX вв: дис…канд.ист.наук – Сталинабад. –1957.
10. Раҳмон Ҳ. Соярӯшанҳои сарнавишти тоҷикони Афғонистон. //Ҳафтаномаи «Минбари халқ». -Душанбе, №13 (1410). Санаи нашр: 05.04.23.
11. Халилӣ Х. Айёре аз Хуросон (бо муқаддимаи Восифи Бохтарӣ). -Кобул, 2014.
12. Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ. – Душанбе. - 2018.

13. Искандаров Қ. Тоҷикони Афғонистон дар раванди рақобатҳои қавмию сиёсии кишвар // Паёми ДМТ. – 2017. - № 3 (6).
14. Искандаров Қ. Ба қудрат расидани «Толибон» ва сарнавишти тоҷикони Афғонистон. //ҳафтаномаи «Ҷумҳурият №79(24690) аз 17.04.23.
15. Искандаров К. Ҳоло толибон дуо мекунанд, то америкоиҳо ба Афғонистон баргарданд. //www.millat.tj//. //Электронный ресурс// К.Искандаров. В настоящее время талибы мечтают, чтобы американцы вернулись в Афганистан. //www.millat.tj//. (дата публикации 17.12.2021г.).
16. Навид С. Афғонистон дар аҳди амония (Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳавуллоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон 1919-1929). – Кобул, -2009.
17. Қодиров Д.С. Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон. //Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих. - Душанбе. - 2020.
18. Самсур А. Сақовии дувум. Мутарҷим Халилулло Вадод Бориш. Кобул, 1999.
19. Назаров У.Қ. Таҳқиқоти саҳроии муаллиф дар ш.Ҷабул-ус-Сироҷ, м. Панҷшер, Калакон, Чоряккор, Упёни Шариф, Кобул, Мазори Шариф, Тахор, Кундуз ва Файзободи Афғонистон вобаста ба дарёфти маълумоти илмӣ дар бораи ҳаёти Ҳ.Калаконӣ ва дигар шахсиятҳои таърихӣ дар солҳои 2003-2008 ва 2016-2019.

# МУҲИТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РУШДИ ИҶТИМОӢ

**Меҳр СОБИРИЁН**
*иқтисодшинос*

## МУҲИТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР БУНЁДИ ЯК ДАВЛАТИ ҚУДРАТМАНД

Дар мақолаи мазкур нақшу аҳамияти муҳити сармоягузорӣ дар рушду пешрафти иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф бахши хусусиро ҳамчун сутуни аслии иқтисод нишон дода, аҳаммияти як муҳити сармоягузории мувофиқро барои фаъолияти он муҳим арзёбӣ мекунад. Бахши хусусӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ қавитарин манбаи пайдо шудани ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ ва манбаи устувори даромади буҷаи давлат мебошад. Ин аст, ки ҳар як ҳукумат барои дастгирии ин бахш талошҳо мекунад ва бо ҷорӣ кардани ислоҳоти муайян барои он шароити мусоид фароҳам меоварад. Чунки муҳити сармоягузорӣ дар давлатсозӣ нақши мустақим дорад. Аз ин ҷост, ки сохтани муҳити сармоягузории мувофиқ яке аз ҳадафҳои аслии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Рушди иқтисоди миллӣ ва дар заминаи он таъмини қисмати даромади буҷаи давлатӣ ва зиндагии шоиста барои аҳолӣ, ҳадафи асосии ҳар давлат бояд бошад. Новобаста аз низомӣ давлатдорӣ ҳукуматҳо мехоҳанд, ки иқтисоди қавӣ дошта бошанд ва бо такя бар он дар ҷаҳон ҷойгоҳи арзандаи худро ба даст биёранд. Илова бар ин, бо такя ба иқтисоди қавӣ метавон артиши қавӣ, мақомоти амниятии қудратманд, аҳолии босаводу тансиҳат ва ҳифзи муҳити зисти дурусту

коромад дошт, ки онҳо дар маҷмуъ, сулҳу оромӣ ва хушбахтии шаҳрвандонро таъмин карда метавонанд.

Маълум аст, ки дар давлатҳои дорои низоми иқтисоди бозаргонӣ бахши хусусӣ мавқеи асосӣ дорад. Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ эътироф мекунанд, ки "дар се даҳсолаи охир бахши хусусӣ дар хатти аввали таҳаввули иқтисод дар саросари ҷаҳон будааст"[1]. "Бахши хусусӣ ба таври фазояндае ба унвони як муҳаррик барои оғоз ва ҳифзи рушди устувори баландсуръат нақш мебозад"[4, с.26]. Ин бахш даромади буҷаи давлатро таъмин карда, ҷойҳои кории фаровон таъсис дода метавонад. Сатҳи пасти бекорӣ ва даромади устувори буҷаи давлатӣ натиҷаи кори самараноки бахши хусусӣ буда метавонад, агар муҳити сармоягузории мувофиқ дар кишвар барои рушду равнақи бахши хусусӣ вуҷуд дошта бошад. Барои ба вуҷуд овардани чунин муҳити мувофиқ бояд шароитеро фароҳам овард, ки дар он ҳам соҳибкорони дохилӣ тавонанд фаъолият кунанд ва ҳам ширкатҳои байналмилалӣ қисме аз занҷираи истеҳсолии худро дошта бошанд. "Тавоноии онҳо барои рушд, эҷоди шуғл ва коҳиши камбизоатӣ ҷиддан ба муҳити сармоягузории хубу мувофиқ бастагӣ дорад, ки ба он сиёсатгузорӣ, қонунгузорӣ ва ниҳодҳое, ки ба фаъолияти бозорҳо, арзиши интиқолҳо ва рискҳои вобаста ба кушодан, фаъолият ва пушидани як касбу кор таъсиргузор ҳастанд, дохил мешаванд" [2, с. XI]. Ин муҳитро давлату ҳукумат месозад ва назорат менамояд.

Дар баробари корофарӣ ва боло бурдани даромад, бахши хусусӣ дар навоварии технологӣ ва татбиқи технологияҳои мавҷуда низ нақши ҳалкунанда дорад. Мусаллам аст, ки рақобати озод омили асосии навоварӣ ва татбиқи саривақтии технологияҳои навин мебошад. Дар шароити рақобати озод, ки иқтисоди бозаргонӣ ба вуҷуд меорад, танҳо ширкатҳо ва соҳибкороне метавонанд пойдор бошанд, ки сари вақт аз

технологияҳои навин истифода мекунанд ва навовариҳои муайян дар соҳаи худ эҷод мекунанд. Аммо ин корофаринӣ, фоидаоварӣ ва навовариҳои технологӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ба муҳити дурусту ҳисобӣ, ҷиҳати фаъолияти самараноки худ, ниёз дорад. "Суръат ва моҳияти рушди бахши хусусӣ дар як кишвар таҳти таъсири омилҳои бисёре мебошад, ки суботи сиёсиву макроиқтисодӣ, фарҳангу суннатҳо, инфрасохтори моддӣ, дастрас будани сармоя ва сармояи зеҳнӣ аз ҷумлаи онҳо ҳастанд. Ҳамчунин омилҳои сиёсӣ, ниҳодӣ ва танзимиву назоратӣ нақши муҳим доранд. Онҳо якҷоя дар бештар маврид ҳамчун "муҳити сармоягузорӣ" гурӯҳбандӣ мешаванд" [3].

Николас Стерн иқтисодшинос аз Бонки Ҷаҳонӣ муҳити сармоягузориро ҳамчун "муҳити сиёсӣ, ниҳодӣ ва рафторие муайян мекунад, ки ҳам дар ҳоли ҳозир ва ҳам дар оянда ба даромаднокӣ ва хатарҳои вобаста ба сармоягузорӣ таъсиргузор мебошанд" [2, с. 9]. Дар ҳисоботи бонки мазкур аз соли 2005 ин муҳитро ба таври зайл муайян кардаанд: "маҷмуи омилҳои хоси маконие, ки ба ширкатҳо фурсат ва ангезаи сармоягузоии босамар, эҷоди шуғл ва тавсеаёбиро медиҳад" [2, с. 9]. Барои ҷалби маблағҳои сармоягузорон муҳити сармоягузорие, ки дар он сиёсатгузорӣ, ниҳодҳо ва муҳити фарҳангии созгор мавҷуд аст, на танҳо имрӯз бояд вуҷуд дошта бошад, балки интизориҳо аз оянда низ бояд неку мусбат бошанд. Дар чунин муҳит сармоягузор ҳавасманд шуда, сармоягузорӣ ва дар натиҷа корофаринӣ карда, ба ҷомеа манфиат меорад ва худ рушду тавсеа хоҳад кард.

Маълум аст, ки вазифаи як давлат, пеш аз ҳама, таъмини амният ва рифоҳи мардум аст. Дар иҷрои ин вазифаи худ ҳар як давлат метавонад аз бахши хусусӣ истифода кунад. Махсусан, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамкории зичи бахши хусусӣ бо давлат лозим мебошад. Ҷусторҳо дар бораи

рушди иқтисодии кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Чин) нишон доданд, ки онҳо рушду шукуфоии иқтисодиро дар мадди авввал гузошта, дар инкишофи иқтисод мушкилоти иҷтимоии худро бартараф сохтанд. Яъне бахши хусусӣ тавонист дар муҳити мувофиқи сармоягузорӣ рушд кунад ва ҷойҳои кории муносиб барои шаҳрвандон эҷод карда, ба буҷаи ин давлатҳо даромади зиёд ворид созад. Сипас, бо қудрати иқтисодиву молиявии ба дастомада, ин давлатҳо тавонистанд бештари мушкилоти иҷтимоиву амниятии худро бартараф созанд. Ҳар як давлати дигар ҳам дар ҷаҳони муосир маҷбур аст, ки муҳити сармоягузории худро бо талаботи муайян мувофиқ созад ва бо роҳи рушди бахши хусусӣ дигар соҳаҳои хоҷагии халқро таъмин намуда, дар маҷмуъ ҷомеаи худро ба сафи кишварҳои пешрафта ворид созад. Ба назари коршиносон, "мусаллам аст, ки сармоягузории хусусии густарда, ки калиди рушди фарогир ва эҷоди шуғл мебошад, танҳо замоне рух медиҳад, ки муҳити мусоиде барои касбу кор вуҷуд дошта бошад. Агар ширкатҳои хусусӣ бинанд, ки амнияти сармояи онҳо таъмин нест, талаботҳои қонун сангин ва пешгӯинашавандаанд, ё зерсохторҳо заиф ҳастанд, онҳо сармоягузорӣ нахоҳанд кард. Як муҳити касбу кории хуб ба самаранокии ширкатҳо таъсир мерасонад, ки он асоси беҳбудшавии устувори сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Бисёре аз пажуҳишҳо дар сатҳи ширкатҳо ниҳон медиҳанд, ки самаранокии умумӣ дар кишварҳое ё минтақаҳои дохили кишварҳое баландтар аст, ки муҳити муносибтаре барои касбу кор дар онҳо сохта шудааст" [2, с. XIII].

"Аз он ҷое, ки бештари корҳои вобаста ба муҳити сармоягузорӣ ба тасвиби қонунҳо, муқаррарот ва ҳамоҳангӣ миёни вазоратхонаҳо ва агентиҳои гуногун мартуб мебошад, як ҳукумати масъулиятшиносу қавӣ калиди

муваффақиятхост” [2, с. XXIV]. Ҳукумати масъулиятшинос муҳитро барои ҳамаи соҳибкорон баробар месозад. Танҳо шароити баробар барои ҳама субъектҳои сиёсӣ метавонад иқтисодро дар ҷаҳони имрӯз рақобатпазир гардонад. То замоне, ки истеҳсолкунандаи дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳ пайдо намекунад, як кишвар наметавонад рушди устувор дошта бошад. Махсусан, кишварҳои хурду миёнае ба монанди Тоҷикистон барои рушди иқтисодии босуръат ба бозори ҷаҳонӣ вобаста ҳастанд. Вақте рақобати озод дар дохил таъмин карда мешавад, ба таври табиӣ ширкатҳои миллӣ рушд карда, қавӣ мешаванд ва омодаи рақобатҳои бузургтар мегарданд. Имтиёз додан ба ширкатҳои алоҳида ин муҳитро вайрон сохта, боиси заифии кулли иқтисоди миллӣ мешавад. Даст задани давлатмардон ба соҳибкорӣ, бевосита ё бавосита, муҳити сармоягузориро носолим сохта, дар интиҳо чунин амал на созандагӣ, балки сӯзандагӣ хоҳад буд. Ин ҳама хилофи ҳадафи сохтани муҳити сармоягузории дуруст аст, чунки “монеаҳо дар як бозори дуруст амалкунандаву пӯё метавонанд ба манфиати гурӯҳҳои муайяни интихобшуда бошанд ва бар зарари рақобаткунандагони дигар, тозаворидшудаҳо ва истеъмолкунандагон” [2, с. 2].

Сифати давлатдорӣ ва қобилияти идоракунии раҳбарияти як кишвар ба ислоҳоти бунёдӣ ҷиҳати сохтани муҳити сармоягузории муносиб вобаста аст. Агар элитаи сиёсӣ-давлатӣ бо дарки дурусти принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ тавонад, ки муҳити сармоягузориро бо талаботи ҷаҳони муосир созгор созад, бештари мушкилоти ҷомеа тадриҷан ҳалли худро меёбанд. Чунки рақобати солим соҳибкоронро ба навовариву ҳалокорӣ водор месозад ва коргарон ҳам маҷбур мешаванд донишу малакаи худро тақвият дода, самаранокии меҳнаташонро боло баранд. Дар чунин шароит миллат метавонад маҳсулоти баландсифатро истеҳсол карда, бозори

ҷаҳониро тасхир намояд. Дар натиҷа даромади аҳолӣ зиёд шуда, мардум қудрат пайдо мекунанд, ки мушкили худро кам ё пурра бартараф созанд ва давлат низ бо зиёд шудани даромади буҷет имкони ҳалли мушкилоти иҷтимоиро пайдо хоҳад кард.

Масъалаи дигаре, ки дар минтақаи мо аҳаммияти зиёд дорад, сулҳу оромӣ мебошад. Мавҷудияти шуғли арзанда ва имкони сармоягузории озод дар ҳалли масъала кумак расонида метавонад. "Ислоҳот дар соҳаҳои марбут ба муҳити сармоягузорӣ дар давлатсозӣ низ аҳамияти ҳаётӣ дорад. Ислоҳоти ниҳодҳои давлатӣ, ки муҳити соҳибкориро назорат мекунанд, бояд шаффофият, садоқат, касбиятро таъмин карда, хизматрасонии давлатиро беҳбуд бахшанд, ки ҳамагӣ дар машруияти ҳукуматҳо ва таъмини сулҳу субот нақши калидӣ доранд" [4, с.19]. Метавон гуфт, ки сохтани як муҳити дурусти сармоягузорӣ, яке аз қисмҳои асосии низоми давлатсозӣ мебошад. Ин аст, ки тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, "дар сатҳи кишварҳо, тақрибан ҳама ҳамкорони Бонки Ҷаҳонӣ, беҳбудсозии муҳити сармоягузориро ҳамчун ҳадафи асосии худ муқаррар кардаанд. Маҳдудиятҳои асосӣ дар ин ҷода аз набуди рақобати солим, монеаҳо барои ташкилкунӣ ва фаъолияти корхона, хароҷоту бохтҳои фаъолияти сохибкорӣ ва гаронии бори назорату тафтишот иборат мебошанд "[2, с.47].

Бар асоси таҳқиқу пажуҳишҳо, давлатҳое, ки муҳити сармоягузории дуруст сохта наметавонад ё элитаи сиёсии онҳо даст ба соҳибкорӣ зада, ҳадафмандона муҳитро хароб месозад, ҳаргиз муваффақ намешаванд. Корхонаҳои чунин афрод муҳити монополӣ месозанд, ки пеши роҳи навовариву мутобиқшавиро мегиранд. Маҳсули ислеҳсолкардаи онҳо наметавонад дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳ пайдо намояд. Дар чунин шароит фасоду ришвахорӣ зиёд мегардад, ки дар бисёр

ҳолат он шакли фишороварии ваҳшиёнаро мегирад (4 с. 21) ва хоҳиши сармоягузориву навовариро дар ҷомеа коҳиш медиҳад. Чунин ҳокимият ба душмани соҳибкори озоду навовар мубаддал мегардад ва таъсири манфии он ба истеъмолкунанда низ хоҳад расид. Натиҷаи он "монеаҳои давлатӣ ба соҳибкорон, адами эътимод ба идораҳои давлатӣ, самаранокии пойин ва нархҳои гарон барои истеъмолкунандагон" (4 с. 21) мешавад.

Аз тарафи дигар, камсамарии меҳнат ва гаронии нархҳо ҳар кишвареро ақибмондаву қашшоқ мегардонад. Ҳеҷ як давлатмарди худшиносу баномусе намехоҳад, ки кишвараш чунин ақибмондаву қашшоқ бошад. Тавре ки дар ҷусторҳои қаблӣ ишора шуда буд, нақши ҳувийяти миллӣ дар рушду пешрафти иқтисодӣ хеле баланд аст. Ин аст, ки давлатмардони худшиносу меҳанпараст ҳамеша дар пайи ислоҳоту навоварӣ мебошанд ва кӯшиш мекунанд, ки давлати қурдратманд сохта, аҳолиро бо зиндагии шоиста таъмин намоянд. Сохтани муҳити сармоягузории мувофиқ яке аз ҳадафҳои аслии давлатдории миллист. Чунки "ислоҳот дар муҳити сармоягузорӣ дар давлатсозӣ нақши мустақим дорад, зеро он фаъолияти ниҳодҳоро танзим намуда, идораи давлатии дурустро ба миён меоварад" [4, с.29].

Маълум мешавад, ки сохтани як муҳити сармоягузории дурусту ҳисобӣ барои ҳар як кишвар зарур буда, яке аз масъалаҳои меҳварӣ мебошад. Дар ин замина, Варрик Смис ва Мери Ҳолвард-Дример низ таъкид мекунанд, ки "далелҳои рӯзафзун нақши бунёдии муҳити сармоягузории беҳбудёфтаро дар ангезабахшии рушду тавсеа ва коҳиши мизони фақр нишон медиҳанд. Ин буд, ки Чин тавонист 400 миллион шаҳрванди худро аз фақри мутлақ раҳо кунад, Ҳинд суръати рушди иқтисодии худро ду баробар зиёд кард ва

Уганда ҳашт баробар рушди бештар нисбат ба дигар кишварҳои Африқоӣ дошт" [5].

Коҳиш додани хатарҳо бо роҳи таъмин кардани ҳокимияти қонун ва додгоҳи мустақил, кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ тариқи содаву электронӣ кардани хизматрасониҳои давлативу низоми андозбандӣ ва таъмин кардани рақобати озод, ки дар раванди сохтани як муҳити сармоягузории мувофиқ ба миён меоянд, асоси муваффақияти як кишвар дар ҳама соҳаҳо буда метавонад. Албатта, гурӯҳҳои муайяни таъсиргузор аз набуди як чунин муҳит манфиат мегиранд ва ҳамеша муқобилият нишон медиҳанд. Ин масъала дар китоби Д. Осимоғлу ва Ҷ. Робинсон "Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд" бо мисолҳои зиёд баррасӣ шудааст, ки мо дар ҷусторҳои пешин оварда будем. Вале барои расидан ба рушду пешрафти назаррас сохтани чунин муҳит ҳатмӣ аст. Ҳатто баъзе корхонаҳо низ, ки мавқеи монополӣ доранд, намехоҳанд, ки рақобати озод таъмин карда шавад. Чунин "ширкатҳо мехоҳанд рақобати камтаре дар бозор вуҷуд дошта бошад, вале монеаҳо барои рақобати озод, ки барои як ширкат манфиатовар аст, имкониятҳоро барои дигар ширкатҳо маҳдудтар месозад. Фишорҳои рақобатӣ ширкатҳоро ба навоварӣ ва болобарии самаранокии меҳнат ва сатҳу сифати маҳсулот водор мекунанд, ки ин дар натиҷа даромади онҳоро зиёд мешавад ва ин даромадро онҳо бо кормандони худ ва истеъмолкунандагон қисмат карда метавонанд" [5]. Қисмат кардан бо кормандон маълум аст, ба истеъмолкунандагон бошад манфиат тавассути сифати беҳтари маҳсулот ва нархи арзонтари он мерасад. Дар натиҷа ҳама манфиат мебардоранд.

Дарки дурусти аҳамияти як муҳити сармоягузории мувофиқ аз ҷониби давлатмардон, қадами нахустин дар ҷодаи ба даст овардани он мебошад. Ин ҳолат талаботро ба омӯзиши ин масъала ба миён меорад ва фармоиши давлатӣ бо

маблағҳои зарурӣ пайдо мешавад. Дар доираи чунин фармоиш метавон вазъияти имрӯзаро муайян ва воқеиятро мушаххас кард. Роҳу усулҳои ворид кардани ислоҳот дар низоми давлатдориро, бо мақсади беҳбуд бахшидани муҳити сармоягузорӣ, аз адабиёти илмӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар ба осонӣ метавон пайдо кард ва истифода бурд. Яъне дар қисмати назарии он мушкили ҳалношаванда вуҷуд надорад. Танҳо иродаи сиёсии давлатмардон лозим аст, ки бо дарки амиқи аҳамияти чунин ислоҳот, вориди амал шаванд ва давлату миллати худро қудратманд сохта, бо такя ба ин қудрату тавоноӣ факрро решакан карда, аҳолиро ба як зиндагии шоиста таъмин намоянд. Аҳаммияти муҳити сармоягузории дурусту мувофиқро дар роҳи расидан ба ин аҳдофи нек кам дидан аз рӯйи ақлу мантиқ нест. Аз сӯйи дигар, вақти он расидааст, ки сари низоми мувофиқи сармоягузорӣ ва иқтидор-потенсиали иқтисоди миллӣ ҷиддӣ тамаркуз кунем ва ислоҳоти фарогири иқтисодиро дар авлавияти умури давлатӣ қарор бидиҳем.

### Сарчашмаҳо

1. World Bank Group, Investment Climate, https://www.worldbank.org/en/topic/investment-climate

2. World Bank Group, Investment Climate Reforms An Independent Evaluation of World Bank Group Support to Reforms of Business Regulations

https://documents1.worldbank.org/curated/en/989551468334811535/Investment-climate-reform-An-independent-evaluation-of-World-Bank-Group-support-to-reforms-of-business-regulations.pdf

3. World Bank Group, The Investment Climate International Finance Corporation (World Bank Group) July 2016

https://www.un.org/esa/ffd/wp-content/uploads/2016/01/The-Investment-Climate_IFC-World-Bank-Group_IATF-Issue-Brief.pdf

4. Investment Climate Department, International Finance Corporation, A Rough guide to investment Climate Reform in Conflict-Affected Countries,

https://www.enterprise-development.org/wp-content/uploads/Rough-Guide-to-Investment-Climate-Reform-in-Conflict-Affected-Countries.pdf

5. Warrick Smith and Mary Hallward-Driemeier, Understanding the Investment Climate, Finance & Development March 2005, p. 40,

https://www.imf.org/external/pubs/ft/fandd/2005/03/pdf/smith.pdf

## ЧЕҲРАҲО ДАР САФҲАҲО

**Алии Муҳаммадии ХУРОСОНӢ**
*адабиётшинос ва шоир*

# САҲМИ САЙИДУМАРИ СУЛТОН ДАР АДАБИЁТШИНОСӢ ВА МАТНШИНОСИИ ТОҶИК

Дар нимаи дувуми садаи XX дар баробари аз устодони шинохтаву маъруф ва арбобони баландмақоми илму адаби ватанӣ Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Бахром Сирус ва дигарон, ки сабақ аз адиби шуҳрати ҷаҳониёфтаву мутафаккири барҷаста Садриддин Айнӣ ва аллома Бобоҷон Ғафуров бардоштаанд, як зумра дилбохтагону сарсупурдагони адабиётшиносу шарқшиносу матншиноси тоҷик, монанди Муҳаммадвафо Бақоев, Зоҳир Аҳрорӣ, Аълохон Афсаҳзод, Абдуллоҷон Ғаффоров, Амрияздон Алимардонов, Саъдулло Асадуллоев, Саҳобиддин Сиддиқов, Ҷумъабой Азизқулов, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Мирзо Муллоаҳмад, Абдулманнони Насриддин ва монанди инҳо вориди майдони адабиётшиносии тоҷик гардиданд, ки дар ин миён метавон номи Сайидумари Султон (1927-2021)-ро низ ҳамроҳ намуд.

Сайидумари Султон, ки ҳанӯз аз даврони бачагӣ сабақ аз падари донишмандаш гирифта, ба забону адабиёти форсии тоҷикӣ дилбохтагии вижа пайдо намуда буд, дар ҷавонӣ бе ягон дудилагӣ роҳ ба сӯйи омӯзишу андӯзиши бештари забону адабиёти тоҷик мегирад ва ба факултаи таъриху филологияи тоҷики ДДТ ба номи В.И. Ленин, ҳоло ДМТ, шоил гардида, ояндаи худро равшан муайян менамояд. Мавсуф то донишҷӯйи донишгоҳ шудан бо хатти арабиасоси ниёгон

ошноии хуб дошт, аз дастхатҳо ҳатталимкон истифода карда метавонист, ки ин барои таълими ӯ кумакгари беминнат буду ҳамин заҳмат ӯро дар байни шогирдону устодони донишгоҳ чун донишҷӯйи кӯшо шинохта мегардонд. Ҳанӯз Сайидумари Султон дар ин давра таваҷҷуҳи устоди кафедраи адабиёти тоҷик профессор Шарифҷон Ҳусейнзодаро ба худ мекашад ва устод ӯро назди худ ба шогирдӣ хонда, аз навиштани корҳои курсӣ то навиштани рисола ва дарёфтани дараҷаи илмӣ роҳбарияшро ба уҳда гирифтааст. Ҳамин дастгирӣ ва пуштибонӣ сабаб мешавад, ки вай бо раҳнамоии устод ҳанӯз аз даврони донишҷӯйӣ ба навиштани аввалин мақолаҳои илмӣ раҳ ёбад ва ба муносибати 1100-солагии Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мақолаҳои «Тасвири табиат дар ашъори Рӯдакӣ» ва «Наққоши маънавӣ ва мусаввири зебоиҳои табиат»-ро навиштаву интишор диҳад, ки дар онҳо вобаста ба мавзуи матраҳгардида кӯри модарзод набудани Одамушшуароро бо мисолҳои мушаххас аз эҷодиёти худи шоири тавонои аҳди Сомониён таъкид менамояд. Ин ишораи илман дуруст, ки баъдтар собит гардид, ҳанӯз соли 1958, дар заминаи омӯхта шудани маъхазҳои дастрас, иброз гардида буд.

Сайидумари Султон соли охири донишҷӯйӣ бағайраттару чобуктар гардида, дар заминаи «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ, ки соли 1913 дар чопхонаи Тошканд интишор ёфта, мерос аз падараш монда буд, ба омӯхтани ҳаёту эҷодиёти ӯ машғул мегардад ва дар бораи ин шоири ширинсухан ва хаттоти зарринқалам ба навиштани мақолаҳои илмӣ мекӯшад, менависад, чандеро чоп менамояд. Ҷамъбасти авали калонҳаҷми ин заҳмати ӯро дар чопи «Асарҳои мунтахаб»-и Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ мебинем, ки соли 1962 аз лиҳози илми матншиносӣ пухтаву рехта, бо муқаддимаи муфассали таҳқиқотӣ ва матни илмӣ-

оммавӣ рӯйи об омада буд, ки дарак аз матншиноси болаёқат ва муҳаққиқи босалоҳият медод. Мебоист бо пешниҳоди раҳнамои илмиаш профессор Шарифҷон Ҳусейнзода Сайидумари Султон доир ба рӯзгору мероси адабии Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ рисолаи номзадӣ менавишт, вале чун дар муқаддимаи навишташуда таркиби «ду бор ба ҳаҷ рафта омадааст»-ро (яъне, Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ ду дафъа ҳаҷ карда будааст, ки ин дар он замон ҳеч бадие надошт) сиёсатмадорони вақт дармеёбанду пеши роҳи мавсуфро бо танқиди беасос гирифтаанд. Ӯро зарурат пеш омад, ки аз таҳқиқи илмии мавзӯи ёдшуда муваққатан даст кашад ва равиши омӯзишу пажуҳиши худро ба омӯзиши доираи адабии Истаравшан дар асрҳои XVII ва аввали асри XIX равона намояд. Ин мавзуъ ба муҳаққиқи ҷавони умедбахш ҷаҳони васеътарро кушод, майдони омӯзишу пажуҳишаш паҳновартар гардид. Вобаста ба ин мавзуъ ӯро зарурат пеш омад, маводи лозима ҷамъ овардаву омӯхта шавад, беҳтаринҳоро сара намояд, дарёфтаҳоро ба бобу фаслҳо тақсим созад ва ғ. нақшаҳои итминонбахшро тарҳрезӣ менамояд. Муҳаққиқ дар асоси дарёфтҳояш мақолаҳои мутааддид навишта, дар маҷаллаву рӯзномавҳои босалоҳияти кишвар ба чоп мерасонад, дар тараддуди навиштани рисолаву монографияҳои илмӣ мешавад, ашъори шоирони соҳибдевони доираҳои адабии Истаравшану Хӯқандро, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ба ҳам иртиботи адабию фарҳангӣ ва ҳатто иҷтимоиву сиёсии қавӣ доштанд, монанди Хоҷа Убайдуллоҳи Солик, Нодими Истаравшанӣ, Ҳоҷимуҳаммади Шаҳдӣ, Наҷҷори Истаравшанӣ, Шӯхии Хуҷандӣ ва дигарон ба чоп тайёр менамояд, ғарқи ин доираву дарёи адабу фарҳанг мегардад. Дар асоси дастхатҳои дарёфтааш ва дидаву ёддошткардааш дар шаҳрҳои Душанбе, Самарқанд, Бухоро, Истаравшан, Хуҷанд, Тошканд, Маскав, Ленинград ва ғ. бештар

аз ҳама диққати ӯро хушнависон, хунармандони хаттотии форс-тоҷик ба худ ҷалб менамоянд, ки мақолаҳои зиёди интишордодаи ӯ дар маҷаллаву рӯзномаҳо, «Энциклопедияи советии тоҷик» ва «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» шоҳиди ин гуфта мебошанд. Ин ҷо бояд гуфт, ки ин заҳмати шоистаи ӯ бардошт аз донишномаҳои Эрону Афғонистон, чун баъзе корчаллонҳои мо набуда, меҳнати ҳаққу ҳалол дониста мешаваду шоистаи баҳои баланд аст.

Сайидумари Султон соли 1964 ба идораи Садо ва симои кишвар ба кор мегузараду фаъолияти рӯзноманигории ӯ то соли 1981 идома меёбад. Ноогаҳон шояд гумон кунанд, ки дар ин муддат шояд риштаи илмии вай канда шуда, ба риштаи рӯзноманигорӣ пайваст шуда бошад. Вале дар асл ин тавр нест. Чун дар шуъбаи адабии радио кору фаъолият мекард, мақолаҳои тайёрашро дар боби адабу фарҳанги Мовароуннаҳр ба гӯшу ҳуши шунавандагони радио мерасонид, аз осори адабии суханварони мозӣ барномаҳои бадеӣ тайёр мекард, ҳар кадомеро барои рӯзи маводо дар бойгониаш нигоҳ медошт ва ғайра. Дилбохтаи илм соли 1982 дигарбора рӯ ба даргоҳи илм ниҳод ва ходими илмии Институти шарқшиносии УА Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло АМИТ гардид. Ин ба ӯ имкон дод, ки дар баробари нақшаҳои инфиродӣ рисолаи илмии оғознамудаашро соли 1986 дар мавзуи «Нодим ва доираи адабии Истаравшан дар охири асри XVIII ва асри XIX» ба анҷом расонида, муҳокима карда, дифоъ намояд.

Ҳамин тавр, баъди ҷамъбаст намудани ин қарзи бар дӯш дошта корҳои адабиётшиносию матншиносии Сайидумари Султон равнақ мегиранд ва ӯ баъди чоп кардани «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ ашъори Комилхоҷаи Накҳатро соли 1985 бо нами «Гули худрӯ» ба нашр мерасонад. Заҳматҳои дигари адабиётшиносию матншиносии ӯ «Таърихи

доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри ХУ11 ва нимаи авали асри XIX» – соли 1998, «Нобиғаҳои Истаравшан ва достони Рустамбек» – соли 1998, «Рӯзгор ва осори Шаҳдӣ» – соли 1998, «Наҷҷори Истаравшанӣ» – соли 2002, « Наҷди Муғ» – соли 2002, «Султони сухан» – соли 2007, «Муқоисаи «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷии Хатлонӣ бо достони ҳамноми Бедил» – соли 2018 ва ғайра ҳамроҳ бо мақолаҳои зиёд гӯёи онанд, ки мавсуф дар бахши адабиётшиносӣ ва матншиносии тоҷик заҳмати зиёде кашида, корҳои дар ин илм наву тозаро анҷом додаасту ба ин васила саҳифаҳои торику норавшани адабитётамонро ҳар чи бештар равшанӣ андохтааст. Рисолаи «Таърихи фаромӯшшуда», ки аз бурду бохти мусиқии «Шашмақом» ҳикоят менамояду маводи зиёдеро дар худ фароҳам овардааст, низ аз навиштаҳои ӯянд, ки аз ҷониби аҳли ҳунар ва адибони муосир, монанди шоири тавоно Лоиқ Шералӣ, муаррихон Абдусаттор Мухторов, Иброҳим Умаров, санъатшинос Аскаралӣ Раҷабов ва дигарон баҳои арзанда гирифтааст.

Масалан, рисолаи муҳаққиқ «Рӯзгор ва осори Шаҳдӣ»-ро гирем. Дар ин рисола бо номи «Шарҳи ҳол ва ибрози омол» пешгуфторе ҳаст, ки он аз 40 саҳифа иборат буда, аз рӯзгору осори шоир, шаҳди нукоти эҷодкор, мавзуи ишқу ахлоқ, тасфири табиати кишвар, навпардозиҳо дар эҷодиёти ӯ, соқиномаи адиб баҳс намуда, сипас дар 130 саҳифа ғазалиёту мухаммасоту мустазоди адиб интихобан оварда шудааст. Худи ҳамин рисола дар як вақт баёнгари он аст, ки Сайидумари Султон ҳам адабиётшиноси фаҳмидаву ҳам матншиноси кордида мебошад. Мо дар ин ҷо равиши кори таҳқиқотии муҳаққиқи адабиётшинос ва новобаста ба сохту мазмуну муҳтавои ашъори Шаҳдӣ ба матни таҳиянамудаи матншинос баҳои илмӣ медиҳем ва дармеёбем, ки ӯ дар ин рисола олими пухтарасида аст.

Китоби ахиран чопшудаи Сайидумари Султон «Муқоисаи «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷии Хатлонӣ бо достони ҳамноми Бедил» мебошаду аз пешгуфтору панҷ боб ва хулоса иборат буда, дар он дар заминаи мавзуъ доир ба таъриху тамаддун Кӯлоб, замони зиндагӣ, шарҳи ҳолу мероси адабии Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ, ки дар Бухорои шимолӣ ӯро Хатлонӣ ёд мекарданд, сохту муҳтавои достони «Комде ва Мадан»-и шоир ва хусусиятҳои бадеии он сухан рафта, бо достони ҳамноми Абдулқодири Бедил дар муқояаса дида баромада шудааст. Яъне, муҳаққиқи Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ дубора ба омӯзиши рӯзгору осори ин адиб ва хаттоти хушқареҳа бармегардад. Муаллифи рисола дар натиҷаи омӯзиш, пеш аз ҳама дар бораи сохти ин достонҳо истода гузашта таъкид менамояд, ки «Комде ва Мадан»- и Ҳоҷӣ аз нигоҳи вазни арӯз бо ду баҳр; баҳри сареи матвӣ ва баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур дар 2352 байт ва «Комде ва Мадан»- и Бедил дар бахри хафифи солими махбун дар 770 байт суруда шудааст. Зиёда аз ин фарқияти сохторӣ, муаллифи рисола ба дурустӣ қайд менамояд, ки дар достони Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ бисёр лаҳзаҳое ҳастанд, ки дар достони Абдулқодири Бедил дида намешаванд ва ғайра ин ба он далолат менамояд, ки достони Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ ҳамноми достони Абдулқодири Бедил бошад ҳам аз нигоҳи сохту муҳтаво ба куллӣ фарқ мекунад.

Дар фароварди ҳамин рисола муаллиф вобаста ба «Асарҳои мунтахаб»-и Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Кангуртӣ, ки соли 1962 чоп шуда буд, бо номи «Ҷавоби ду мақолаи оиди Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ навиштаи муаллифон» ба мақолаҳои Қ. Satторӣ «Шоири хушсухан ва хушнависи зарқалам» ва Р. Худоёров «Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ чанд сол умр дидааст», ки аз ҳар ду мақола ба аввалӣ муаллиф ба унвони «Пажуҳиш ё дузди пажуҳиш» ҷавоб гардонида,

таъкид намуда буд, ки Қ. Сатторӣ аз муқаддимаи ӯ берун нарафтааст. Сайидумари Султон менависад: «Рӯзноманигор Қиёмиддин Сатторӣ дар бораи Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ таҳти унвони «Шоири хушсухан ва хушнависи зарқалам» мақола навиштам гӯён «Дебоча»-и «Асарҳои мунтахаб»-ро ки ба қалами Сайидумари Султон тааллуқ дорад, вайрон рӯбардор карда аз худ намудааст. Хонандаи воқифи ҳол аз сатрҳои авали он пай мебарад, ки ин мақолаи Қ Сатторӣ не, балки дебочаи «Асарҳои мунтахаб»-и Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ мебошад…»(саҳ. 110). Боқиро худатон қазоват намоед.

Ҳамин ҷавобро муаллиф ба мақолаи Р. Худоёров «Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ чанд сол умр дидааст» («Адабиёт ва санъат», 15-уми августи соли 2013) низ дода, таъкид менамояд, ки муаллифи мақола ба сабаби надонистани баъзе лаҳзаҳои ҳаёти шоир ба ғалатҳои қабеҳ роҳ додааст. Дар ҳамин замина Сайидумари Султон дар ин мақолааш рӯй меорад ба чопи «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ, ки Қ. Чиллазод ва А. Абдураҳимӣ, ки соли 1998 интишор дода буданд ва бодард менависад: «Ба фикри ман Қ. Чиллазоду А. Абдураҳимӣ нисбати шоир химати хирсонае карда, рӯҳи пурфутуҳи Ҳоҷиро ношод намудаанд. Шояд ин фикри як худи ман набошад, зеро дар як маҷлиси илмии Пажуҳишгоҳи шарқшиносӣ олими варзидаи шарқшинос Амрияздон Алимардонов дар фароварди маърузаи худ гуфт: Рафиқони муҳтарам, шумо медонед, ки яке аз вазифаҳои душвор, вале муҳимми мо ин матншиносӣ аст. Матншиносӣ аз мову шумо меҳнати ҷиддиро талаб мекунад. Олимони таҷрибаи кофии матншиносӣ надошта бояд ба таҳияи асарҳои шоирони бузург даст назананд. Масалан, кормандорни пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт Қ. Чиллаев ва А. Абдураҳимӣ таҳияи «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайнро ба уҳда гирифта, ба хатоҳои ҷиддӣ роҳ

додаанд. Он ҳамаро аз китоби «Асарҳои мунтахаб»-и таҳиянамудаи С. Султон гирифтаанд»( саҳ 122). Баъди ин иқтибос Сайидумари Султон дар мақола таъкид менамояд, ки «… баъди чоп шудани «Асарҳои мунтахаб»-и Ҳоҷӣ соли 1962 ман аз ҷониби АИ ҶТ ба экспедитсияи ҷамъоварӣ ва хариди китобҳои дастхат ба Бухоро рафта дар он ҷо бо яке аз шарикдарсони мадрасаии Ҳоҷӣ Ҳусайн Маҳмуди Зуҳури Бухорой вохӯрдам. Ба корҳоям ёрӣ медод ва бисёр чизҳоро…, бахусус, соли таваллуди дурусти Ҳоҷиро аз ӯ дарёфтам» (саҳ114) .

Сайидумари Султон бо ҳасрат ҳикоят менамояд, ки дар заминаи ҷустуҷӯҳои пайвастаи баъдина ӯ «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайнро барвақт тайёр намуда буд, агар Қ. Чиллазод ва А. Абдураҳимӣ ба ӯ муроҷиат мекарданд, дар якҷоягӣ чоп менамудем, нураналонур мешуд. Зеро муҳаққиқи нахустини Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ихтиёри худ маводи зиёди шоиррро дарёфта буд, ки ҳоло дар бойгониаш, зери чангу хок, хобанд. Шояд барои чопи он додрасе пайдо шавад.

Сайидумари Султон дар баробари адабиётшиносу матншинос будан завқи шеъргӯйӣ дошту бо тахаллуси Кавкабӣ осори манзум меофарид ва китоби шеърҳояш бо номи «Ашъори садранг» соли 2001 зери назари инҷониб ба табъ расида буд. Сайидумари Султон баъдҳо мегуфт, ки китоби нави шеърҳояш тайёранд, вале аз чопи он иттилоъ надорам. Ду асари саҳнавии «Даҳои наврас» ва «Ҳукми қатл» низ ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

Сайидумари Султон асосан кӯшиш намудааст, ки шоирони фаромӯшшудаи адабиёти форсии тоҷикии Фарорудро зинда намояду дар омӯхтани таъриху адабиёт ва фарҳанги Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Хатлонзамин саҳми назаррас гузорад. Ҳамин аст, ки корҳои бисёреро навишта, ҷилд-ҷилд карда мондаасту тибқи маълумоти духтарашон

Малоҳатбону Сайидумаровна теъдоди бастаҳояш 165 адданд. Ҳоло фурсати он расида, ки то садсолагии мавсуф «Куллиёт»-и осори илмию адабии ӯ ҳамаҷониба омӯхта шуда, зарууртаринҳояшон ба чоп расонида шаванд.

Дар фаровард бояд гуфт, ки Сайидумари Султон бо осори илмию адабияш дар байни аҳли илму адаб шинохта асту имрӯзу фардо низ аз ёдҳо нахоҳад рафт.

***Сентябри соли 2022***

**Нозим НУРЗОДА**
*ходими пешбари илмии МОРМОИ-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## БО ЗИЁӢ ҲАМШАРИКУ ҲАМТАБОР!

*(андар ҳошияи даргузашти як тан аз муаллимону фарҳангиёни номдори ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон устод Ҷӯрабеки Носир)*

Дар ҳар давру замоне қишри огоҳи ҷомеа, ки ба он тоифаи муаллимӣ-омӯзгорӣ ҳам шомил мешавад, дар пайи бедории фикрию иҷтимоӣ гомҳои устувор бардошта, роҳро барои рушди тараққӣ ҳамвор сохтаву месозанд. Дар зимн, барои мардуми мо муаллим ва омӯзгор аз ибтидои марҳилаи нави таърихӣ (охири қарни нуздаҳ, асри бист ва имтидоди садаи бисту як) эътибору нуфузи баланд доштааст, чаро ки табақаи омӯзгорӣ бар мабнои рисолати таърихию иҷтимоӣ, дар баробари ҷаҳлу нодонӣ муқовим шуда, барои саводноку бедор намудани насли башар иқдомоти зарурӣ рӯйи даст гирифтааст. Иқдомоти қишри муаллимӣ-омӯзгорӣ дар самти босавод кардану бедор сохтани насли наврасу ҷавон ва умуман, ҷомеа ҳамоно идома доранд, ҳарчанд ки қонеъкунанда нестанд.

Ба ин маънӣ, омӯзгори имрӯзӣ дар муҳити музофотию деҳотӣ ҳанӯз ҳам миёни ҷомеа соҳибобрӯст, агарчи бо мушкилоти рӯзгор даргир мебошад. Бавижа, муаллиме, ки дар ростои боло бурдани сатҳи огоҳиҳои иҷтимоӣ, тақвияти раванди бедории фикрӣ ва пуштибонии манофеи миллӣ ҷаҳду талоши фаровон меварзад, сазовори эҳтироми баланд аст. Бинобар ин, ҷомеаи мо дар шароити имрӯзӣ ба муаллим-омӯзгоре, ки бори масъулияти бедории фикрӣ ва саводи

ҷамъии миллатро бурдборона мекашад, аз ҳарвақта дида сахт ниёз дорад.

Тавре тазаккур додем, дар муҳити музофотӣ ниҳоди омӯзгорӣ, қатъи назар аз мушкилоте, ки пешорӯяш қарор дорад, ҳанӯз соҳибнуфуз аст. Ҳанӯз дар шароити деҳоти ҷумҳурӣ муаллимро эҳтиром мекунанд ва ба ӯ ихлос доранд. Муаллими деҳотӣ, дар маҷмуъ, аз масири умумикасбии худ канор нарафтааст ва барои босавод кардани насли наврасу ҷавон ҳамвора саъю талош меварзад. Аз он ҷо, ки иттилоъ дорем, муаллими музофотӣ, аксаран мушаххасоти ихтисосӣ-тадрисиро то имрӯз ҳадафмандона риоят мекунад: ба дарсҳо омодагӣ мегирад; то қадри имкон матолиби наву тозаро дар робита бо мавзуоти зарурии дарсӣ аз тариқи интернет ва соири васоити ахбори омма меомӯзаду ҷамъоварӣ менамояд; дар ҷараёни дарс бештар худ фаъолнокӣ нишон медиҳад; аз уҳдаи идора кардани хонандагон мебарояд; маҳфилу нишастҳо баргузор мекунад; мулоқоту вохуриҳо бо шахсиятҳои варзидаю шинохтаи минтақа доир менамояд; тибқи нақша, дарсҳои кушод мегузаронад; дар ободонии мактабу муассиса саҳми асосӣ мегирад; ба раванди таълиму тарбия бетафовут нест ва дар тарбияи хонандагону муҳассилони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳотӣ саҳми назаррас мегузорад. Албатта, дар ҳар замон муаллимоне ёфт мешаванд, ки ба ҷараёни таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон таваҷҷуҳи зарурӣ намедиҳанду танҳо барои вақтгузаронӣ ба мактаб меоянд ва ҳамин тур, саҳлангорона ва бетафовутона ба раванди маърифатӣ муносибат мекунанд. Ин мушкили ҷиддӣ дар ҳама дунё вуҷуд дорад, вале нафарони саршиноси табақаи омӯзгорӣ ёфт мешаванд, ки новобаста аз шароиту талабот, дар хидмати мардуму миллат қарор гирифта, бидуни подоше рисолати таърихӣ, иҷтимоӣ ва миллии худро анҷом медиҳанд. Ҷойи

нигаронӣ ин аст, ки марг дер ё зуд ин нафарони сарсупурда ва дилсӯзро аз миёни мо мебарад ва маорифи миллиро ба талафот мувоҷеҳ месозад. Аммо талош бояд кард, то ин ки сафи нафарони саршиноси маорифи миллӣ ва умуман, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар зиёд гардад ва дар ин замина насли нави муаллимон-зиёиёни миллӣ тарбия ёфта, дар хидмати миллат камари ҳиммат барбанданд.

Дар феҳристи омӯзгорони пуртаҷрибаи ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, ки то вопасин нафас дар хидмати мактаб ва маорифи халқ будааст, устод Ҷӯрабеки Носир қарор дорад, ки 14 марти соли ҷорӣ, соати тахминан даҳи субҳ аснои ифои вазифаи муқаддаси муаллимӣ бар асари беморӣи сактаи қалбӣ дар идора-утоқи муаллимони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Панҷ аз дунё чашм пӯшид. Айнан ҳамин гуна ҳодиса чанд соли қабл, дақиқтараш 4 феврали соли 2018 бо ҳамдеҳаи устод Ҷӯрабеки Носир (устод Ҷӯрабеки Носир дар деҳаи “Маданият”-и Шурои деҳоти Озодагони ноҳияи Панҷ иқомат мекард) -- Муслим Шарифзода рух дода буд, ки мавсуф ҳам 4 феврали соли 2018 бар асари бемории сактаи қалбӣ дар ҷойи кораш – Гимназияи давлатии ноҳияи Панҷ дида аз ҷаҳон барбаст. Нуктаи рамзию намодӣ дар зуҳури фоҷеаҳо ин аст, ки ҳар ду ҳамдеҳа (устодони фақид Муслим Шарифзода ва Ҷӯрабеки Носир) дар макони муқаддаси таълимиву тарбиятӣ – мактаб, ҳангоми ифои рисолати ҳирфай-омӯзгорӣ ҷон доданд. Яъне, зиндагии рӯзмарраи ин ду устоди фарҳехтаву соҳибмаърифат бо кори таълимӣ, тарбиявӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ тавъам буда, онҳо дар ин масир ҳадафмандона ва пайгирона ҳаракат намуда, дар ниҳоят, ҷони худро дар ин роҳи ифтихорӣ нисор карданд.

Аз он сахт таассуф мехурам, ки дар ин авохир танҳо баъди даргузашти симоҳои намоёни маорифу фарҳангу маданияти минтақа бо шумули Зиёратшоҳи Маҳмадшоҳ (29 августи соли

2022 аз дунё даргузашт), Абдушукур Сафарзода (17 январи соли 2023 аз олам чашм пӯшид) ва инак, Ҷӯрабеки Носир (даргузашт 14 марти соли 2023) хома ба даст гирифта, дар қолиби сӯгворӣ матолиби кутоҳи оммавӣ иншо мекунам. Дар ҳоле ки метавонистам қабл аз ин ҳаводиси фоҷеабор атрофи ин шахсиятҳо чизе интишор бидиҳам ва аз ин тариқ ҷомеаи матбуотиро то андозае аз вазъи маданӣ ва симоҳои номдори музофотӣ огоҳ созам. Афсӯс, ки бар асари серкорию фориғболӣ дар муаррифии шоистаи чеҳраҳои матраҳи маорифу фарҳангу рӯшангарии музофотию миллӣ таъхир кардам.

Ба ин тартиб, ҳодисаи даргузашти нобаҳангоми устод Ҷӯрабеки Носир аз қарори зайл будааст. Устод Ҷӯрабеки Носир саҳари барвақти рӯзи 14 марти соли ҷорӣ ҷиҳати иштирок дар семинар-машварати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия ба мактаби миёнаи №4, ки дар маркази Шурои деҳоти Озодагони воқеъ аст, ташриф меоварад. Мусаллам аст, ки чунин семинар-машваратҳо, мувофиқи нақша, моҳе як маротиба дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хотири табодули таҷрибаи омӯзгорон, омӯхтани собиқаи ҳирфаӣ, ошноӣ бо муҳити эҷодии ҳамдигарӣ, баҳсу мунозираҳои ихтисосӣ ва билохира боло бурдани сатҳи дониши педагогию ҳирфаии муаллимон доир мегардад. Ҳамин гуна семинар-машварати ихтисосӣ ахиран дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳия 14 марти соли ҷорӣ баргузор мегардад ва устод Ҷӯрабек ҳам чун муаллими собиқадор ҷиҳати ширкат даъват мешавад. Мувофиқи нақли ҳолдонон, устод Ҷӯрабеки Носир, ки баъди табобати навбатӣ дар шаҳри Душанбе (устод чанд рӯз қабл аз вуқуи ҳодиса барои ташхису муоина ба Душанбе рафта, баъди гузаштани ташхис ва анҷом ёфтани тартибот-протседураи табобатӣ ба хона бармегардад ва чун худро бардаму солим

эҳсос мекунад, барои иштирок дар семинар-машварати омӯзишӣ омодагӣ мегирад) сиҳату солим ба назар мерасид, саҳари 14 март ба мактаби №4 омада, бо ҳайати раҳбарӣ-омӯзгории муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4 ва дастандаркорони семинар-машварати омӯзишӣ ошно мегардад, аз чанде аз муаллимони мактаб ҳолу аҳвол мепурсад, дар як дарси омӯзгори собиқадор ширкат варзида, фикру мулоҳизоташро ироа медорад ва ба идора-утоқи омӯзгорон ворид шуда, бо ҷамъе аз ҳампешагон суҳбат мекунад. Иттифоқан, аснои суҳбат дардро дар марзи қафаси сина эҳсос карда, яку якбора авзояш тағйир меёбад, аз ҳуш меравад ва дар як они воҳид аз олам дармегузарад. Фавран ҳайат-персонали тиббӣ аз табобатгоҳи минтақавӣ даъват мешавад, онҳо ҷиҳати ба ҳуш овардани устод аз усулҳои ихтисосӣ истифода мебаранд, вале сактаи қалбӣ кори худро карда, устодро аз миёна бурд. Он чи ки 14 марти соли 2023, соати 10 дар идора-утоқи омӯзгорони мактаб иттифоқ афтида, боиси талафи як инсони наҷиб, омӯзгори варзида ва рӯшанфикри минтақа гардидааст, танҳо ҳамин асту бас. Ба сухани дигар, дар як лаҳза аҳли маорифи деҳот чеҳраи саршиноси маорифи минтақаиро дар симои Ҷӯрабеки Носир аз даст медиҳад.

Устод Ҷӯрабеки Носир (1950-2023) дар хонаводаи маданӣ ба воя мерасад ва пас аз хатми мактаби олӣ ба деҳот баргашта, умри хешро сарфи таълиму тарбияи насли наврасу ҷавони минтақа мекунад. Солҳои дароз дар мактаби миёнаи умумии №12-и деҳаи Маданият ба сифати муаллими забон ва адабиёти тоҷик фаъолият мекунад. Маҳорати хуби педагогӣ, ҳунари раҳбарӣ, масъулиятписандӣ ва дигар сифатҳои наҷиби ӯро ба назар гирифта, дар мактаби мазкур директораш таъйин мекунанд. Солҳо ин вазифаи пурмасъулиятро адо намуда, дар тарбияи насли омӯзгорони баъдӣ саҳми назаррас мегузорад.

Паз аз бознишастагӣ солҳо дар мактаби деҳа (муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12) фаъолият карда, баъдан тариқи гузариш ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1, ки дар маркази шаҳраки Панҷ воқеъ аст, интиқол меёбад ва то охири умр ба хонандагон аз забону адабиёти тоҷик ва матни классикӣ сабақ меомӯхт. То имрӯз омӯзгорони собиқадори минтақа аз сабку шеваи таълимӣ, тадрисӣ, тарбиятӣ ва идории устод Ҷӯғрабеки Носир ба некӣ ёд мекунанд.

Устод Ҷӯрабекро одате буд бисёр омӯзандаву хуб. Вай вақтро беҳуда сипарӣ намекард, беҳуда сухан ба миён намеовард, пургӯйиву сергапиро хуш надошт ва бо пайдо кардани мусоҳиби хуб ҳамеша ҷилави суҳбатро атрофи масъалаҳои мубрами адабӣ, илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мекашонд. Ҳар чи ки аз китобу рисола, ҳафтаномаву рӯзнома ва маҷалла пайдо мекард, бозавқ муруру мутолеа менамуд ва ба дигарон тавсия медод. Баҳсу мунозираро дар хусуси масъалаҳои муҳимми ихтисосӣ ва миллӣ зиёд дӯст медошт ва пайваста мекӯшид, ки андӯхтаҳояшро бо дигарон дар миён гузорад, фикри мусоҳибонро шунавад, чизе ёд бигирад. Нақду интиқоди мунсифонаи ҳар гуна андешаву афкорро меписандид ва худ интиқодпазир буд.

Устод Ҷӯрабеки Носир марди донишманд, соҳибтаҷриба, соҳибназар, сермутолеа, шӯхтабъ, рӯшанфикру рӯшангари воқеӣ буд ва дар баҳсу муҷодилаҳое, ки дар доираи нишасту маҳфилҳо сурат мебаст, бисёр ҷиддӣ менамуд. Замоне ки ба деҳа барои дидорбинӣ бо волидону ақрабо мерафтам, гоҳ-гоҳе бо устод Ҷӯрабеки Носир ва бародари донишманд ва фарҳангпарвараш акаи Ёғибеки Носир (устод Ёғибеки Носир – бародари устод Ҷӯрабек аз ҷумлаи фарҳангиёну зиёиёни пешқадами ноҳия маҳсуб шуда, солиёни дарозе вазифаи раҳбарии Шуъбаи фарҳанги ноҳия ва баъдан мудирияти ташкилоти ибтидоии ҳизбии Ҳизби халқии демократии

Тоҷикистон дар ноҳияи Панҷро бар уҳда дошта, дар рушди маънавиёту фарҳанги минтақа саҳми калон гузоштааст. Акаи Ёғибеки Носир, бо он ки бознишаста аст, дар нишасту маҳофили адабию фарҳангии минтақа фаъолона ширкат меварзад ва бо мавқеъгирии давлатӣ, сатҳи баланди тафаккури миллӣ ва бинишу фаросати фардӣ миёни доиразои сиёсӣ ва ҳавзаҳои мадании минтақа соҳибэҳтиром аст, Ростӣ, вуҷуду ҳузури чунин шахсиятҳо боиси ифтихори мо ва ҳар як фарҳангию зиёии ноҳия мебошад) мулоқот мекардам ва аз суҳбати ширини ин ду фарҳангии забардасти минтақа лаззат мебурдаму баҳраҳо мебардоштам.

Азбаски устод Ҷӯрабек аз забону адабиёт, таърих, ҷуғрофиё ва фалсафа хуб огоҳӣ дошт, ҳеҷ нуқтаназареро бидуни далелу бурҳон намепазируфт ва ҳатман сари масоили матраҳшуда назароти хос ироа мекард. Мушаххасаи дигари ахлоқӣ ва ҳувиятии устод Ҷӯрабек ин буд, ки то ба охир сухани мусоҳиброро мешунид, назару мавқеъгириҳои дигаронро оромона таҳаммул мекард, сари масъалаҳои баҳсӣ дурудароз тааммул менамуд ва пасон ба худ иҷозати сухан гуфтан медод. Аз ҷониби дигар, ӯ марди ҳунар буда, созҳои миллии думбра, дутор, рубоб ва торро хеле зебо менавохт ва бо сабки мунҳасир ба фард хуб ҳам месуруд. Баъзан дар нишасту маҳофили хосса бо хоҳиши дӯстон дар сатҳи аҳсан думбра менавохт ва сурудҳое бар матни ғазалиёту рубоиёти шоирони маъруфи классик Мавлоно, Саъдӣ, Хофиз, Ҷомӣ ва Соиб хонда, хотири ҳозиронро шод мегардонд. Махсусан, замоне ки пири савту навои ноҳия равоншод Абдушукур Сафарзода дар нишасту вохуриҳо устод Ҷӯрабекро ҳамроҳӣ мекард, маҳфил ранги дигар мегирифт ва шӯхию зарофат бо шеъру тарона тавъам мегардид. Ҳамин гуна тавъамии шеъру тарона ва шӯхию зарофатро дар нишасти ҷолибе, ки 5 июли соли 2022 бо ҳузури ин ду тан эҷодкори асил (Абдушукур Сафарзода ва Ҷӯрабеки

Носир) ва ҷамъе фарҳангиёну зиёиёни асили минтақа бо шумули Пирмуҳаммад Нурзода, Ёғибеки Носир, Мирзодавлат Нидозода, Фозилҷон Нурзода, Зафар Сафарзода дар хонаи падарии банда иттифоқ афтод, ба ёд меоварам ҳазорон маротиба афсӯс мехурам, ки чаро порае аз он лаҳазоти рангинро сабт накардам. Дар он нишаст миёни устод Ҷӯрабеки Носир ва Абдушукур Сафарзода ончунон мутоибаву шӯхӣ ва радду бадалҳои ҷолибе ба вуқуъ пайваст, ки қалам ёрои тасвирашро надорад. Аҷаб лаҳзаҳое!

Воқеияти талх ин аст, ки дар муддати чанд моҳ ҳардуро аз даст додем. Охирин дидору мулоқотамон бо устод Ҷӯрабеки Носир як рӯз пас аз дафни Абдушукур Сафарзода (19 январи соли 2023) дар хонаи Бобои Абдушукур Сафарзода сурат гирифт. Аз даргузашти Сафарзода зиёд ғамгин буд ва ҳамроҳ бо чанде аз дӯстон чанд соате ширинкориҳо ва радду бадалҳои намакини Бобои Абдушукур Сафарзодаро ёд кардем. Ҳамеша устод Ҷӯрабек дӯст медошт, ки дар нишасту маҳфилҳо дар хусуси масъалаҳои адабӣ, илмӣ ва фалсафӣ суҳбат ҷараён бигирад. Дигар ин ки устод Ҷӯрабек соҳибқалами хубе буд ва мушоҳидаву бардошту андешаҳояшро дар қолиби матолиби ҷолиби адабӣ-оммавӣ баъзан дар нашрияи ноҳиявӣ ва матбуоти даврии минтақавию ҷумҳуриявӣ пахшу нашр мекард. Устод рӯзи ахири мулоқот (19 январи соли 2023) барои мо – ҳозирини нишаст сиёҳнавис-мусаввадаи матлаби ахири оммавиашро таҳти унвони "Мо ва воқеиёти имрӯзӣ" қироат кард ва назарамонро доир ба мазмуну муҳтавои он пурсон шуд. Тарзи андешаву тафаккур ва сабки нигориши устод дар матлаб ҷолиб буд: матлабро устод дар даҳ саҳифаи чопӣ пешниҳод кард; ҷумлаҳо сода, бидуни такаллуфу таоруфи зиёдатӣ; мақсад фаҳмову равшан баён ёфтааст; масъалаҳо пайдарпай тафсир шудаанд; муаллиф баъзан барои хаста накардани хонанда, ба истилоҳ, аз руҷуи лирикӣ кор

гирифтааст; диалог ва гуфтугӯҳои ашхос ба мазмуни умумии матлаб мувофиқ карда шудаанд; мавзуоту мушкилоти рӯзи минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар як матлаби мухтасар устод Ҷӯрабек бо фарохии дид ва мавқеъгирии фардӣ тавонистаанд, ки як силсила масъала ва муаммоҳои рӯзро бозгӯ намуда, ҷомеаро ба сӯйи фаъолнокӣ ва ҳалли мушкилоти рӯзи минтақаӣ раҳнамоӣ кунанд. Хуллас, фаъолияти иҷтимоӣ, педагогӣ ва мадании устод Ҷӯрабек намунаи ибрат аст ва бо корномаи як зиёию фарҳангии асили миллӣ ҳамхонӣ дорад. Ба ин маънӣ:

*Ҷӯрабек Носир -- он хидматгузор,*
*Буд марди қадбаланду бовиқор,*
*Як тан аз фарҳангиёни номдор,*
*Устоду беҳтарин омӯзгор,*
*Мояи ҷуръат, гуруру ифтихор,*
*Дар раҳи донишмадорӣ устувор,*
*Бо зиёӣ ҳамшарику ҳамтабор,*
*Некфарзанди диёр!*

Воқеан, даргузашти устод Ҷӯрабеки Носир барои ҷомеаи мактабӣ ва фарҳангии ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон талафоти гарон аст, аммо насли нави омӯзгорону фарҳангпарварони минтақа кори неки насли Ҷӯрабеки Носирҳоро ҳадафмандона идома медиҳанд ва барои рушду пешрафти ватани азизамон ҷаҳду талоши фаровон меварзанд.

Ёдаш ба хайр ва хотираи некаш гиромӣ бод!

**Нодир НУРОВ**
*докторант (Phd)-и*
*ДДФСТ ба номи М. Турсунзода*

# ПАЖУҲИШГАРИ НОМӢ ВА ТЕАТРШИНОСИИ МИЛЛӢ

*(чанд андешаи муқаддимотӣ дар ҳошияи солгарди театршиноси муосири миллӣ устод Низом Нурҷонов)*

Маълум аст, ки ҳунар як навъ ҷаҳоннигарӣ ва ҷаҳонфаҳмии насли башар аст ва тавассути он ихтирооту кашфиёти зиёде дар ҷаҳон иттифоқ меафтад. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқон таъкид месозанд, ки шаклҳо ва сабкҳои ҳунарӣ таҷаллии як ҷаҳоннигарӣ ҳастанд ва аз ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки ҳунар, дар ҳар шаклу сабке баёнгари вазъи дарунӣ, ботинӣ, фикрӣ ва дар маҷмӯъ, маънавию равонии ҷомеаи зинда буда, қабл аз ҳама, ҳадафи шахсиятофарӣ ва инсонсозиро пайгирӣ мекунад (ниг.: Ҳаузер, Арнолд. Фалсафаи таърихи ҳунар. Тарҷумаи Муҳаммадтақии Фаромарзӣ. –Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1363. –С.8). Ба ин маънӣ ҳунарманд бо офаридан, сохтан, эҷод ва бунёд кардан сари кор мегирад ва аз ин зовия ба кор мепардозад (ниг.: Нуров Н. Рисолати театри ватанӣ ва ниёзҳои иҷтимоӣ. //Адабиёт ва санъат №22 (1782) 28 майи соли 2015. –С.6). Аз тарафи дигар, ҳар кӣ завқи баланди бадеӣ-эстетикӣ дорад, усулан ҳунарманд ва муҳимтар аз ин, офаранда буда метавонад. Ҳамин ҷост, ки қавли Карл Маркс ба сифати шинохти завқияти бадеӣ ва ташхиси ҳақиқати ҳунарӣ рӯ мезанад: “Агар мехоҳед аз ҳунар кайфияту лаззат бибаред, пас бояд фарде таҳсилкарда ва босавод бошед” (ниг.: Миров, Мирзоватан. Равшангари дилҳо (маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе: “Адиб”, 2017. С.122).

Ҳамин тариқ, дар масири ҳунар ва ҳунарварӣ театр ба сифати муҳимтарин ва муассиртарини ҳунарҳо ҷойгоҳи махсус касб намуда, бо меҳвари организми зинда -- шуур ва тафаккури тамошобин ва дар маҷмуъ, ҷомеа иртибот гирифта, ҳунари зиндаву таҳаввулёбанда шинохта мешавад (см.: Бояджиев Г. От Софокла до Брехта за сорок театральных вечеров. -Москва: Просвещение, 1988. -С.6). Ҳатто дар замони ҷангу хунрезӣ ва нобасоминиҳои сиёсию иҷтимоӣ дастгоҳи театрӣ (театральная машина) бо қудрати фикрию эҷодӣ гардиш мекунад ва сатҳи завқӣ-салиқаии инсонҳоро боло мебарад (см.: Бушеева С. Итальянский современный театр. –Ленинград: Искусство, 1983. –С.5) ва роҳро барои сохтани ҷомеаи бозу саводнок ҳамвор месозад.

Албатта, театр вобаста ба вуҷуди этносу қавмият вежагии миллӣ низ касб мекунад ва барои бароварда сохтани ниёзҳои маънавию мадании ҷомеа хидмат менамояд. Зиёда аз ин, тайи солҳои тулонӣ вуҷуду ҳузури театрҳои касбӣ дар фазои маънавӣ-мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси боло рафтани сатҳи маърифатии ҷомеа гардидааст. Ин аст, ки дар заминаи театрҳои касбии русӣ соли 1929 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин театри касбии миллӣ – Театри давлатии академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ таъсис ёфт. Дар заминаи театри номбурда, дар қаламрави ҷумҳурӣ тайи солҳои баъдӣ Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (1935), Театри давлатии драмаи русии Тоҷикистон ба номи В.В. Маяковский (1937), Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов (соли 1971), Театри мазҳакавӣ-мусиқии ба номи Камоли Хуҷандии вилояти Ленинобод (соли 1932), Театри давлатии таҷрибавии тамошобини ҷавон "Аҳорун" (1990) ва амсоли инҳо таъсис ёфта, аз ин тариқ фазо ва муҳити театрӣ ба вуҷуд оварда шуд. Раҳбарият ва персонали ҳунарии театрҳои касбии

ҷумҳурӣ, ки ҳунармандони ҳирфаиро атрофи худ ҷамъ карда буданд, дар заминаи асарҳои классикони ҷаҳонӣ ва русу тоҷик намоишномаҳо ба саҳна гузошта, ҷиҳати қонеъ сохтани талаботи тамошобинон тадбирҳои судманд андешиданд.

Аз сӯйи дигар, аз замони таъсисёбӣ ва ташаккули тадриҷии ҳунари театрӣ дар ҷумҳурӣ масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи театри касбии миллӣ миёни доираҳои илмӣ ва мадании кишвар авлавият касб кард. Дар ин замина, саҳми ҳунарманд ва санъатшиноси маъруфи тоҷик, устод Низом Нурҷонов хеле бузург аст.

Нурҷонов аз зумраи насли аввали пажуҳишгарони санъати театрии ватанӣ маҳсуб шуда, дар муаррифии симоҳои тобноки ҳунари ҳирфаии бозигарӣ (актёрӣ), бозтоби таърихи суннату ойину ҳунарҳои аҷдодӣ, шинохту ташхиси мушкилоти соҳавӣ ва рафъи буҳронҳои мавҷудаи ҳунарӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ саҳми бузург гузоштааст. Вай аз ҷумлаи донишмандону санъатшиносони маъруфи миллиест, ки таҷрибаи ҳунарӣ-ҳирфаии театриро дар марокизи илмӣ-ҳунарии шуравӣ андӯхта, бар мабнои донишу биниши касбӣ дар арсаи таҳқиқи театри миллӣ қадамҳои устувор бардошт. Мавсуф айёми сахти туфулияю наврасию ҷавониро пушти сар карда, бо заҳмату талошҳои шахсӣ ба мартабаи баланди илмӣ ва маданӣ расидааст. Ӯ 18 декабри соли 1923 дар шаҳри Бухоро дар хонаводаи фарҳангӣ ба дунё омада, айёми наврасиашро ин ҷо гузаронда, соли 1931 бо хонаводаашон ба шаҳри Сталинобод (Душанбеи имрӯза) кучиданд. Дар давраи ҷавониаш Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ оғоз ёфта, баробари ҳазорон ҷавони дигар ба хидмати нимзомӣ сафарбар шуд. Соли 1945 дар Конфронси Ялта (Қрим, ки маҳз дар ҳамин конфронс натиҷаи ниҳоии роҳбарони кишварҳои иттиҳод оид ба сарнагунии Олмони нозӣ натиҷагирӣ шуд) яке аз сарбозони муҳофиз буд. Баъди ҷанг ба Тоҷикистон баргашта, соли 1947

факултаи санъати Институти давлатии педагогии Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ)-ро хатм кард. Аз соли 1948 ба гирдоварии маводи марбут ба расму оинҳои мардумӣ машғул гардида, соли 1949 дар шуъбаи аспирантура (бахши Ленинград)-и Академияи илмҳои ИҶШС таҳсил карда, баъдан дар вазифаҳои ходими илмӣ (1952–58) ва мудири шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш (1958–87) фаъолият кардааст. Бо мусоидат ва ибтикори ӯ дар соли 1958 дар Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи улуми Тоҷикистон шуъбаи таърихи санъат таъсис ёфт ва нахустин мудири шуъба ҳам худи Низом Нурҷонов таъйин шуд. Нурҷонов ба фаъолияти омӯзгорӣ низ машғул шуда, аз соли 1953 дар Институтти давлатии педагогии Душанбе, Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва аз соли 1967 дар Институти давлатии санъати Тоҷикистон (ҳоло Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода) ба тадрис машғул шудааст.

Муҳаққиқ Низом Нурҷонов беш аз 70 сол ба гирдоварӣ, таҳқиқ, омӯзиш ва пажуҳиши фарҳанги суннати ҳунарӣ, намоишӣ, мусиқӣ, рақсӣ, театрӣ машғул буд. Ба ин тартиб, фаъолияти эҷодии Н. Нурҷонов аз соли 1947 оғоз ёфтааст. Аввалин асари илмии Нурҷонов рисолаи номзадиаш маҳсуб меёбад, ки муқарризон-оппонентон донишмандони бузурги вақти шуравӣ -- узви вобастаи Академияи илмҳои ИҶШС профессор Е. Е. Бертелс ва номзади илмҳои филологӣ А. З. Розенфелд буданд. Аз соли 1948 бо мардумшиносони рус М. С. Андреев, А. К. Писарчик, Н. А. Кисляков ошно ва бо машварати онон ба гирдоварию пажӯҳиши маводи марбут ба расму ойинҳои мардумӣ машғул мешавад. Зимнан, Низом Нурҷонов аз машҳуртарин пажуҳишгарони театр ва рақси

тоҷик буд ва тайи умри худ драма, операву балет, рақс ва фолклору мусиқии тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Бояд тазаккур дод, ки устод масоили театри ватанӣ ва ҳавзаҳои ҳунарии миллӣ-мардумиро ба сифати мавзуи меҳварии таҳқиқӣ ҳанӯз аз солҳои панҷоҳуми садаи бист пайгирӣ карда, соли 1951 дар мавзуи "Решаҳои театри мардумии тоҷикон: дар асоси маводи вилояти Кӯлоб" рисолаи номзадӣ (см.: Нурджанов Н. Истоки народного театра у таджиков: По материалам Кулябской области // Автореф. дисс. на соиск. ученой степени канд. истор. наук. - М.,1951. - 17 с.) ва соли 1968 дар доираи мавзуи "Таърихи театри шӯравии тоҷик (солҳои 1917–1941)" рисолаи докторӣ (см.: Нурджанов Н. История таджикского советского театра (1917- 1941). - Душанбе.: Дониш, 1967. - 470 с.) дифоъ кардааст. Доираи омӯзишу таҳқиқи устод Нурҷонов васеъ аст. Ӯ сари масъалаҳои умдаи санъати тоҷик, аз ҷумла: мардумшиносӣ (этнография); театри суннатии мардумӣ ва шӯравӣ; таърихи театру рақси тоҷик ва шахсиятҳои маъруфи он таҳқиқоти муфассал анҷом додааст. Низом Нурҷонов минҳайси шишркаткунанда ва роҳбари экспедитсияҳои этнографии Тоҷикистон (Кӯлоб, 1948; Ғарм, 1952–54; Зарафшони Боло, 1957–60; Бухоро, 1958–61; Помири Ғарбӣ, 1959–71; Ленинобод, 1961–65, ҳоло вилояти Суғд), инчунин деҳоти гуногуни тоҷикнишини Осиёи Марказӣ дар рушди илми этнографияи миллӣ низ саҳми муносиб гузоштааст.

Ҳосили заҳматҳои илмӣ-эҷодии устод Нурҷонов дар самти ҳунарҳои мардумӣ, суннатҳои ҳунарии аҷдодӣ ва муҳимтар аз ҳама, театршиносии миллӣ дар дуҷилдаҳои "Таърихи театри тоҷик" ва "Театри суннатии тоҷик", панҷилдаи "Санъати мусиқии Помир", "Мактаби актёрии тоҷик", "Дар олами балет", "Мавригӣ, "Олами беканори рақси тоҷик" инсиҷом ёфтаанд. Ҳамчунин, устод дар бораи зиндагию эҷодиёти 11

ҳунарпешаи маъруфи театру кинои тоҷик китобҳои алоҳида навиштааст. Муаллифи беш аз 900 таълифоти илмӣ (мақола, рисола, китоб ва амсоли инҳо) мебошад, ки барои шиносоии бахшҳои гуногуни фарҳанги ҳунарии касбӣ ва суннатии тоҷикон, мушкилоти театр ва роҳҳои тақвият бахшидани драматругияи тоҷик аҳаммияти муҳим доранд.

Ногуфта намонад, ки кулли бобҳои театри тоҷик дар 6-ҷилдаи "Таърихи театри шуравӣ" (1960, Маскав) ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Устод солҳои охири умр ба навиштани таърихи Театри Лоҳутӣ дар қолиби монографияи махсуси "Нахустин театри касбии тоҷикӣ" пардохта буд. Гузашта аз ин, Низом Нурҷонов мақоми устодии чандин санъатшиносони тоҷикро доштанд. Номбурда дар бисёр конфронсу ҳамоишҳои минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла Маскав, Ашқобод, Самарқанд ва амсоли инҳо ширкат варзида, сари масоили санъати тоҷик гузоришҳои ҷолиби илмӣ ироа кардааст. Дар ин миён, устод барои "Энсиклопедияи советии тоҷик" (8 ҷилд), "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" (3 ҷилд), "Таджикская ССР" ва соири донишномаҳо доир ба театр, мусиқӣ, балет мақолаҳои зиёд навиштааст.

Азбаски устод Нурҷонов умре аз боду ҳавои театри касбии миллӣ нафас кашидааст, бештар сари масоил, мушкилот ва муаммоҳои театри миллӣ ва ҳунармандони ҳирфаӣ тамаркуз намуда, бар асоси донишу таҷрибаҳои илмию эҷодӣ мақола ва матолиби зиёди таҳлилӣ ва илмӣ-ихтисосӣ таълиф намуда, дар матбуоти пурнуфузи вақти шуравӣ ба табъ расонидааст. Аз ҷумла, матолиби илмӣ-ихтисосии устод дар маҷаллаҳои маъруфи "Театр", "Современное драматургия"-и Руссия ва дигар кишварҳои муштаракулманофеъ ба дасти чоп расидаанд. Аз соли 1961 устод узви Итифоқи нависандагони ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар соли 1976 узвияти Иттифоқи арбобони театрии ИҶШС ва Ҷумҳурии

Тоҷикистонро соҳиб гардидааст. Дар баробари нишону ордену мукофотҳои замони шуравӣ, устод Нурҷонов бо мукофотҳои соҳавии Нишони сарисинагии "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" (1998) ва унвони Ҳунарпешаи шоистаи ҶШС Тоҷикистон (1974) сарфароз гардидааст.

Устод Нурҷонов дар самти омӯзишу таҳқиқи ойину суннатҳои мардумӣ, этнографияи миллӣ ва театри ватанӣ умрфарсоӣ кардааст ва барои китоби "Олами беканори рақси тоҷик" Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакиро сазовор гардида, барои дуҷилдаи "Театри суннатии тоҷикон" соҳиби Ҷоизаи байналмилалии Ҷумҳурии Исломии Эрон "Китоби сол" (2004) шудааст. Хулоса, Нурҷонов дар рушди илми санъатиносии ватанӣ, аз ҷумла мардумшиносӣ ва санъати театру рақси тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Барои намуна, чанд асари бунёдии устод роҷеъ ба мардумшиносию санъатшиносӣ, махсусан ҳунари театрию рақси тоҷикӣ (бо шумули: Нурджанов Н. Таджикский театр. -Душанбе, 1968; Нурҷонов Н. Дар олами балет. -Душанбе, 1975; Нуқрҷонов Н. Аслӣ Бурҳонов. -Душанбе, 1982; Нурджанов Н. Гармония музыки. -Душанбе, 1983; Нурҷонов Н. Малика Собирова. -Душанбе, 2001; Нурджанов Н. Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов (Х1Х-ХХ вв.). -Душанбе, 2001; Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. -Душанбе, 2002; Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. -Душанбе, 2004; Нурҷонов Н. Муҳаммадҷон Қосимов. -Душанбе, 2007) кофист, ки номи ӯ дар фехристи бузургтарин ва номовартарин шахсиятҳои илмӣ ва мадании миллию фаромиллӣ қарор бигирад.

Як ҷанбаи муҳимми таҳқиқу пажуҳиши Низом Нурҷонов шинохти симоҳои миллии театри ҳирфаӣ, вежагиҳои ҳунарии бозигарони бумӣ ва зиёда аз ин, муаррифии шоистаи боистаи ҳунармандони ҳирфаии театри

миллӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, устод дар бозкушоии симоҳои барҷастаи ҳирфаӣ ва муаррифии чеҳраҳои маъруфи театри миллӣ Аслӣ Бурҳонов (ниг.: Нурҷонов Н. Аслӣ Бурҳонов. -Душанбе: Ирфон, 1982. -192 с.), Муҳаммадҷон Қосимов (ниг.: Нурҷонов Н. Муҳаммадҷон Қосимов. – Сталинобод, 1960. -119 с.; Нурҷонов Н. Муҳаммадҷон Қосимов. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 255 с.), Маҳмудҷон Воҳидов (ниг.: Нурҷонов Н. Маҳмудҷон Воҳидов. - Душанбе: Маориф ва фарханг, 2009. - 384 с.), София Тӯйбоева (ниг.: Нурҷонов Н. Софияхон Тӯйбоева. - Душанбе: Адабиёти бачагона ва фарханг, 2013. - 316 с.), балеринаи фақид Малика Собирова (см.: Нурджанов Н. Малика Сабирова. – М.: Искусство, 2001.- 304 с.), Фаррух Қосимов (ниг.: Нурҷонов Н. Фаррух Қосимов. - Душанбе: Деваштич, 2008. - 241 с.), Ҳиҷиқул Раҳматуллоев (ниг.: Нурҷонов Н. Ҳоҷиқул Раҳматуллоев. - Душанбе: Эчод, 2005. - 215 с.), Ҳошим Гадоев (см.: Нурджанов Н. Хошим Гадоев. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 244 с.) ва дигарон саҳми сазовор гузоштааст.

Дигар ин ки устод Нурҷонов ба сифати пажуҳишгар ва коршиноси дақиқназари миллӣ ҳамеша атрофи масъалаҳои миубрами театри миллӣ, аз ҷумла мудирияти дурусти соҳаи театрӣ, дарки мушкилоти соҳавӣ, боло бурдани сатҳи намоишномаҳои театрӣ, мазмуну муҳтавои драмтургияи ватанӣ, шиносоӣ ва ҳалли муаммоҳои санъати театрӣ ва амсоли инҳо андеша мекард ва диду бардоштҳояшро аз тариқи мақолаву матолиби илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба ҷомеаи маданӣ манзур менамуд. Аз ин гузашта, Нурҷонов аснои омӯзишу таҳқиқ дуруст дарёфта буд, ки халқи тоҷик ҳам монанди пешрафтарин миллиятҳои ҷаҳонӣ аз қадимтарин замонҳо ба ҳунарҳои намоишӣ, ки якеаш ҳамин ҳунари мумасилӣ-актёрӣ аст, мароқи калон зоҳир карда, дар ин замина талошҳои зиёде ба харҷ додааст. Ба ин маънӣ, устод

Нурҷонов ишора мефармоянд, ки дар муҳити қадимаи фарҳанги ориёӣ низ унсурҳои театрӣ, ки дар амалҳои театронидашудаи баъзе осори ҳунари наққошӣ дар қаламрави Ирон, Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ дарёфт шудаанд (ниг.: Нурҷонов Низом. Мактаби актёрии тоҷик. – Душанбе, 2011. -С.12), марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, ба як низоми ибтидоии муайяни ҳунарӣ бадал шуда, падидаҳои рӯзгори куҳанро дар мувоҷеҳа бо мушкилоти замон ба риштаи тасвир кашидаанд. Ба намоиш гузоштан ва аз тариқи гӯшзад кардани масоили мубрами рӯзгори инсонӣ ҳалли мушкилоти доғу рӯзмарра рисолати театрро таъйин намудааст. Аз ин ҷост, ки маорифпарвари маъруфи рус В. Г. Белинский таъкид карда буд: "Театр воситаи беҳтарини ҳалли мушкилоти рӯзгори мост" (ниг.: Абдураҳмонов А., Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Истеъдод, 2012. –С.3). Ин нуктаро устод Нурҷонов дар назария ва амалияи кори ҳирфаии худ ба дурустӣ анҷом дод ва дар зиндагии шахсӣ ва инфиродиаш собит кард, ки як инсони эҷодӣ чӣ гуна метавонад муваффақона назария ва амалияро ба ҳам биомезад.

Устод новобаста ба беморию солмандӣ дар шабакаҳои телерадиоӣ фаъол буд ва бо шӯру шавқи ихтисосӣ ва эҷодӣ солҳои дароз барномаи вежаеро дар Муассисаи давлатии "Телевизиони Баҳористон" гардон мекард. Тавассути ин барнома, ки ҳафтае як маротиба пахш мегардид, Нурҷонов насли наврасу ҷавони ҷомеаро ба мушаххасоту вежагиҳои ҳунари ҳирфаии миллӣ, дастовардҳои театри ҷаҳонӣ ва намоишномаҳои бузурги театрӣ ошно месохт. Аҷиб ин буд, ки устод новобаста ба солмандӣ аснои бурдани барномаҳои телевизионӣ хеле роҳату зебо бо забони тоҷикӣ суҳбат мекард ва бинандагони хурдсоли ватаниро бо масъалаҳои мубраму муҳими соҳавӣ шинос намуда, ба ин восита завқи бадеӣ-

эстетикии онҳоро боло мебардошт. Қувва ва неруи кофии устод Нурҷонов баёнгари он буд, ки ӯ аз уҳдаи омӯзишу таҳқиқ ва дар айни замон матбуотию расонаӣ кардани мушкилоту муаммоҳои рӯзи театри ватанӣ бахубӣ мебароянд ва ҳамеша дар сафи пеши таҳлилгарону мунаққидони ҳирфаии соҳаи театри миллӣ қарор гирифтааст. Устод то вопасин нафасҳо сари масоил ва мушкилоти соҳаи театри миллӣ ва мушаххасоти эҷодии ҳунармандони ҳирфаӣ меандешид ва ҳосили бардошту аандешаҳояшро дар қолиби матолиби ҷудогонаи хаттӣ ва шифоҳӣ нашру пахш мекард. Риштаи умри устод Нурҷонов 18 марти 2017 канда шуд, аммо кору пайкори неку омӯзандаи ӯ дар дили ҳазорон тоҷику тоҷикистонӣ ва дӯстдорону алоқамандони театри миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ боқӣ хоҳад монд.

Осори илмӣ-таҳқиқие, ки устод Нурҷонов дар заминаи шинохту муаррифии театри ватанӣ ва бозтоби мушкилоту муаммоҳои соҳавӣ ба мерос гузоштааст (аз ҷумла, таваҷҷуҳ шавад ба муҳимтарин осор: Нурджанов Н. Истоки народного театра у таджиков: По материалам Кулябской области // Автореф. дисс. на соиск. ученой степени канд. истор. наук. - М.,1951. - 17 с.; Нурҷонов Н. Муҳаммадҷон Қосимов. – Сталинобод, 1960. - 119 с.; Нурҷонов Н. Театри ба номи Лоҳутӣ. - Душанбе, 1964. - 59 с.; Нурджанов Н. История таджикского советского театра (1917- 1941). - Душанбе.: Дониш, 1967. - 470 с.; Нурҷонов Н. Дар олами балет. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 61 с.; Нурҷонов Н. Аслӣ Бурҳонов. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 192 с.; Нурҷонов Н. Рангомезиҳои саҳна. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 207 с.; Нурджанов Н. История таджикского советского театра (1941-1957). – Душанбе: Дониш, 1990.- 404 с.; Нурджанов Н. Малика Сабирова. – М.: Искусство, 2001.- 304 с.; Нурджанов Н. Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов ( Х1Х- ХХ вв). - Душанбе: Матбуот, 2001.- 292 с.;

Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. - Душанбе: Мир путешествий, 2002.- Т.1.- 372 с.; Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. - Душанбе: Мир путешествий, 2002.- Т.2.- 330 с.; Нурҷонов Н. Олами беканори рақси тоҷик: Очерки таърихӣ-назарӣ. - Душанбе, 2004. - 340 с.; Нурҷонов Н. Ҳоҷиқул Раҳматуллоев. -Душанбе: Эчод, 2005. - 215 с.; Нурҷонов Н. Муҳаммадҷон Қосимов. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 255 с.; Нурджанов Н. Хошим Гадоев. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 244 с.; Нурджанов Н. Очерки истории Таджикского драматургического театра 1968 - 1978 гг. - Душанбе: Дониш, 2008. - 150 с.; Нурҷонов Н. Гулчеҳра Бақоева. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 94 с.; Нурҷонов Н. Фаррух Қосимов. - Душанбе: Деваштич, 2008. - 241 с.; Нурҷонов Н. Маҳмудҷон Воҳидов. - Душанбе: Маориф ва фарханг, 2009. - 384 с.; Нурджанов Н. Опера и балет Таджикистана . - Душанбе, 2010. - 427 с.; Нурҷонов Н. Мактаби актёрии тоҷик. - Душанбе, 2013. - 495 с.; Нурҷонов Н. Софияхон Тӯйбоева. - Душанбе: Адабиёти бачагона ва фарханг, 2013. - 316 с.) барои доираи васеи муҳаққиқону донишмандону хонандагону алоқамандони фарҳангу ҳунари бумӣ пешбинӣ шуда, ҳамагӣ дар шинохту муаррифии фарҳангу ҳунари миллӣ, ойину суннатҳои аҷдодӣ ва симоҳои маъруфи театру синамо ва рақси ватанӣ нақши калидӣ доранд. Аз тариқи омӯзиши пайвастаи мероси илмӣ-таҳқиқии Нурҷонов насли нави ҳунармандону пажуҳишгарони миллӣ тарбия ёфта, ба мушкилоту масъалаҳои мубрами соҳавӣ ошно гардида, бархурди тахассусиро меомӯзанд ва донишу биниши ҳирфаии худро боло мебаранд.

Ёди чунин пажуҳишгарону муҳаққиқони саршиноси миллӣ бахайр ва хотираи некашон гиромӣ бод!

## Феҳристи адабиёт


1.Абдураҳмонов А., Абдулқайсов Ш. Театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Истеъдод, 2012.
2.Бояджиев Г. От Софокла до Брехта за сорок театральных вечеров. -Москва: Просвещение, 1988.
3.Бушеева С. Итальянский современный театр. –Ленинград: Искусство, 1983.
4.Миров Мирзоватан. Равшангари дилҳо (маҷмӯаи мақолаҳо). –Душанбе: “Адиб”, 2017. – 448 саҳ.
5.Нурджанов Н. Истоки народного театра у таджиков: По материалам Кулябской области // Автореф. дисс. на соиск. ученой степени канд. истор. наук. - М.,1951. - 17 с.
6.Нурҷонов Н. Муҳаммадҷон Қосимов. – Сталинобод, 1960. - 119 с.
7.Нурҷонов Н. Театри ба номи Лоҳутӣ. - Душанбе, 1964. -59 с.
8.Нурджанов Н. История таджикского советского театра (1917-1941). - Душанбе: Дониш, 1967. - 470 с.
9.Нурҷонов Н. Рангомезиҳои саҳна. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 207 с.
10.Нурджанов Н. История таджикского советского театра (1941-1957). – Душанбе: Дониш, 1990.- 404 с.
11.Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. - Душанбе: Мир путешествий, 2002.- Т.1.- 372 с.
12.Нурджанов Н. Традиционный театр таджиков. - Душанбе: Мир путешествий, 2002.- Т.2.- 330 с.
13.Нурджанов Н. Очерки истории Таджикского драматургического театра 1968 - 1978 гг. - Душанбе: Дониш,2008. -150 с.
14.Нурҷонов Н. Мактаби актёрии тоҷик. - Душанбе, 2011. – 495 с.
15.Нуров Н. Рисолати театри ватанӣ ва ниёзҳои иҷтимоӣ. //Адабиёт ва санъат №22 (1782) 28 майи соли 2015. –С.6-12.

16.Нуров Н. Театри миллӣ – макони ҳувиятсозӣ (ба муносибати Рӯзи театри тоҷик). //Баҳори Аҷам № 32 (399) 2 ноябри соли 2016. –С.4.
17.Нуров Н. Театри касбӣ – минбари худшавӣ. //Баҳори Аҷам № 13 (416), 25 апрели соли 2017. –С.6.
18.Ҳаузер Арнолд. Фалсафаи таърихи ҳунар. Тарҷумаи Муҳаммадтақии Фаромарзӣ. –Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1363.

## РАВЗАНАИ ЭҶОД

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа*

**Лаҳзаи илҳом**

### ОШИҚАТ ҲАСТАМ, ВАЛЕ...

**Барои Р.С.**

Ошиқат ҳастам нигоро, лек шайдо нестам,
Ҳамчун Маҷнун рӯ ба сӯйи кӯҳу саҳро нестам.
Ишқ турфа имтиҳон аст, ошиқони покро,
Чун сабукборони ин раҳ, аҳли даъво нестам.
Марҳабо эй ишқ, моро, сорбони роҳ шав,
Гарчӣ марди ғофил аз пинҳону пайдо нестам.
Зиндагиро мепарастам, бо ҳама бешу камаш,
Фориғ аз андешаи имрӯзу фардо нестам.
Мушкилоти ишқ ёрро, гар зи ҳам бегонагист!
Ман ҳаводори чунин найрангу савдо нестам.
Ҳамназар будан нигорро, шарти ошиқ будан аст!
Дор маъзурам агар, аҳли муросо нестам!

*(21 декабри 2021)*

## АФҒОНИСТОНИ АСРИ 21

Фикр кардам зиндагиро, борҳову борҳо,
То раҳе пайдо кунам, аз ин ҳама озорҳо!
Шеваҳои мо кунун, бар ҳеҷ кас мақбул нест,
Не барои хешу не бар қотилу ғаддорҳо.
Ман чи гӯям аз мақоми зиндагону мурдагон,
Ҳардуро чун ҷав фурушанд, андар ин бозорҳо.
Тоҷирони дину дунё, аз Худо баргаштаанд!
Чун Худои хеш доранд, пайсаву дуллорҳо.
Хонумони аҳли оламро ба яғмо мебаранд,
Шуд насиби қавми афғон, таркишу кушторҳо!
Ҳотифе аз номи Ҳақ, гуфто, ки Мансуре биёр!
Бишканад бо дасти худ, ин минбару ин дорҳо!!!
Он Аналҳақ баҳри Инсон мезад он масти Худой,
Ин "Аналҳақ", баҳри шайтон мезананд
хунхорҳо!!!

*(17 декабри 2021)*

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ҷомеашинос*

## ПАРВОНАҲОИ САФЕД

*Ба амаам Гулсуман Бекзода бахшида мешавад.*

Имсол мо Донишгоҳро хатм мекунем, аз ин сабаб дарсҳоямон камтар шудаанд. Аз факулта ба мо хабар доданд, ки баъди анҷоми соати сеюм моро ба як чорарабинии муҳим, ки дар майдони шаҳр баргузор мегардад, сафарбар мекунанд. Донишҷуёни курси мо омода шуданд ва соати сеюм низ фаро расид. Мо ба маркази шаҳр раҳсипор гаштем. Аммо як чизро бояд бигӯям, ки дар ихтисоси худамон аз мо як курс поёнтар духтаре таҳсил мекард, ки ман ӯро бисёр дӯст медоштам. Ӯ Румайсо ном дошт. Румайсо низ ҳамроҳи курси мо ба он маърака раҳсипор гашт.

Моҳи сентябр буд ва ҳаво зуд-зуд тағйир меёфт. Гоҳе тира мегардиду гоҳе ҳаво софи беғубор. Хулоса, рафтем. Чорабинии бошукуҳи фарҳангӣ сурат гирифт ва баъди ду соат анҷом ёфт. Соат ба 6 наздик мешуд, ки ҳаво якбора тағйир ёфту борони сахт борид. Баъди чорабинӣ ҳар кас роҳ ба сӯйи хона пеш гирифт. Борони шадид меборид ва таксиҳову автобусҳо бар асари зиёдии мардум басуръат ҳаракат ва аҷала мекарданд ва дигар ҷойи мусофирбарӣ надоштанд. Роҳҳо баста буданд ва мо то роҳи калон пиёда омадем. Ба тарафи чандин мусофирбар ва таксиҳо даст мебардоштем, вале таваққуф намекарданд. Сабаб ҳам пур будани роҳ аз одамон буд. Оҳиста-оҳиста ҳама пароканда гаштанд. Охируламр ман ва ҳамкурсам Зулайхо мондему Румайсову ҳамкурсаш Парвина. Зулайхо ва Парвина дар хобгоҳ зиндагӣ мекарданд.

Хобгоҳи онҳо он қадар дур набуд ва якҷоя пиёда ба хобгоҳашон рафтанд. Ман ва Румайсо дар канори роҳ дар зери борон мондем. Ӯ мешармид ва кам-кам гап мезад. Ростӣ, ман ба ӯ изҳори ишқ накарда будам, аммо ӯро дӯст медоштам.

Ман ҷуръат пайдо карда ба гап даромадам:

- Борон сахт меборад ва ягон таксӣ ҳам нест, ки равем.

Румайсо бошад, сар ҷунбонда тасдиқ кард.

Румайсо либоси тунук дар тан дошт, ки ӯро дар назари ман аз гул низ зеботар нишон медод. Ман бошам, шиму костюм дар тан доштам. Ман, ки тар шудани либоси Румайсоро мушоҳида кардам, костюмамро баровардаму гуфтам:

–Инро пӯш, ки бемор мешавӣ.

Ӯ гуфт:

–Ташаккур, хубам.

–Хоҳиш мекунам, - гуфтам ва костюмро болои китфонаш гузоштам.

Борон чун об ба сару рӯяш мерехт. Мӯйҳояш гирди рухсораш печида буданд. Ростӣ, ин ҳолати хушоянд ҳушу хаёли маро батамом банд карда буд. Ногаҳон таксие аз дур намоён шуд. Ман даст бардоштам ва хушбахтона, бозистод. Таксӣ холӣ буд. Мо ҳарду савор шудем. Таксӣ ба роҳ даромад.

Ба ронанда гуфтам:

- Ба куҷо меравӣ?

Ронанда бепарвоёна ҷавоб дод:

–Ба куҷо биравам?

Ман ба Румайсо нигаристам ва гуфтам:

–Ту куҷо меравӣ?

Гуфт:

–Ба поёни шаҳр.

Ман гуфтам:

–Хуб, аввал ин касро ба хона мебарем ва сипас маро.

Ронанда гуфт:

–Хуб, қабул.

Сипас мулоим-мулоим мошини худро ба ҳаракат даровард. Ногаҳон ҳаво зуд тағйир ёфту борон кам шудан гирифт. Баъди чанд лаҳза борон тамоман қатъ шуду ҳаво якбора торик шуд.

Телефони Румайсо занг зад ва ӯ телефонро бардошт.

-Бале, падарҷон,-гуфт Румайсо.

Падари ӯ сардухтури беморхонаи сироятии шаҳр буд ва аз рӯйи шунидам, одами баобрӯ ва соҳибмақом ба ҳисоб мерафт.

Аз гӯшии Румайсо овози падараш гӯшро навозиш дод:

–Духтарам, дар куҷоӣ?

Румайсо:

–Ман дар роҳам, хона рафта истодаам. Чорабиние доштем, аз ин сабаб каме дер кардам.

Падари Румайсо ҳушдор дод:

–Духтарам, эҳтиёт бош, дар шаҳр парвонаҳои заҳрноке пайдо шудаанд, ки чандин одамро газидаанд ва онҳо беҳуш дар бемористон бистарӣ гардидаанд. Ин парвонаҳо ранги сафед доранд ва андозаи онҳо миёна аст.

Румайсо:

–Хуб, падарҷон.

Румайсо ба ман рӯ оварда:

–Падарам мегӯяд, дар шаҳр парвонаҳои заҳролуд пайдо шудаанд. Онҳо чандин нафарро газидаанд ва одамон дар беморхона дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд.

Ронанда:

–Э, бало занад. Эҳтиёт кардан лозим аст. Писарам синфи якум мехонад.

Ҳама сукут варзидем ва ронанда мошинро сабурона ва мулоҳизакорона меронд. Оби борон аз ҷӯйборҳо лабрез шуда, ба кӯчаҳо рехта, заминро лойолуд карда буд. Баргҳо дар замин паҳну парешон. Ногаҳон парвонаҳо дар ҳаво пайдо шудан

гирифтанд. Дар ин ҳангом ронанда ба берун нигариста, бо ҳаяҷон ба сухан гуфтан оғозид:

–Ба берун нигаред?!

Дар вақти кутоҳ ба гирду атрофи мошин парвонаҳо наздик мешуданд. Ман гуфтам:

–Зуд тирезаҳоро боло кунед!

Аммо каме дер карданд ва ду парвонаи заҳрнок бо тирезаи ронанда ба дохили мошин ворид шуд. Яке аз онҳо ронандаро газид. Дар қафои мошин либоси ронанда буд ва ман бо он парвонаҳоро зада, ба берун ронданӣ шудам. Онҳо ба тарафи тиреза рафтанд ва аз тиреза берун шуданд. Ронанда зуд тирезаро пӯшид ва гуфт:

–Лаънатӣ, маро газид.

Ман дарҳол пурсидам:

–Ту хуб ҳастӣ?

Ронанда гуфт:

–Бале, хубам.

-Туро бояд ба беморхона барем, -гуфтам.

-Хуб, аввал ман шуморо ба маконатон расонам, - гуфт ронанда.

-Не, аввал шуморо ба беморхона мебарем, чун шумо шояд заҳролуд шуда бошед, -гуфт Румайсо.

Ронанда хастаҳолона гуфт:

–Хуб.

Ронанда мошинро ба ҳаракат даровarду чамбарро ба самти беморхона гардонд. Аммо дар роҳ чашмони ронанда хира мешуданд. Торафт миқдори парвонаҳои зарарнок зиёдтар мешуданд ва гирду атрофи мошинро мепечониданд. Рафта-рафта ҳарорати бадани ронанда баланд шудан гирифт ва ногаҳон аз идора кардани мошин набаромада, аз роҳ берун шуда, ба дарахт бархурд. Парвонаҳои заҳролуд дар гирду атрофи мошин дар ҳаво мегаштанд. Ронанда, воқеан, дар

ҳолати бад қарор дошт. Одамони маҳалла аз дохили тирезаҳои хона ба берун менигаристанд ва пайгирона вазъи мағшушро мушоҳида мекарданд. Мо аз дохили мошин кӯшиш мекардем, ки занг зада, вазъро фаҳмонем, аммо имкон надошт. Чун дар ин минтақа алоқаи мобилӣ суст буд, коре аз дастамон сохта нашуд. Мавҷи антеннаи телефон як-як пайдо мешуду зуд гум мегашт. Румайсо, ки дар хонаводаи табиб тарбият ёфта буд, аз кӯдакӣ доир ба умури тиббӣ ва хадамоти дармонию беҳдоштӣ иттилооти нофеъ дар ихтиёр дошт. Аз рӯйи нишонаҳои зоҳирии ронанда маълум буд, ки ӯ фавтидааст.

Румайсо гуфт :

–Ӯ мурдааст!

Ман дасту по гум карда:

–Бало занад.

Чанде дар дохили мошин мондем. Парвонаҳои заҳрнок дар ҳаво дубора ҷамъ мешуданд. Ману Румайсо аз тирезаи мошин дуздидаю тарсида ба берун таваҷҷуҳ мекардем. Одамон аз тирезаҳои хона ба берун менигаристанд. Ин вазъ мисли он менамуд, ки онҳоро дар хонаҳояшон зиндонӣ карда бошанд. Дар рӯ ба рӯйи онҳо -- дар ошёнаи якум як зани миёнаумр аз тирезаи хона ба мошини мо менигарист.

Румайсо гуфт:

–Акнун мо, чӣ кор мекунем?

Ман:

–Ин лаънатиҳо аз куҷо пайдо шуданд?

Румайсо:

–Бояд эҳтиёт кунем. Падарам бо телефон ба ман гуф, ки ин парвонаҳо заҳролуданду хатарнок. Ин ронандаро чӣ кор мекунем?

Ман раги гардани ронандаро даст расонда гуфтам:

–Дуруст гуфтӣ, ӯ мурдааст. Мо қариб ду соат дар даруни мошин монданд. Парвонаҳо аз осмон намерафтанд, чун борон дубора шуруъ нашуда буд. Парвонаҳо дар гирду атрофи мошин ва дар ҳаво ҳамчунон чарх мезаданд.

Ҳамин лаҳза буд, ки дубора чашмамон ба тирезаи зане, ки тарафи мо дида медӯхт, афтод. Ман таваҷҷуҳ кардаме гуфтам:

–Ин зан бо дастонаш ба тарафи мо ким-чи хел ишораҳо дорад. Ва саранҷом дарёфтем, ки он зан ишора менамояд, ки ба назди ман оед.

Румайсо зуд аз тиреза, ба тирезаи он зан нигоҳ кард, ки воқеан, бо дасташ ишора мекард, ки ба назди ман биёед.

Ман гуфтам:

–Мо бояд як нақша бикашем. Як роҳ дорем ва он ҳам ин аст, ки бояд ба назди он зан биравем. Агар ба назди он зан биравем, баъд метавон гуфт, ки нақшаи ояндаи мо чӣ гуна хоҳад буд. Чунки маълум нест, ин парвонаҳо кай аз гирду атрофи мо мерафта бошанд. Мо зиёда аз ду соат аст, ки дар инҷо интизорем.

Румайсо гуфт:

–Майлаш, дигар чӣ илоҷ, таваккал мекунем.

Гуфтам:

Румайсо, гӯш кун, як кор мекунем, аввал ин ки мебинем, агар парвонаҳо, ки аз гирду атрофи мо дуртар рафтанд, яку якбора ба ҷониби хонаи он зан ҳаракат мекунем.

Румайсо:

–Хуб, ман розӣ.

Ману Румайсо аз тирезаҳои мошин ба берун нигаристем, ки ҳаво дубора тағйир меёбад. Ва резаборон башиддат шуруъ шуд ва парвонаҳо бар асари резиши тунди борон оҳиста-оҳиста канор рафтанд. Онҳо аз болои мошин каме дуртар шуда, ба ҳаво парвоз карданд. Аммо баъзеи онҳо дар гирду

атрофи мошин ва дар болои оинаҳои мошин боқӣ монда буданд.

Ман саросемавор гуфтам:

–То се мешуморам ва ҳамин ки се гуфтам, дарҳоро мекушоем ва беист медавем.

Румайсо бо ҷубонидани сар тасдиқ кард.

Ҳарду якҷо дарҳоро кушодему ба тарафи хона давидем. Ҳангоми давидан Румайсо пешпо хурда афтид. Парвонаҳо дубора ба самти мо ҳуҷум карданд. Румайсо тарсида дод зад:

–Онҳо меоянд ва ман зуд дасти Румайсоро гирифта, дастобадаст ба тарфи хона давидем. Зан, ки вазъро назорат мекард, зуд дарро кушод ва мо ба хона ворид гардидем. Аз паси мо дар оҷилан пӯшида шуд.

Соҳибхона гуфт:

–Хуш омадед, марҳамат кунед. Шумо чӣ гуна дар инҷо дармондед?

Ман қиссаро нақл кардам.

Румайсо гуфт:

–Ронандае, ки моро ба инҷо овард, дар роҳ мавриди ҳуҷуми парвонаҳо қарор гирифта, бар асари захми заҳрнок оқибат фавтид. Ҳоло ӯ дар дохили мошин аст. Шояд ӯро дар хона кофта истодаанд.

Румайсо телефонашро бароварда, хост тамос бигирад, аммо ҳанӯз мавҷ набуд.

Румайсо ба соҳибхона гуфт:

–Хола, чаро дар инҷо антеннаи телефон вуҷуд надорад?

Соҳибхона:

–Чанд рӯз аст, ки дар ҷойи мо алоқа вуҷуд надорад. Алоқа дар минтақаи мо хароб шудааст ва таъмир идома дорад. Духтарам дар Олмон таҳсил менамояд ва чанд дафъаест, ки кушиш мекунам, бо ӯ дар тамос бошам, аммо ҳеҷ

наметавонам. Як ҳафта мешавад, ки мо дар чунин вазъият қарор дорем.

Соҳибхона моро дар мизи хурокхурӣ шинонд ва худаш барои овардани ғизо рафт. Мизи хурокхурӣ гирд буд. Мо ҳар ду ба атрофи хона нигаристем. Хона зебо буд, аммо аз деворҳои он оҳанги танҳоӣ ба гӯш мерасид.

Румайсо гуфт:

–Ин зан танҳо зиндагӣ мекунад?

Ман:

–Ба назарам, чунин аст.

–Духтараш дар Олмон будааст. Ягон фарзанди дигар ҳам дошта бошад ё на?- дар идома афзудам.

Румайсо:

–Инсон чӣ гуна метавонад, танҳо зиндагӣ кунад? Шояд дошта бошад?

–Зиндагӣ як чизе аст, ки кори намешудагиро мешудагӣ мегардонад,-посух додам.

Соҳибхона чой овард ва хӯрокро низ пешкаши мо намуд ва дар сари миз нишаста, суҳбатро идома додем.

Ман хиҷолатмандона гуфтам:

–Хола, шумо дар ин хона танҳо зиндагӣ мекунед?

Соҳибхона гуфт:

–Бале, ман дар инҷо танҳо зиндагӣ мекунам. Ду сол пеш шавҳарам аз бемории қанд фавтиданд. Ду духтар доштам, духтари калониам 7 сол пеш фавтида буд ва духтари хурдиам, ҳоло дар Олмон дар соҳаи тиб таҳсил менамояд.

Мо хело гарм бо ҳам суҳбат кардем ва шаб низ фаро расид.

Соҳибхона гуфт:

–Шумо имрӯз аз ин ҷо рафта наметавонед. Ин аниқ аст, ки то субҳ инҷо мемонед. Ман ҷои шуморо омода мекунам.

Ман, ки аз ин навъ эҳтирому самимияти хола дар тааҷҷуб афтида будам, оромона гуфтам:

–Ман як гирду атрофро назорат кунам, ки дар берун чӣ хабар аст? Ва барои нигоҳ кардан ба самти тиреза шитофтам. Румайсо ҳамроҳи соҳибхона дар назди миз монданд. Ҳаво торик шуда буд. Чароғҳои хиёбон равшан буданду халос.

Соҳибхона гуфт:

–Духтарам, як чиро аз шумо бипурсам?

Румайсо гуфт:

–Марҳамат.

Соҳибхона:

–Ин ҷавоне, ки ҳамроҳи шумост, ба шумо кӣ мешавад?

Румайсо ба тарафи ман нигарист. Ман чунон вонамуд кардам, ки чизеро нашунида ва пай набурдаам.

–Мо дар Донишгоҳ ҳамроҳ мехонем. Ин кас аз мо як курс боло таҳсил менамоянд,-оҳиста ҷавоб дод Румайсо.

Соҳибхона:

–Духтарам, ту дар дили ин ҷавон маскан гирифтаӣ.

Румайсо, бо табассум гуфт:

–Чӣ гуна, намефаҳмам?

Соҳибхона:

–Ман инро ҳис мекунам. Ҳангоме ту суҳбат мекардӣ, ӯ ба ту менигарист, ман пай бурдам.

Румайсо гуфт:

–Хола, ростӣ, ки ӯро мебинам ва бо дигар бачаҳои донишгоҳамон муқоиса мекунам, фарқ мекунад. Ахлоқи хуб дорад ва ботарбият аст.

Ман дар ин ҳангом аз тиреза менигаристаму ба мушоҳида мегирифтам, ки парвонаҳои заҳрнок дар гирду атрофи чароғҳои хиёбон чарх мезананд ё не. Як қисми онҳо дар гирду атрофи тирезаҳои хона нишаста буданд. Сипас ба назди Румайсо ва Соҳибхона баргаштам ва афзудам:

–Шабпаракҳо дар гирду атрофи хона давр мезананд.

Бо ҳам хело суҳбат кардем ва вақти хоб ҳам наздик шуд. Соат 1-и шаб шуд.

Соҳибхона гуфт:

–Ман ҷойи хоби шуморо дар ду хонаи алоҳида омода кардаам. Марҳамат, агар хоб рафтанӣ бошед, равед.

Румайсо гуфт:

–Ташаккур, хола.

Сипас Соҳибхона ба утоқи худаш барои хоб кардан рафт.

Румайсо ва ман низ ба утоқҳои хоби худ рафтем. Дар рӯйи тахти худ дароз кашидам ва ба сақфи хона нигаристам. Хобам намебурд ва қариб як соат нишастам, ки бехобӣ ғалаба кард. Аммо мехостам вазъро дар берун бо чашми худ бубинаму як дараҷа ором гардам. Ба ин ният аз ҷой боло шудам, ки аллакай Румайсо дар назди тиреза нишаста ба берун менигарист. Ман гуфтам:

–Ба парвонаҳо менигарӣ?

Румайсо:

–Онҳо аз кӯча намераванд.

Ман омадаму дар паҳлуи Румайсо қарор гирифтам.

Румайсо:

–Кӣ медонад, ки пагоҳ чӣ мешавад, кӣ медонад, кӣ мурдаву кӣ зинда?!

–Худо моро аз ин шабпаракҳои шарир нигоҳ дорад,-гуфтам мулоҳизакорона ва идома додам:

–Шояд имрӯз барои мо охирин рӯз бошад. Ман мехоҳам як масъалае, ки барои ман муҳим аст, барои ту бигӯям.

Румайсо гуфт:

–Хуб. Ман гӯш мекунам.

-Ту дар дили ман ҷой гирифтаӣ ва мехоҳам бигӯям, ки ту барои ман муҳимтарин инсони зиндагиам ҳастӣ. Ва ҳангоме ки ба ту менигарам, дар симои ту маънои зиндагиамро

мебинам. Аз ин сабаб, ман намехоҳам, ки туро аз даст бидиҳам. Барои ҳамин ин суханҳоро ба ту мегӯям.

Румайсо гуфт:

–Туро дарк мекунам, ман ҳамеша рост гуфтаам. Ростӣ, ман ба ту эҳтиром қоилам, чунки аз аввал дар донишгоҳ туро мешинохтам, ҳарчанд ки бо ҳам дӯст набудем. Ту инсон ҳастӣ ва ман ҳам инсон ҳастам. Аз ин сабаб ман ҳеҷ гоҳ ба эҳсоси инсон бозӣ намекунам. Агар воқеан, ман дар қалби ту ҷой гирифта бошам, аз ин рӯз ба баъд мо бо ҳам дӯстони якдигар ҳастем.

Ман бо ҳаяҷон:

-Ман хушҳолам, ки маро дарк мекунӣ ва ман дар ин солҳо аз заковату дониши ту огоҳ гаштам. Пас, агар чунин бошад, дастатро бидеҳ, то ин ки мо бо ҳам як қувва шавему ин парвонаҳои шарирро нобуд созем.

Сипас Румайсо дасташро дароз кард ва ман дастамро ба дасташ ҳалқа задам.

Шаб борони шадид шуруъ шуд ва дар ин марҳила буд, ки гуфтам:

–Шояд ин парвонаҳо ба ин борони тоқатфарсо тоб наёваранд ва бираванд. Борон суръаташ шадидтар гардид. Садои раъду барқ низ ба гӯш мерасид. Ногаҳон соҳибхоназан омад ва гуфт:

–Шумо бедор ҳастед?

Румайсо гуфт:

–Бале.

Соҳибхона гуфт:

–Ман барои шумо як идея дорам, шояд шуморо кумак кунад барои аз инҷо раҳо шудан. Шумо ронандагӣ карда метавонед?

Ман:

–Бале, метавонам.

Соҳибхона гуфт:

–Дар гаражамон мошини духтари фавтидаам қарор дорад. Ман ба хотири духтарам усторо меорам ва мошини ӯро зуд–зуд нигоҳубин менамоям. Ҳар моҳ устои мошин меояд, онро маротибае муоина мекунад ва ба кор медарорад ва дубора дар ҷояш мемонад. Аз ин сабаб ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки мошин сад дар сад омодаи ҳаракат аст. Як ҳафта ман мушоҳида кардам, ки дар ҳолатҳои бебoронӣ парвонаҳо зиёд мешаванд. Аммо дар ҳавои боронӣ камтар ва қариб тамоман гум мешаванд. Шумо агар ронандагӣ тавонед, мошини моро гиред ва манзилатон биравед, баъд мошинро бармегардонед.

Ман ба тарафи Румайсо нигариста гуфтам:

–Холаам, фикри хуб пешниҳод карданд. Румайсо ту дар ин масъала чӣ фикр дорӣ?

Румайсо гуфт:

–Агар воқеан, мо тавонем аз инҷо раҳо шавем, ман розӣ ҳастам.

Ҳарсеямон бо тиреза ба берун нигоҳ кардем, ки борон шадидтар мегардид.

Соҳибхона гуфт:

–Мо дар ҳолати боронӣ имкон дорем, ки аз инҷо берун оем. Чаро ки баъди борон парвонаҳо дубора ба самти хонаҳо ва гирду атроф ҳуҷум менамоянд.

Ман гуфтам:

–Агар вазъият чунин бошад, биёед, оҳиста ба самти мошин равем ва ба роҳ ҳаракат намоем.

Соҳибхона гуфт:

–Ман ҳоло калиди гаражро биёрам. Ӯ барои калид рафт ва мову Румайсо дар назди тиреза истода, як умеде дар диламон пайдо гардид.

Гуфтам:

–Ман намегузорам, ки ба ту осебе бирасад.

Румайсо:

–Ба ту эътимод дорам.

Ман:

–Мо ғалаба мекунем.

Румайсо:

–Албатта.

Ногаҳон соҳибхона омаду гуфт:

Калид омода аст, ҳамаи чизҳоятонро ҷамъ кардед?

–Бале, мо омодаем.

Мо ҳар се ба самти даромадгоҳи хона рафтем ва оҳиста ба берун нигаристем, ки парвонаҳо дар гирду атроф вуҷуд доранд ё не. Дидем, ки борон сахт меборид ва парвонаҳо низ аз худ дарак намедоданд.

Соҳибхона:

–Барои эҳтиёт ин чароғро гиред. Роҳи сафед.

Ман ва Румайсо даст ба даст карда, ба гирду атроф нигоҳ карда, ба самти гараж давидем. Борон аз болои сарамон сахт меборид. Ба назди гараж омадем ва дарро кушодем. Дар он ҷо мошине истода буд, ки рӯяш бо палатка пӯшонида шуда буд. Палаткаи болои мошинро кашида дидам, ки дар зери палатка мошини зебое истодааст. Тамғаи мошин "Ҳонда" буд ва ба мошин савор шудему мошинро ба роҳ андохтем. Соҳибхоназан ҳам аз тиреза ба мо менигарист ва бо дасташ хайрухуш мекард.

Румайсо:

–Чӣ гуна мошини тоза ва тамиз аст?

–Бале. Маълум аст, ки соҳибаш инсони пок будааст.

Румайсо:

–Бубин, дар оинаи мошин чӣ парандаи зебое овезон карда шудааст.

Ман гуфтам:

–Ин чист?

Румайсо:

–Ин паранда тӯтӣ аст.

Ман бо сурур шодмонӣ ва ҳаяҷон давом додам:

–Румайсо, ман шодам, ки ту ҳамроҳам ҳастӣ. Ту барои рӯҳу ҷисмам неруи нав мебахшӣ.

Румайсо:

–Будани ту дар паҳлуи ман, дар ин рӯзҳои душвори зиндагӣ, умедро дубора дар қалби ман мустаҳкам кард.

Беибо гуфтам:

–Румайсо, бубин, дар инҷо дафтарчаи хотироти он духтар мавҷуд аст. Дар он навишта шудааст, ки инсоният дар тули таърих бо ҳар василаву усул несту нобуд карда шудааст. Ва яке аз бадтарин ва разилтарин коре, ки инсоният нисбати якдигар анҷом додааст, ин туҳмати якдигар аст. Чандин инсонҳо аз туҳмати ноҳақ ба зери дор рафтаанд. Ниме дигар ба худкушӣ даст задаанд. Дигарон ба воситаи он кушта гардидаанд. Ин бадтарин василаест, ки мардони пок тавассути он кушта гаштаанд. Аз ин сабаб моро зарур аст, ки дар ин гирдоб ҳеҷ гоҳ ғарқ нагардем.

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Нозим НУРЗОДА**
*пажуҳишгар*

# ВОҚЕИЯТИ БАРХУРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ПАСМАНЗАРИ БОЗИҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ

(чанд мулоҳиза дар ҳошияи китоби тозаи ҳиндшиноси маъруфи тоҷик Ҳабибулло Раҷабов “Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимоти Ҳиндустон дар асарҳои нависандагони Ҳинд”)

Ташкил ва баргузории нишасту конфронс ва семинар-машварату маҳфилҳои илмӣ-фарҳангӣ ва фаннӣ-ихтисосӣ аз ҷумлаи механизм ва ба истилоҳ, роҳкорҳои муассири илмӣ-назарӣ ва амалӣ-эҷодӣ дар ростои шинохти чеҳраҳои матраҳи миллию фаромиллӣ, ошноӣ бо фарҳангу тамаддуни минтақавию ҷаҳонӣ, дарки авзои сиёсию мафкуравию геополитикӣ, ташхиси масири бархурдҳои тамаддунӣ, ҳифзи ҳувият ва манофеи миллӣ, муаррифии шоистаю боистаи меросу арзишҳои асили қавмию бумӣ ва амсоли инҳо маҳсуб мешавад. Дар ин замина, дар пажуҳишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо ҷалби донишмандону коршиносон ва насли ҷавонони муҳаққиқон семинар-машваратҳои илмӣ-амалӣ доир гардида, аз ин тариқ раванди бедории фикрӣ дар ҷомеаи илмии тоҷик таҳкиму тақвият меёбад.

Бад-ин манзур, 20 декабри соли ҷорӣ, соати 10:00 дар маҷлисгоҳи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо ҳузури доираи муҳаққиқону коршиносон семинар-

машварати илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масоили ҳиндшиносӣ ва таҳдиду чолишҳои имрӯзӣ” баргузор гардид. Дар доираи семинар-машварат, ҳамчунин монографияи ба тозагӣ интишорёфтаи сарходими илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ-Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳабибулло Раҷабов “Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд” (муфассал ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. -272 с.) як навъ рӯнамоӣ-муаррифӣ ва ба истилоҳ, презентатсия шуд.

Семинар-машварати илмӣ-амалиро директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ёрмуҳаммад Ниёзӣ ифтитоҳ карда, иҷмолан роҷеъ ба шахсияти ҳиндшинос Ҳабибулло Раҷабов ва мероси илмии ӯ изҳори назар кард. Баъдан устод Ҳабибулло Раҷабов дар мавриди зуҳуру нуфузи ҳиндшиносӣ дар минтақа, вазъи ҳиндшиносии муосир ва таҳдиду чолишҳои имрӯзӣ суҳбати ҷолиби ихтисосӣ анҷом дода, аз ҷумла таъкид кард, ки омӯзишу мутолеа ва таҳлилу арзёбиҳои илмӣ-ихтисосии кишвари Ҳиндустон имкон фароҳам меоварад, ки доираи донишу биниши мо дар заминаи шинохти ин мамлакати афсонавӣ васеъ гардад. Аз тарафи дигар, тарҷума ва пахшу нашри осори нависандагону адибони пешқадаму тараққихоҳи Ҳиндустон миллати моро ба падидаҳои нодири фарҳангу тамаддун, ойину суннат ва адабу ҳунари минтақа ошно месозад. Махсусан, устод Ҳабибулло Раҷабов ба масъалаи бархурдҳои мазҳабӣ ва тасвири ҳаводиси фоҷеабори тақсимшавии Ҳиндустон дар осори нависандагони муосири Ҳинд таваҷҷуҳ намуда, бар он ишора кард, ки даҳшату ваҳшати бархурдҳо, ки боиси шикасти руҳияи

мардумӣ тайи солиёни мутамодӣ гардидааст, дар ҳеҷ давру замоне аҳли маърифат ва зиёиёну фарҳангиёнро бетараф нагузошта ва гузошта ҳам наметавонад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ҳиндшинос Ҳ. Раҷабов афзуд, ки маҳз дар заминаи бархурдҳои мазҳабӣ ва ихтилофоти ақидатӣ китоби алоҳидае бо номи "Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд" таълиф карда, манзури хонандагон гардонидааст, то ин ки мардум аз иттифоқоти номатлубу хунбору талхи бархурдҳои мазҳабӣ огоҳӣ пайдо намуда, баҳри ҷилавгирӣ аз ҳаводиси даҳшатбор саъю талоши фаровон варзанд.

Баъди суҳбати устод Раҷабов, ҳамкорону дӯстон ва муҳаққиқон, аз ҷумла доктори имлҳои фалсафа Комил Бекзода, доктори имлҳои сиёсӣ Шамсиддин Карим, ходими калони илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ Меҳр Собириён, ходими пешбари илмии Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии АМИТ Нозим Нурзода, ходими калони илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ Мирсаид Раҳмонов суханронӣ карда, сари монографияи устод Ҳабибулло Раҷабов нуктаҳои ҷолиб ироа доштанд. Бавежа, гузоришоти доктори имлҳои сиёсӣ Шамсиддин Карим ва ходими калони илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ- Шарқӣ Меҳр Собириён дар заминаи китоби "Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд"-и Ҳ. Раҷабов ихтисосӣ ва ҳирфаӣ буданд. Устод Бекзода, ки ифтихори ҳамсабақӣ ва ҳамкорӣ бо Ҳабибулло Раҷабовро доранд, доир ба сифоту вежагиҳои ҳувиятӣ, ахлоқӣ, илмӣ, ихтисосӣ ва эҷодии ҳиндшинос хотироти ҷолибе ироа дошт. Ҳамин тариқ, семинар-машварати илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои ҳиндшиносӣ ва таҳдиду чолишҳои имрӯзӣ" дар сатҳи хуби ташкилӣ ва илмию эҷодӣ ҷараён гирифт.

Мо ҳам дар семинар-машварат дар мавзуи “Воқеияти бархурдҳои мазҳабӣ дар пасманзари бозиҳои геополитикӣ (чанд мулоҳиза дар ҳошияи китоби тозаи ҳиндшиноси маъруфи тоҷик Ҳабибулло Раҷабов “Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимоти Ҳиндустон дар асарҳои нависандагони Ҳинд”) суҳбат кардем, ки муҳтавои онро мухтасаран хидмати шумо арз медорем:

**Якум.** Устод Ҳабибулло Раҷабов дастпарвари Шуъбаи забонҳои ҳиндӣ ва урдуи факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург буда, баъди хатми донишгоҳ тайи зиёда аз 22 сол масъулияти мудирияти кафедраи филологияи Ҳинду Покистони факултаи шарқшиносӣ (ҳозира факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бар уҳда гирифта, дар омода кардани кадрҳои илмию таълимӣ ва тарҷумаю интишори адабиёти Ҳинд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст. Устод дар муддати зиёда аз 50 соли фаъолияти илмӣ **20 китоб ва беш аз 200 мақолаю** матолиби илмӣ ба табъ расонида, чандин асарҳои нависандагони машҳури Ҳиндро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, дар ростои равобити илмии Тоҷикистону Ҳиндустон хидматҳои шоён анҷом додааст. Китобҳои ӯ, аз ҷумла “Ин аст Ҳиндустон” (-Душанбе, 2007. -303 с.), “Таърихи адабиёти Ҳиндустон дар давраи нав” (-Душанбе, 2017), “Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимоти Ҳиндустон дар асарҳои нависандагони Ҳинд” (-Душанбе, 2022) ва амсоли инҳо дар шинохти ҷуғрофиё, адаб, ахлоқ, сиришт, фарҳанг, иқтисод, ойин, суннат ва маданияти кишвари афсонавии Ҳиндустон барои доираи васеи хонандагон мусоидат мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, устод Ҳабибулло Раҷабов барои дастовардҳои назаррас, саҳми бузург ва хизматҳои шоёнаш дар самти ҳамкориҳои илмию фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон дар бахши “Адабиёт ва маориф” соли 2018 бо

Ҷоизаи “Падма Шри” (“Ордени нилуфар”) мукофотонида шуд. Хурсандиовар он аст, ки мавсуф дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ аз зумраи нахустин нафаронест, ки соҳиби ин ҷоиза гардидааст. Ин навъ қадрдонӣ шоҳиди он аст, ки ҳиндшиноси миллӣ Ҳабибулло Раҷабов миёни доираҳои илмию фарҳангии хориҷӣ нуфуз ва эътибори баланд дорад.

**Дувум.** Устод Ҳабибулло Раҷабов аз ҷумлаи ҳиндшиносон ва ховаршиносони миллиест, ки масоили баҳсӣ ва таҳқиқиро фаротар аз доираҳои филологӣ ва касбӣ-ихтисосӣ мавриди омӯзишу мутолеа қарор медиҳад. Ин аст, ки ӯ ҳангоми таҳқиқи осору мероси адибони Ҳинд, дар баробари арзёбии ҷанбаҳои адабӣ-ҳунарӣ (филологӣ-адабиётшиносӣ), аз назару дидгоҳҳои таърихӣ, мардумшиносӣ, фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, осебшиносии иҷтимоӣ ва соири равишҳои илмӣ кор мегирад. Ҳатто дар китоби илмӣ-оммавии “Ин аст Ҳиндустон” (-Душанбе, 2007. -303 с.), ки хусусияти иттилоотӣ-информатсионӣ, оммавӣ-публитсистӣ ва ташвиқӣ-таблиғотӣ дорад, устод Ҳабибулло Раҷабов меъёрҳои илмӣ-фаннӣ ва вежагиҳои ихтисосиро риоят кардааст. Ба сухани дигар, устод Ҳ. Раҷабов сабку салиқаи хосси омӯзишӣ, нависандагӣ, таҳқиқӣ ва эҷодӣ дорад. Ба воситаи мururу мутолеаи китоби “Ин аст Ҳиндустон” мо бо сабку равиши ҷолиби нависандагӣ, аз ҷумла: ҳадафшиносӣ; пайдарҳамии мавзуӣ; ҷаззобияти иттилоотӣ; шеваи калимаву таркиборойӣ; равиши содаи ҷумлабандӣ; тасвироти орӣ аз такаллуфу таоруфи маъмулӣ; мураттабии маводи ахборӣ; рӯшанбаёнии муаллиф ошно мешавем. Ба ин маъно, устод Раҷабов таҳлилу баррасии комлексӣ-маҷмуавии масъалаҳои мавриди назарро дар омӯзишу таҳқиқ меъёри умури таҳқиқӣ медонад, ки ин гуна вежагии илмӣ-фаннӣ дар кам нафароне мушоҳида мешавад.

**Севум.** Бармегардем ба китоби тозанашри устод Ҳабибулло Раҷабов “Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимоти Ҳиндустон дар асарҳои нависандагони Ҳинд” (-Душанбе: “ЭР-Граф, 2022. -272 с.). Муаллиф, албатта, мавзуи бархурдҳои мазҳабиро дар меҳвари кори таҳқиқӣ қарор дода, дар ин замина масоили дигареро, ки ба мавзуи асосӣ ба таври бевосита ва ё бавосита тааллуқ гирифтаанд, арзёбӣ кардааст. Дар маҷмуъ, муҳаққиқ дар ду боб мавзуи бархурдҳои мазҳабиро дар осори нависандагони Ҳинд бозбинӣ ва баррасӣ мекунад. Дар боби якум – “Тасвири бархурдҳои мазҳабӣ дар асарҳои адибони Ҳинд” (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. –С.12-123) муҳаққиқ дар мисоли **10 адиби маъруфи Ҳинд** бо шумули Биҳишма Саҳнӣ, Иброҳим Ҷалис, Моҳан Ракеш, Миҳир Мукҳопадҳай, Раҷендра Сингҳ Бедӣ, Вишну Прабҳакар, Абдул Бисмиллоҳ, Хушвант Синҳ, Хоҷа Аҳмад Аббос, Кришан Чандар ҳаводиси даҳшатбори бархурди мазоҳибро ҳамчун фоҷеаи миллии Ҳиндустон матраҳ мекунад. Муҳаққиқ-ҳиндшинос дар феҳристи 10 адиби тараққипарвари Ҳинд исми ду нафар нависандаи мусулмон – Абдул Бисмиллоҳ (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. С.59-62) ва Хоҷа Аҳмад Аббос (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. С.73-100)-ро ёдовар шуда, мавзуи ихтилофоти мазҳабӣ ва бархурдҳои диниро дар зиндагинома ва мероси адибони мазкур пайгирӣ мекунад ва ба натиҷа мерасад, ки адибони тараққипарвари Ҳинд дар ҳамбастагӣ алайҳи зулму истибдоди мазҳабӣ ва хушунатҳои динӣ мубориза бурда, парчами озодию истиқлолро бо ҳам баланд

бардоштаанд. Адиби Ҳинд Абдул Бисмиллоҳ (таваллудаш 1949), ки муаллифи китоб (Ҳ. Раҷабов) бо ӯ робитаи бевоситаи дӯстию ҳамкорӣ доштааст, дар ҳикояи “Кабирдаси нав” қаҳрамонеро меофарад, ки на ҳинду ва не мусулмон аст (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. – Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. С.59). Аз ин тарзи офариниши эҷодӣ метавон натиҷа гирифт, ки нависандагони Ҳинд дар баррасӣ ва тасвири ҳаводис аслан ба тааллуқоти миллию нажодӣ, мавқеъгириҳои ҳизбию сиёсӣ ва эътиқодоти динию мазҳабӣ таваҷҷуҳ накарда, масъала, муаммо ва мушкилотро мунсифона пайгирӣ намудаанд.

Дар боби дувум – “Тасвири бархурдҳои мазҳабӣ ва оқибатҳои он дар романи Яшпал (1903-1973) “Ҳақиқати қалбакӣ” (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. С.124-264) муаллиф ҳаводиси мудҳиши асри гузаштаи Ҳиндро ба таври алоҳида дар романи нависандаи шуҳратёри Ҳиндустон Яшпал бозбинӣ мекунад. Ҳиндшинос Ҳ. Раҷабов ба ин нукта тамаркуз мекунад, ки Яшпал дар романи “Ҳақиқати дурӯғин” силсилаи масоилро ҷамъулҷамъ дар партави мавзуи зиддияту бархурдҳои мазҳабӣ ба риштаи тасвир бармекашад. Ин аст, ки менависад: “Яшпал маҳз ҳамин масъаларо муҳимтарин масъалаи замони зистани худ донистa, барои болои он андеша кардан қалам ба даст гирифтааст...” (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: “ЭР-Граф”, 2022. –С.155). Қаҳрамонони марказии романи “Ҳақиқати дурӯғин”-и Яшпал Тара, Ҷайдев Пурӣ, Асад, Бантӣ ва дигарон бар он мекӯшанд, ки бо ташаббусоту ибтикороти отифию созандаи худ сатҳи бархурдҳои мазҳабӣ ва ташаннуҷи авзоъро пойин

бурда, суботу амният ва рифоҳу ҳамзистии динӣ-ақидатиро дар ҷомеа таҳаққуқ бахшанд. Аз ҳама муҳим, нависандаи романи "Ҳақиқати дурӯғин" Яшпал худ шоҳиди бевоситаи кашмакашу даргириҳо, низоъу бетартибиҳо, ваҳшату даҳшатҳо ва фоҷеаву мусибатҳои миллию мардумӣ буда, дар асоси диду бардоштҳо асари комили бадеӣ ба мерос гузоштааст. Алалхусус, панорамаи даҳшату ваҳшати даргирию бархурдҳои мазҳабӣ ва ихтилофоти фикрии дар имтидоди соли 1947 иттифоқафтода, ки сарзамини афсонавии Ҳиндро ба ҳоли парешонию карахтӣ расонида буд, хонандаро бетараф гузошта наметавонад. Бархурди хунбори мазҳабӣ миёни пайравони адёну мазоҳиби гуногун, бахусус, ҳиндувону мусулмонон, ки асрҳои аср бо ҳам дар як сарзамин зиста, чун як хонавода шудаанд, пеш аз ҳама, боиси нигаронии аҳли зиё, аз ҷумла адибон гардид.

Ҳамин аст, ки Яшпал ва доираи васеи адибони тараққипарвари Ҳинд хома ба даст гирифта, дар тасвири воқеӣ-реалии бархурдҳои мазҳабӣ, ки дар марҳилаи тақсимоти мамлакат (соли 1947) ба вуқуъ пайваста, мусибату фоҷеаҳоеро ба дунбол доштааст, талош варзиданд. Куштори бераҳмонаи тарафайн дар замони тақсимшавӣ ва паёмадҳои ногувори он насли мутараққӣ ва пешқадами вақти Ҳинду Покистонро бетараф нагузошта, намояндагони барҷастаи адёну мазоҳиби мухталиф, бо такя ба ақли солим ихтилофоту инҳирофоти ақидатӣ ва нобасомониҳои фикриро сахт маҳкум кардаанд. Яшпал ҳам манзараи қатлу куштор ва бераҳмию мусибатзадагии табақаҳои гуногуни мамлакатро ба намоиш гузошта, тазаккур додааст, ки тӯдаҳои бемаърифат дар сатҳи ҳайвоноти даррандаанд ва на бар асоси ақлу ҳуш, балки бар мабнои ғариза амал карда, амну субот ва оромишу рифоҳи ҷомеаро ба ҳам мезананд. Намояндагони ақли солим, ки дар романи "Ҳақиқати дурӯғин"-и Яшпал дар симои Тара, Ҷайдев

Пурӣ, Асад, Бантӣ зуҳур мекунанд, ба ҳақиқатҳои дурӯғини мазҳабӣ лаънату нафрин мефиристанд ва дар баробари тӯдаи ваҳшӣ бо садои баланди эътироз "Ин чӣ шармандагӣ! Лаънат бар шумо!" (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: "ЭР-Граф", 2022. С.263) муқовимату мубориза мекунанд. Муҳаққиқи адабиёти Ҳинд устод Раҷабов масоили ҳассос (тақсимшавии Ҳиндустон ва авҷи ихтилофоти динию мазҳабӣ)-ро бар мабнои тасвироти Яшпал як навъ ҷамъбаст намуда, менависад, ки: "Яшпал ишора мекунад, ки барои одитарин кас бемаънӣ будани ин тақсимот равшан аст. Ронандаи мошине, ки он ҷо Тара савор аст, ба ҳамсуҳбаташ Каушаля Девӣ мегӯяд: "Ба ин тӯдаи ба ҷаннати Покистон мерафтагиҳо нигоҳ кунед. Ҳазорон одамонро бехонумон кардан ба фоидаи кӣ бошад-а?" (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: "ЭР-Граф", 2022. С.262). Суоли асосие, ки ронандаи мошин матраҳ мекунад: "Ҳазорон одамонро бехонумон кардан ба фоидаи кӣ бошад-а?", пурсиши рикторикӣ-мантиқӣ аст. Ба воситаи ин гуна суолгузориҳо қаҳрамонони романи "Ҳақиқати дурӯғин" масъалаҳои ҳассосеро аз қабили саҳнасозиҳои маснуии мазҳабӣ, нақша-сенарияҳои намоишномаҳои сиёсӣ, коргардонии ҷангу даргириҳои ақидатӣ, суъистифода аз бовару эътиқодоти мардумӣ дар бозиҳои геополитикӣ, ҷаҳлу хурофазадагии қишрию табақотӣ, камбуду навоқиси каставӣ, мушкилоти ҳувиятӣ ва ҳадафу манофеи сиёсию иқтисодии мустамликадорони аҷнабӣ ва амсоли инҳоро баррасӣ мекунанд ва роҳҳои бурунрафт аз мушкилоту муаммоҳоро меҷӯянд. Ин аст, ки қаҳрамони романи "Ҳақиқати дурӯғин" Тара бад-он талош мекунад, ки парда аз ҳақиқатҳои дурӯғин бардорад ва мардумро аз воқеияти ихтилофоти мазҳабӣ ва

вусъути хатару даҳшати бархурдҳои динӣ огоҳ сохта, аз ин тариқа иттиҳоду ҳамбастагиро миёни табақаҳои иҷтимоӣ ва қишрҳои маданӣ таъмин намояд.

**Чаҳорум.** Ҳадафи таҳқиқро муаллиф дар муқаддима ва охирсухани китоб мухтасар ишора мекунад ва ба ақли солими ҷомеа гӯшзад менамояд, ки дар роҳи ҷилавгирӣ аз хатарҳои глобалӣ, ки маъмулан реша дар бархурдҳои мазҳабӣ доранд, бетараф набошанд ва сарнавишти хешро ба дасти худ таъйин намоянд, на ин ки бо ҳузури бегонагони истилогар мамлакатро ба гирдоби вабою балоҳои нав гирифтор созанд (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. – Душанбе: "ЭР-Граф", 2022. –С.9). Дар маҷмуъ, хатти машйи таҳқиқии устод Ҳ. Раҷабов нишон додани миқёсу масоҳат, ҷуғрофиё, решаю иллатҳои зуҳур, паёмадҳои даҳшатбори бархурдҳои мазҳабӣ ва ихтилофоти ақидатӣ дар минтақа (манзур Ҳиндустон аст) мебошад. Албатта, муаллиф танҳо тасвири ҳаводиси соли 1947 – замони тақсимшавии Ҳиндустонро минҳайси марҷаъи таҳқиқӣ қарор дода, дар ин замина хомафарсоӣ кардааст, аммо дар доираи мавзуъ муҳаққиқ хеле фаротар рафта, бар мабнои воқеиёти имрӯзӣ ва шароити муосири бархурдҳои геополитикӣ ҷуғрофиёи баррасиҳояшро густариш бахшидааст.

**Панҷум.** Ҳиндшиноси миллӣ устод Ҳабибулло Раҷабов ҳинни баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи бархурдҳои мазҳабӣ аз нигоҳи адибони тараққипарвари Ҳинд бо қаҳрамонони асарҳо ҳамдостон мешавад ва фоҷаеву мусибатҳои мардуми минтақаро ба унвони фоҷаеи миллии тамоми мардуми тараққипарвари ҷаҳон муаррифӣ месозад. Яъне, муҳаққиқ миқёсу густураи сарнавишти талхи мардуми Ҳиндро, ки бар асари тақсимшавии мамлакат ба ду кишвари алоҳида – Ҳиндустон ва Покистон (соли 1947) ва дар ин замина тезутунд

шудани бархурдҳои мазҳабӣ шакл гирифтааст, бар мабнои тасвиркориҳои адибони маъруф Биҳишма Саҳнӣ, Иброҳим Ҷалис, Моҳан Ракеш, Миҳир Мукҳопадҳай, Раҷендра Сингҳ Бедӣ, Вишну Прабҳакар, Абдул Бисмиллоҳ, Хушвант Синҳ, Хоҷа Аҳмад Аббос, Кришан Чандар ва Яшпал мушаххас мекунад. Гузашта аз ин, устод Ҳабибулло Раҷабов дар так-таки навиштаҳои китоби "Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд" пурсишҳои калидиеро аз ин даста ба ҷомеа ва бавежа, насли нави интеллигенсия арз медорад:

-чаро инсонҳо ба ин дараҷа ваҳшиянд?;

-то ба кай ин вазъ идома меёбад?;

-магар ба ҳам дарафтодан ва гулӯи якдигар даридан шармандагӣ нест?;

-чаро дигарон дар баробари ваҳшоният ва беадолатӣ сукут ва хомӯширо ихтиёр мекунанд?;

-чаро ҷиҳати ҳалли масъала ва пойин бурдани сатҳи ҷаҳолату хурофоти мазҳабӣ ҷаҳду талош намекунанд?;

-чаро мардум ва махсусан, аҳли зиё ва фарҳанги ҷомеа ба сарнавишти мардум ва ҷомеа бетафовуту бетарафанд?;

-чаро мардум ба таври дастҷамъӣ ва саросарӣ бо мушкилоту хатароту таҳдидоту чолишҳои имрӯзӣ, ки ҷомеа ва мардумро ба чоҳи бетаги ҷаҳолат мекашанд, мубориза намебаранд ва муқовимату муқобилият намекунанд?;

-чаро дар баробари барномарезиҳои геополитикии хориҷӣ гузина-алтернативаҳои муосири миллӣ таҳия, коркард ва мавриди татбиқ қарор намегиранд ё ин ки ин гуна иқдомот муассир ва корсоз нестанд?

**Шашум.** Ба ин тартиб, устод Ҳабибулло Раҷабов ҳаводиси тақсимшавии Ҳиндустон ва кашмакашу чолишҳои марҳилаи тақсимшавиро моддаи таҳқиқ қарор дода, дар зимн, бархурдҳои мазҳабии солҳои 1992, 2022 ва 2020-ро низ ба

унвони фоҷеаҳои қораи Ҳинд мисол зада (С.267), ба ин васила аз қишри зиёӣ, табақаи маданӣ ва ҷомеаи илмию ихтисосӣ даъват ба амал меоварад, ки дар самти решашиносӣ ва ташхис-диагностикаи мушкилоти равонӣ, фикрӣ, ҳувиятӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ иқдомоти ҷиддӣ рӯйи даст гирифта, ҷиҳати пойдории сулҳу субот, устувории амнияту салоҳ, таҳвияти осоишу рифоҳ, такмили донишу савод ва рушду тавсеаи иҷтимоӣ камари ҳиммат барбанданд. Аз тарафи дигар, устод Раҷабов аз ибтидо то интиҳои китоби "Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд" мавзуи бархурдҳои мазҳабиро минҳайси масъалаи калидӣ ва ба унвони таҳдиду хатару чолиши миллӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ ва умумибашарӣ матраҳ мекунад (ниг.: Раҷабов, Ҳабибулло. Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд. –Душанбе: "ЭР-Граф", 2022. С.265-268). Ин аст, ки муҳаққиқ ва ҳиндшинос Ҳ. Раҷабов дар пасманзари ҳаводиси фоҷеабори таҳсимшавии Ҳиндустон таҳдиду хатарҳои гузаштаро бо чолишҳои имрӯза қиёс намуда, дурнамои бозиҳои мазҳабӣ ва ихтилофоти ақидатиро як навъ ояндабинӣ мекунад. Муҳаққиқ ба натиҷае мерасад, ки дар шароити имрӯзаи бархурдҳои сиёсию тамаддунӣ, чолишҳои мазҳабӣ ва барангехтани ихтилофоти динӣ ҷузъи муҳимми барномарезиҳои геополитикӣ ба ҳисоб меравад ва сенаристону коргардонон ва ба истилоҳ, геостратегҳои хориҷӣ аз эҳсосоти динӣ ва ангезаи мазҳабии табақаҳои нодону гумроҳи манотиқи мавриди назар истифода намуда, манофеи сиёсӣ, мафкуравӣ ва иқтисодии худро пиёда мекунанд. Ба ин маънӣ, аз ҳаводиси даҳшатбори гузашта, ки ғолибан бар пояи ихтилофоти мазҳабӣ рӯ задаанд, бояд ибрат гирифт ва дар роҳи ҳамзистии ақидатӣ ва ҳамбастагии миллию мардумӣ гомҳои устувор бардошт.

# ХОТИРОТИ ПАРВОНА БАҲОР ДАР БОРАИ ПАДАРАШ МАЛИКУШШУАРО БАҲОР ВА БУЗУРГОНИ ДАРАҶАИ АВВАЛИ АДАБИ ЭРОН

**Сируси АЛИНАЖОД**

Матлабе, ки пешкаши хонандагони гиромӣ мегардад, навиштаи рӯзноманигори маъруфи Эрон Сируси Алинажод аст, ки 12 январи соли 2004 дар роёнаи радиои БиБиСи (BBC) зери унвони “Ба баҳонаи интишори китоби “Мурғи саҳар”, зиндагии риққатбори устодони дараҷаи аввали адабиёт” мунташир шудааст. Ин мақола аслан тақризи Сируси Алинажод аст, ба китоби ёддоштҳои Парвона Баҳор, духтари Маликушшуаро Баҳор дар бораи рӯзҳои вопасини зиндагии падараш, ки онро соли 1382 (2004 м) интишороти “Шаҳоб” дар 284 с. ба чоп расонидааст. Муқарризи китоб зимни баррасии асар дар бораи зиндагии бетакаллуф ва то ҳадде қашоқонаи чеҳраҳои саршиноси илму адаби солҳои 30-80 қарни ХХ Эрон, аз ҷумлаи М.Баҳор, Алӣ Акбари Деҳхудо, аллома Қазвинӣ, Оштиёнӣ, Фарзон, Фурӯзонфар, Аҳмад Алии Раҷоии Бухороӣ, Парвиз Нотили Хонларӣ маълумоти ҷолибе ироа доштааст. Аз он ҷо, ки ин номҳо ва таҳқиқоту навиштаи ин чеҳраҳои мондагори илму адаби Эрон барои ҳаводорон ва муҳаққиқони таърихи адабиёти классикиамон ошност, бо андаке ихтисор ва тавзеҳоти лозим ба алифбои имрӯзи тоҷикӣ баргардон гардид, то дастраси ҳаводорони адабиёт гардад.

Хотироти Парвона Баҳор, духтари Маликушшуаро, тозатарин навиштаест, ки бар меҳвари зиндагии охирин бузургсулолаи шеъри классики Эрон мечархад. Ҳарчанд нимаи дувуми китоб на ба зиндагии шоир ки, ба зиндагии шахси нависанда мепардозад, аммо ҷавҳари китоби “Мурғи саҳар” дар воқеъ, ҳамон зиндагии Маликушшуаро Баҳор аст. Ва аҳамияти китоб низ дар ҳамон аст.

Дар бораи Баҳор, аз замони даргузашташ дар соли 1330 (1951м-О.Х.) то кунун бисёр навиштаанд. Навиштаҳои наздиконаш ҳам дар ин замина кам нест, аммо ҳар кас метавонад дидаҳо ва таҷрубаҳои худро ривоят кунад. Хотироти Парвона Баҳор низ, ки дар солҳои охири умри шоир, муънису парастори ӯ буда, аз ин ҳайс натанҳо хонданист, балки санади муътабар ба шумор меояд. Ба вижа, он ки дар ин ҷо робитаи духтару падар низ ба зебоӣ кор меафзояд ва хонандаро даргири мабоҳиси отифӣ мекунад.

Бо вуҷуд ин, хотироти Парвона Баҳор ҷуз дар яке ду фасл ё ба ҷуз дар бархе маворид китоби пурмоя нест [...]. Дар айни ҳол, дар матраҳ кардани бархе нукоти зиндагии Баҳор муваффақ аст ва метавонад хонандаро бо зиндагии яке аз бузургони адаби муосир дар авохири умр ва низ хонаводаи ӯ ошно кунад. Тавсифи ӯ аз ҷузъиёти хонаи падарӣ, аз утоқҳо то боғи хона ва диққате, ки дар васфи ҳоли модар ва равобити отифии нуҳуфта дар даруни хона ба даст медиҳад ё тасвире, ки дар фасли "Бозгашти падар ба Эрон" (М.Баҳор якуним сол барои табобати бемории сил дар Суис (Шведсария) буд – О.Х.) ва фасли баъд аз он дар бораи фақри хонаводаи Баҳор дар солҳои охири умри шоир тарсим мекунад, аз ин даст аст. Ба ҳар сурат, қисмати дувуми китоб, ки дар он нависанда ба зиндагиномаи худ дар Амрико мепардозад, шояд аз он рӯ, ки барои худи вай малмустар буда, навиштаи беҳтаре аз кор дар омадааст.

Дар фасли "Бозгашти падар ба Эрон" Парвона аз солҳое мегӯяд, ки Баҳор пас аз муддатҳои беморӣ, дучори фақр шуда ва ҳамсари ӯ ногузир тамоми ашёъи қиматӣ ва арзишманди хонаро, ки ё аз хонаи падарӣ ба унвони ҷаҳизия ба хонаи Баҳор оварда буда ва ё гирдовардаи худи Баҳор аст, ба фурӯш мерасонад ва танҳо ҳамон ҳаёт (ҳавлӣ – О.Х.) ва хонае мемонад, ки Баҳор дар он зиндагӣ мекард.

Шоир ба ночор, духтарашро назди раиси Бонки миллӣ мефиристад, то дар изоъи (ивази – О.Х.) гарав гузоштани хона, даҳ ҳазор тумон қарз кунад. Раиси бонк мувофиқат намекунад. Шарҳе, ки Парвона Баҳор аз моҷаро, яъне аз душворӣ ва сангинии рафтан назди раиси бонк барои вом, маъюс шуданаш ва баргаштан аз утоқи ӯ, вуруд ба хиёбони Фирдавсӣ ва дидани муҷассамаи Фирдавсӣ дар он ҳол ба даст медиҳад, дили сангро об мекунад. Тасаввури он ки марде ба бузургии Баҳор, дармондаи даҳ ҳазор тумон шавад ва ночор духтарашро назди раиси бонке бифиристаду посухи манфӣ бигирад, на танҳо дарднок нест, нишонгари вазъи нобасомони кишварест, ки мо ҳама ба шаҳрвандии он ифтихор мекунем. Вақте сарнавишти устоди барҷастае чун Баҳор чунин аст, пайдост, ки донишкадаҳои адабиёти мо дигар нахоҳад тавонист соҳиби устодони дараҷаи аввале чун ӯ шаванд.

Парвона Баҳор саъй мекунад, пас аз берун омадан аз Бонки миллӣ бо рӯй овардан ба майдони Фирдавсиву муҷассамаи сарояндаи "Шоҳнома", хатти фақреро, ки аз рӯзгорони дур насиби шоирони шарифи Эрон буда, тарсим кунад. Албатта, ӯ дар ин кор муҳиқ (ҳақ ба ҷониб – О.Х.) аст, аммо воқеъ ин аст, ки байни замонаи мо ва замонаи Фирдавсӣ ҳазор сол фосилаи таърихӣ вуҷуд дорад. Ва имрӯз чун ба шароити таърихии замони Фирдавсӣ бингарем, он норавоиҳо шояд қобили фаҳм шавад. Чизе, ки қобили фаҳм нест, ин аст, ки мо ҳазор сол баъд, рафторе мушобеҳ бо шуарову удабову бузургони худ мекунем. Ин фақр, ки Парвона Баҳор бад-он ишора мекунад, мухтаси (хоси – О.Х.) Баҳор набудааст. Тақрибан тамоми бузургони адабу фарҳанги мо дар панҷоҳ соли ахир дучори чунин сарнавиште будаанд. Барои рӯшантар шудани моҷаро беҳтар аст, ёде аз устод Аҳмад Алӣ Раҷоии Бухороӣ, аз устодони қадри аввали Донишгоҳи Фирдавсӣ (дар Машҳад – О.Х.) ва Донишгоҳи Теҳрон бикунем.

Дар нимаи даҳаи панҷоҳ (солҳои 70 қарни XX – О.Х.) дар мусоҳибае аз ӯ пурсидам: иллати сайри нузулии (пастравии – О.Х.) маълумоти адабӣ ва адами алоқаи (набудани шавқи – О.Х.) ҷавонон ба риштаи адабиёт чист? Посухи ӯ, ки ба шарҳу тафсил баён шуд, дарднок буд:

“Иллати сайри нузулии маълумоти адабӣ ва адми алоқаи ҷавонон чанд чиз аст. Дар дараҷаи аввал, оянданигарист, ки ҳар башари хирадманде бояд дошта бошад. Касе ки адабиёт мехонад, агар қарор бошад, устод шавад, ояндаи худро дар симои устодони бузурги адаби имрӯз [он рӯз] мебинад”.

Устод Аҳмад Алӣ Раҷоии Бухороӣ мегуфт: “Бо камоли таассуф зиндагии устодони бузурги адаби форсӣ, ки аз қазои рӯзгор дар ин қарн чанд тан аз номдортаринашон зуҳур карданд, умедбахш нест. Ҳеҷ як аз онон “на ба андозаи як муқотеъакор (паймонкор, пудратчӣ-О.Х.), на ба андозаи як пизишк, на ба андозаи як муҳандис, ҳатто ба андозаи як баққоли сари гузар ҳам аз рифоҳ бархурдор набуданд”

Барои исботи сухани худ чанд мисол аз бузургони муосири адаби форсӣ овард, ки аввалини онҳо Баҳор буд ва баъд аллома Қазвинӣ, Деҳхудо, Фарзон, Фурӯзонфар, Баҳманёр, Иқболи Оштиёнӣ ва.... ва гуфт: “Дареғ аст, ки арз кунам, ки ҳеҷ кадом аз инҳо на шодком буданд, на нек саранҷом”.

Дар бораи Баҳор зимни баршумурдани малакоти ӯ, ки ҳам забонҳои паҳлавӣ ва арабӣ медонист ва ҳам рӯҳи баланду даруни муштаиле (барафрӯхтае – О.Х.) дошт ва ҳам чанд давра намояндаи Маҷлис ва як бор вазири фарҳанг шуда буд, мегуфт, чунин шахсияте ба иллати ростиву покӣ, вақте даргузашт, дар маҷлиси сано (сенат – О.Х.) тарҳе ба тасвиб расонданд, ки моҳе ҳазор тумон ба хонаводаи ӯ бидиҳанд, ки барои имрори маош дармонда набошанд. “Вақте оқибати маликушшуарои мамлакат ин бошад, кадом ҷавон ҳозир аст ба дунболи адаб биравад, чаро биравад?”

Парвона Баҳор дар ин бора менависад: "Баъд аз марги падарам, вазъи молии модарам рӯз ба рӯз бадтар мешуд. Падарам ҳеҷ гоҳ устоди (профессори – О.Х.) расмии Донишгоҳ нашуда буд. Ба ҳамин иллат ҳам ҳуқуқи бознишастагӣ (нафақапулӣ – О.Х.) надошт. Модарам ночор китобхонаи падарамро фурӯхт. Китобҳои хаттиро китобхонаи Маҷлис харид, китобҳои дигарро ҳам як китобфурӯш ибтиёъ (харидорӣ – О.Х.) кард"

Аммо пули китобҳо ҳам чизе набуд, ки бо он чархи зиндагӣ бигардад. Пас аз муддате ночор аз давлат тақозои кӯмак карданд ва лоиҳае танзим шуду ба Маҷлис рафт ва бо моҳе ҳазорупонсад тумон мувофиқат шуд ва лоиҳа ба сано рафт. "Худо медонад, чӣ сару садое дар мавриди ин лоиҳа дар Маҷлиси сано даргирифт. Ҷамол Имомӣ ва Алӣ Даштӣ аз ҳар иттиҳоме ба падар ва хонаводаи мо фурӯгузор накарданд".

Бо ҳазору понсад тумон албатта, намешуд он хонаеро, ки пурҷамъият буд, идора кард. Хонаводаи Баҳор ночор шуд, хонаи Маликушшуарoро бифурӯшад. Ва афсӯси Парвона Баҳор ин аст, ки "чӣ мешуд, агар давлат он боғу хона ва китобҳои Баҳорро мехарид ва онро ба музей бадал мекард. Боғаш порке мешуд ва хонааш музей ва китобхонааш, китобхонаи умумӣ"

Масъала танҳо ин нест, ки Баҳор чунин саргаштагӣ дошт, масъала ин аст, ки ғолиби бузургони муосири адаби форсӣ чунин сарнавиште доштаанд. Устод Раҷоӣ дар бораи аллома Қазвинӣ мегуфт, ки бо маблағи ночизи авқофи "ТИП" (Бунёди хайрияи шарқшиноси маъруф Эдвард Браун – О.Х.) дар Урупо ба исрат (тангдастӣ – О.Х.) мезист. Вақте ба Эрон омад, ҳеҷ таваҷҷуҳе ба ӯ нашуд ва агар "ёрмандии марди дигаре набуд, ки ду утоқ аз болохонаи манзилашро холӣ кард ва ба Қазвинӣ дод". Ӯ ҷо ва пуле барои иқомат дар Теҳрон надошт. Вақте ҳам мурд китобҳояшро Донишгоҳи Теҳрон харид, то хонаводааш

бо он пул ба зиндагӣ идома диҳанд. "Ин мероси устоде буд, ки лақаби "аллома" дошт".

Деҳхудо, ки муддатҳо раиси Донишкадаи ҳуқуқ буд, чиҳлу панҷ сол аз умрашро сарфи бузургтарин Доиратулмаорифи форсӣ кард, бе он ки ҳаққи таълиф бигирад. Дар ҳоле, ки агар дар изоъи ҳар фиш (барга, карточка – О.Х.) ду-се тумон ба ӯ медоданд, милёнҳо сарват дошт. Ӯ шикваи худро аз фақр бо ин байт, ки дар девори утоқаш насб карда буд, нишон медод:

Андар *ҳама деҳ ҷӯйи на моро,*
*Мо лофзанон, ки Деҳхудоем.*

Тоза, дар авохири умри Деҳхудо бо пешниҳоди Тақизода хонаи қадимӣ хариданд ва дар ихтиёри ӯ гузоштанд, ки фишҳои худро дар он бигзорад. Хонае, ки ба қавли устод Раҷоӣ "ҳеҷ банное (бинокоре – О.Х.) туш (дохилаш – О.Х.) наменишаст".

Сайид Муҳаммади Фарзон дар нимаи даҳаи чиҳил аз Донишкадаи илоҳиёт бо 980 тумон ҳуқуқ бознишаста шуд ва "ҳеҷ кас аз умнои (мӯътамидони – О.Х.) давлат ва аркони мамлакат аз худаш напурсид, ки ин нобиғаи аср дар сари пирӣ чӣ тавр метавонад бо 980 тумон зиндагӣ кунад, вақте кирояи манзил се ҳазор тумон аст". Ин ки Раҷоӣ мегӯяд "ҳеҷ кас аз умнои давлат ва..." барои ин аст, ки дар ҳамон замон, ки вай ин суханонро мегуфт, Асадуллоҳи Аълам, ки дар Бирҷанд шогирди Фарзон буд, вазири дарбори шоҳаншоҳӣ буд.

Аббос Иқболи Оштиёнӣ, ки осораш машҳур аст ва тамоми умри худро сарфи таълифу таҳқиқ кард, дар фақру фоқа зист, вақте дар Рим даргузашт, ҷанозааш ду рӯз бар замин монд, чун пуле барои ҳамл кардани ӯ вуҷуд надошт. Иқбол замоне ба вазорат даъват шуда буд, вале напазируфта буд ва гуфта буд: "Ҳар инояте дастгоҳи мамлакат ба ман дорад, дар ҳамин мақоми устодӣ бикунад, то ҳам ман ба коре, ки дар бораи он таҳқиқ кардаам, бирасам ва ҳам шогирдон маҳрум намонанд".

Устод Раҷоӣ тавзеҳ медод “аммо дар мамлакати мо пулу рифоҳ бо унвони вазорату аз ин қабил бастагӣ дорад ва мисоли он аст, ки одамиён то устоданд на мӯҳтоҷи рифҳанд ва на дар ин олам зист мекунанд”

Фурӯзонфар ба қавли устод Раҷоӣ, лахте осудатар зист, аммо ба қимати пазириши мақоми сенаторӣ, ки ба мутаваққиф кардани корҳои таҳқиқии ӯ, чун шарҳи “Маснавӣ” мунҷар шуд. Бисёре метавонистанд дар ин кишвар сенатор шаванд, дар ҳоле, ки фақат як нафар буд, ки метавонист “Маснавӣ”-ро шарҳ кунад, ки саранҷом нотамом монд.

Зиндагии дигар бузургони муосири адаби форсиро, ки нигоҳ кунем, ба ҳамин натоиҷ мерасем. Хонларӣ бо ҳама бузургӣ авохири умр дар узлат мезист, ки аз фақр бадтар буд.

Масъала ин аст, ки ҳанӯз зиндагии бузургони адаби форсӣ дар мадори зиндагии Фирдавсӣ мечархад. Мо кай бояд ин норавоиҳоро чора кунем?

*Таҳияи*

**Олимҷон Хоҷамуродов**

# САРНАВИШТИ ЯК ХАЛҚ

**Садриддин АЙНӢ**

Дар давоми умри худ ман китобҳои зиёде навиштаам, ки ҳамаи онҳо ба як мавзуъ бахшида шуда, аз як маводи ҳаётӣ фароҳам омадаанд... Ҳамаи ин китобҳо – дар бораи тоҷик ва Тоҷикистон аст, дар бораи кишвари кӯҳистонии ман, ки ба воситаи қуллаҳои сарбарфалаки Помир бар фарози ҷаҳон қомат афрохтааст, дар бораи сарзамини модарии ман, ки дар гузашта тавассути анбӯҳе аз фотеҳон тороҷ гардидааст, дар бораи фарзандони ин сарзамин мебошанд, ки дар қарни ҳашт ба худ номи «тоҷик»-ро гирифт.

Аз ин таҷрибаи ҳаётӣ романи "Ғуломон"-и ман ба вуҷуд омад. Ин роман аз панҷ қисмат иборат буда, рӯйдодҳои таърихи беш аз садсола (солҳои 1825-1934)-ро дарбар мегирад. Хонанда аз ин китоб хоҳад донист, ки халқи ман писарони "Бухорои Шариф": деҳқонон, батракҳо, ғуломони дар маърази марг аз гуруснагӣ, дуздидашуда ба воситаи бойҳо чигуна дар бозорҳои бардафурӯшӣ фурухта мешуданд. Навиштани ин китоби душвор барои ман осон буд, зеро ман давраи бардадориро ба хубӣ дар ёд дорам, ёд дорам, ки чигуна дар хонадони бардаҳо кӯдакони барда ба дунё меомаданд ва чигуна модарони барда бо фурӯтанӣ зарбаҳои сарнавиштро таҳаммул мекарданд. Ман ин романро дар бораи сарнавишти халқам, дар бораи зиндагии наслҳои гузашта навиштам, аммо содиқона бигӯям, ки нигоҳам камтар ба сӯи гузашта буд. Ин роман дар бораи гузашта, аммо чун дарсе барои оянда навишта шудааст, зеро таърих танҳо замоне маъно пайдо мекунад, ки дар дастони мардум ҳамчун абзори мубориза барои оянда табдил шавад.

Романи "Ғуломон" то ҳудуде саргузашти зиндагии ман аст. Дар он гуфта шудааст, ки чигуна тоҷикҳо як аср дар бардагӣ

қарор дошта, чигуна ба он поён дода, ва зиндагии наву шоистаеро оғоз кардаанд. Ман ин романро барои фарзандону набераҳои худ навиштам, ки бо муқоисаи далелҳои таърихӣ, ба қадри сарнавишт ва ҳаёти масарратбахши имрӯзи худ бирасанд.

Акнун дар бораи тақдири мардумони Осиё гапҳои зиёд мегӯянд, ки як амри табиист. Қитъаи бузурги Осиё — албатта ба истисноии қаламрави осиёии Иттиҳоди Шӯравӣ — дар сад соли гузашта то ҳадди зиёде аз назари тараққиёт аз дигар кишварҳо ақиб мондааст. Синну соли ман ҳоло ба ҷое расидааст ва метавонам гузашта ва ҳолро бо ҳам муқоиса намоям. Ростӣ, 30-сол пеш Тоҷикистон чигуна буд? Кулбаҳои риққатовари бадбахтӣ, ки бо гилу лой пӯшида шудаанд ва бӯйи сангину ғализ дар заминҳои хушку сӯхта. Бардагони гурусна маҳсули бадбахтиро ҷамъоварӣ ва анбошт менамоянд. Аммо ин маҳсул мутаалиқ ба онҳо нест, агарчи бо арақи ҷабин ва хуни дили онҳо парвариш меёфт. Яке бек аст, яке хон аст. Онҳо дасти дароз ва ҳуқуқи калон доранд. Онҳо саҳмдори қисмати бештари ин ҳосил ҳастанд. Ин саҳмро барои "муфассири шариат" ва "тоза мусулмоншудаҳо" мегирифтанд. Барои духтари даҳсолае, ки ба бой фурухта мешуд, андоз мехостанд...ва вақте ки ҳамаи андозҳо пардохт мешуд, ба тоҷик ба ҷуз ашки чашм чизе боқӣ намемонд. Ба хотири як мушт гандум ӯ тамоми тобистон аз субҳ то шом бо гову юғу сипор меҳнат мекард.

Чунин буд аҳволи тоҷик дар гузаштаи начандон дур, яъне се даҳа қабл. Ин як навъ ғуломдории воқеӣ буд.

Ҳар фарди таҳсилкардае медонад, ки тоҷикҳо таърихи бузурге доранд ва хостгоҳи фарҳангии мардуми кучак, аммо куҳани мо аз давраи бостон сарчашма мегирад. Кофӣ аст аз офаридаҳои Рӯдакӣ, Дақиқӣ ва шоиру файласуфи бузург Фирдавсӣ, ки "Шоҳнома"-ро офарид, ном бибарем. Ҳамин бас,

ки аз шоирони номдор Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём ва Ҷомӣ ном бибарем, ки бо офаридаҳои ҷовидонаи худ адабиёти тоҷикро машҳури ҷаҳон кардаанд.

Донишманди маъруф, энсиклопедист, бунёдгузори тибби илмӣ Абуалӣ Ибни Сино (Авитсена), мутафаккир ва шоир Носири Хусрав ва дигар шахсиятҳои тоҷик шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Аммо дар солҳои пеш аз инқилоб, ҳамаи ин мероси бузурги мардуми тоҷик тақрибан аз ёдҳо фаромӯш шуда буд. Дар Тоҷикистони қадима ин номҳо фаромӯш гардида буд. Режими аморати Бухоро мардумро дар торикӣ нигоҳ дошта, тамоми падидаҳои зинда ва мутараққиро нобуд мекард.

Тоҷикистон кишвари зебову сарватманд аст. Олами гиёҳон, ҳайвонот, маъданҳои кӯҳӣ, ҳосилхезтарин дашту дарра, чарогоҳҳои файзбахши Помир—ҳама сарватҳои бешуморест, ки имконоти фаровонеро барои рушду тавсеаи иқтисодии кишвар боз мекард. Бо ин ҳама шароит факр монанди соя тоҷикро дунбол мекард. Аз гуруснагӣ ва сармо ранҷ мебурд. Фарзанд ва набераи барда, барда боқӣ мемонд ва ба тақдири худ нафрин мекард.

Акнун ки ман ба харитаи ҷумҳурии хеш нигоҳ мекунам, эҳсоси ғурури амиқе маро фаро мегирад. Ин эҳсоси ширин бархоста аз огоҳӣ ва тағйироти азиме аст, ки пас аз инқилоби сотсиалистии Октябр дар сарзамини мо рух дод ва озодиву хушбахтиро ба мардуми тоҷик ва ҳамаи халқҳои сокини шӯравӣ ба армуғон овард.

Тоҷикистони шӯравӣ акнун кишваре бо зерсохтҳои нави саноатӣ аст. Корхонаҳои абрешими Душанбе ва Ленинобод (Хуҷанд), калонтарин ширкатҳои ҷумҳурӣ садҳо метр матоъҳои зебо дар сол тавлид мекунанд. Ҳазорон нафар бо шӯру шавқ дар маъданҳои Қарамазор, маъданҳои ангиштсанги Шӯроб, моҳидориҳои Нефтобод кор мекунанд. Танҳо дар 20 соли гузашта тавлиди нохолиси саноатии

Тоҷикистон панҷоҳ баробар зиёд шудааст. Дар муқоиса бо даврони пеш аз инқилоб, ки саноати мо танҳо аз коргоҳҳои дастӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ иборат буд, саноат чандсад баробар тараққӣ кардааст.

Тоҷикистони Шуравӣ акнун кишваре бо кишоварзии механиконидашуда дар миқёси калон аст. Кишоварзони Тоҷикистон дар маҳдудаи Иттиҳоди Шуравӣ бештарин ҳосили пахтаро ҷамъоварӣ карда, навъи марғубтарини онро парвариш медиҳанд. Чорводорон гусфанд ва бузи ангорие парвариш медиҳанд, ки пашми хушсифат медиҳад. Боғдорон ва ангурпарварони мо маъруф ҳастанд. Дар кӯҳпояҳо ҷав кошта ва дар Бадахшони кӯҳӣ картошка ва редис киштукор мешавад.

Ба заминҳои ташналаб об омад ва каналҳои нав канда шуд. Роҳи оҳан ва шоҳроҳҳо гӯшаҳои дурдасти мамлакатро бо якдигар пайванд карданд. Дар макони як рустои қадимии мавсум ба Душанбе—пойтахти ҷумҳурӣ, як боғшаҳри зебо бунёд гардидааст.

Зиндагии кунунии мардуми тоҷик ғайри қобили тасаввур аст. Дар ҷумҳурии мо акнун беш аз 300 колхози миллионер вуҷуд дорад. Деҳқонон даромади зиёде ба даст меоранд ва коргарон маоши хуб мегиранд. Фарҳанги нави шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистӣ, шукуфо шудааст. Садҳо китобхонаи умумӣ (аз ҷумла китобхонаҳои рустоӣ) ва таъсисоти синамо-филм дар ҷумҳурӣ вуҷуд дорад. Театр, бемористон, варзишгоҳ, осорхона, клубҳо ва хонаҳои маданият сохта шудааст...

Ҳамаи инҳо гувоҳи зиндаи неруи тавонои халқест, ки дар партави озодӣ қодир ба эҷоду созандагист, гувоҳи равшан аз нақши азими Инқилоби сотсиалистии Октябри бузург дар зиндагии мардуми тоҷик мебошад.

Аммо акнун мехоҳам ба таври муфассал оид ба рушди илм дар ҷумҳуриамон суҳбат намоям, ки чигуна дар ин соҳа халқи тоҷик бо кумаки бародарони руси худ пешрафт кардааст.

Аз нимаи дувуми асри гузашта (манзур асри Х1Х аст.- Б.З), теъдоде аз донишмандони рус: О. Федченко, В. Ошанин, В. Липский, В. Комаров ва дигарон корҳои зиёдеро барои мутолиаи Тоҷикистон анҷом додаанд. Инҳо фидоиёне буданд, ки фарҳангу донишро барои мардуми тоҷик ба армуғон оварданд. Аммо ин донишмандон танҳо буданд. Танҳо дар замони ҳокимияти шӯравӣ омӯзишу таҳқиқи илмии нақшавӣ-системавии кишвар оғоз шуд.

Танҳо дар солҳои аввали давлати шӯравӣ омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷумҳурӣ оғоз ёфт. Кори таҳқиқотӣ аз тарафи донишмандони Маскав, Ленинград ва дигар марказҳои илмии калони кишвар оғоз шуд. Дар ҳамон замон ҳайатҳои илмӣ дар Тоҷикистон заминаро барои таъсиси муассисаҳои илмӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар Тоҷикистон фароҳам карданд. Дар соли 1928 Академияи илмҳои Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ аввалин экспедитсияи худро ба Помир фиристод. Дар ин солҳо донишмандони рус, монанди зоолог-паразитологи маъруф академик Павловский, геолог Шербаков, табиб Парадоксов, хокшинос Антипов-Каратаев, муаррих-бостоншинос Якубовский робитаҳои мустаҳками илмии худро бо Тоҷикистон барқарор намуданд.

Аввалин муассиса дар ҳайати базаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон бахш (сектор)-и ботаникӣ буд. Соли 1936 Станцияи ботаникии кӯҳии Варзоб ташкил карда шуд. Вазифаи он аз он иборат буд, ки оё метавон дар кӯҳистон боғ эҷод кард? Андаке баъд Тоҷикистон бо ташкили дигар муассисаҳои ботаникӣ-гиёҳшиносӣ ғанитар гардид. Дар кӯҳистони Помир боғи ботаникӣ бунёд шуд. Боғи мазкур даҳҳо ҳазор ниҳоли дарахти себ, нок, зардолу ва шафтолу ба

колхозҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳадя кард. Ин гуна дарахтони мутобиқ бо ҳавои гарм қабл аз ин дар ин минтақа парвариш намеёфтанд. Акнун замонаи нав фаро расидааст ва боғҳо ҳосили фаровон медиҳанд. Дар Помир ҳаргиз қаблан ангур вуҷуд надоштааст, акнун кишти ангур ба таври густарда бо кумаки боғи ботаникии Хоруғ тавсеа ёфтааст. Ҳамин кори муҳим, яъне тасаллут бар неруҳои табиат ба воситаи гиёҳшиносони пойтахти ҷумҳурӣ ва истгоҳи биологӣ дар Помир амалӣ шудааст.

Мардум дар гузашта гирифтори бемориҳои зиёде буданд. Ангал-паразитҳои гуногуне балои ҷони бахши кишоварзӣ буданд. Дар соли 1934 бо ташаббуси академик Павловский як муассисаи илмӣ дар Тоҷикистон таъсис ёфт, ки масъала ва мушкилоти ҷонваршиносӣ (зоологӣ) ва ангалшиносӣ (паразитологӣ)-ро дар ҷумҳури тавсиа дод. Олимони зистшинос бемориҳои гузарандаи уфуниро таҳқиқ намуда, нақшаи эпизоотии бемории говҳо, офоти меваҳо ва маҳсулоти саноатиро шиносоӣ ва таҳия карданд. Ва муҳимтар аз ҳама, онҳо равишҳои тозаеро барои мубориза бо баъзе бемориҳое, ки муддатҳо балои ҷони Тоҷикистон ба ҳисоб мерафтанд, кашф намуданд. Ин равишҳо босуръат амалӣ гардид.

Мардуми Тоҷикистон дорои мероси фарҳангии ғанӣ ҳастанд. Фарзандони мо бояд ганҷинаҳои адабиёти гузаштаро бишносанд, таърих ва забони худро бишносанд. Мо ба луғатномаҳо ва китобҳое дар заминаи имло, овошиносӣ, морфология ва алифбои нав ниёз дорем. Дар ҷумҳурӣ кофтуковҳои бостоншиносӣ оғоз гардидааст. Таҳти роҳбарии аъзо-кореспонденти Академияи илмҳои иттиҳоди Шӯравӣ Якубовский бостоншиносони тоҷик ковишҳоеро дар шаҳраки бостонии Панҷакент, Ҳисор ва Қубодиён анҷом додаанд...

Дар соли 1941 пойгоҳ (база)-и Тоҷикистон ба шуъбае аз Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва бахш (сектор)-ҳои

илмӣ ба муассисаҳои илмӣ табдил шуданд. Ин ба маънои рушди кадрҳои илмӣ ва густариши ҷабҳаи кори илмӣ буд.

Расадхонаи нуҷуми Душанбе бахше аз шохаи Академияи илмҳо шуд, ки олимони он мушоҳидаи ҳудуди 140 ҳазор ситораҳои тағйирёбандаро анҷом дода, ситораҳои наверо кашф намуданд. Астрономияи комета-метеоритҳо низ хеле бой гардид... Институти чорводорӣ ташкил карда шуд. Вай бо беҳтар намудани зоти чорвои калони шохдор, гусфанду бузҳои маҳалӣ ва ҳалли масъалаҳои хуроки чорво машғул буд. Дар институт зотҳои нави ҳайвоноти корӣ ва маҳсулдеҳ, ки ба шароити релефи кӯҳистон мувофиқ кунонда шудаанд, ба вуҷуд оварда шуданд.

Маълум аст, ки Тоҷикистон дар як минтақаи зилзилахез қарор дорад. Бино бар ин, кор карда баромадани нормаҳои сохтмони зидди сейсмикӣ, яъне аз нуқтаи назари илмӣ ҳал кардани проблемаи тобоварӣ ва умри дарози иншооти нав хеле муҳим буд.

Барои ҳалли ҳамаи мушкилоти зиндагӣ ба кадрҳои илмии зиёд ниёз аст. Мо онҳоро дорем! Ба хубӣ, ба ёд дорам замоне, ки дар байни тоҷикҳо ҳатто як нафар дорои дараҷа ва унвони илмӣ вуҷуд надошт. 99,5 % мардум бесавод буданд. Дар соли 1914 фақат 400 донишомӯз дар Тоҷикистон вуҷуд дошт...ва акнун кулли аҳолӣ босавод ҳастанд. Беш аз 300000 кудак дар 3000 мактаб таҳсил мекунанд. Ҳудуди даҳ муассисаи олӣ, аз ҷумла як донишгоҳи нав дар ҷумҳури ифтитоҳ шуда, беш аз 30 донишкадаи фаннӣ таъсис ёфтааст. Танҳо дар соли гузашта 18 донишманди ҷавон, умдатан тоҷик рисолаҳои илмии худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзад ё доктори илм ҳимоя карданд. Дар ҳоли ҳозир дар муқоиса бо соли 1940 се баробар бештар теъдоди кормандони илмӣ, тақрибан дувуним баробар бештар докторони илм ва чаҳор баробар бештар номзадҳои илм дар ҷумҳурӣ вуҷуд дорад.

Дар баҳори соли 1951 давлати Тоҷикистон тасмиме таърихӣ барои сарнавишти фарҳанги миллии мо гирифт то Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил кунад. Ин ҳақиқат гувоҳи дигарест, ки нишон медиҳад, мардумоне, ки дар эҷодкорӣ озоданд ва хастагинопазир дар роҳи пешрафт ва тамаддун гом бармедоранд, ба вижа мардуми қитъаи бузурги Осиё метавонанд ба он даст ёбанд.

Академияи илмҳои мо яке аз ҷавонтарин академияҳои шӯравӣ буда, аз ду шуъба ташкил шудааст. Шуъбаи илмҳои табиатшиносӣ ҳашт институт: сейсмология, хокшиносӣ, мелиорация ва ирригация, ботаника, чорводорӣ, зоология ва паразитология ва ғайра, инчунин кафедраҳои пахтакорӣ ва энергетикаро муттаҳид менамояд. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академия ду институти калон: Институти таърих, археология ва этнография ва Институти забон ва адабиёт, инчунин шуъбаҳои фалсафа ва иқтисодиётро муттаҳид менамояд.

Ба ҳайати ин ареопаги олии илмии республика олимони намоёни тоҷик, монанди муаррих Бобоҷон Ғафуров, филолог Ниёзмуҳаммадов, нависанда Мирзо Турсунзода, доктори илмҳои геология ва минералогия Сараҷон Юсупов, меъмор Юлдошев, файласуф Баҳовуддинов, иқтисоддон Нарзиқулов, табиб Раҳимов, нависандагон Сотим Улуғзода ва Абдулғанӣ Мирзоев...инчунин олимони рус, монанди хокшиноси машҳур Антипов-Каратаев, мутахассиси маданияти субтропикӣ Смолский, археолог С. Якубовский, табиб Березкин, шарқшинос Брагинский, биолог Овчинников ва дигарон шомил мешаванд.

Хусусияти ҷолиби диққати илми мо дар он аст, ки вай бо муборизаи бевоситаи амалии халқ барои ҳаёти беҳтарин зич алоқаманд аст. Илм ба зиёд кардани ҳосили пахта машғул аст — ин сарвати асосии республика мебошад. Вай дар бораи

беҳтар намудани зоти чорво ғамхорӣ мекунад, манбаъҳои нави ашьёи хом ва сӯзишвориро ҷустуҷӯ мекунад, захираҳои гидроэнергетикиро азхуд мекунад, масолеҳи нави бинокориро ба вуҷуд меоварад, принципҳои нави обёриро кор карда мебарояд ва мероси сершумори адабии таърихиро таҳқиқ мекунад...Номбар кардани ҳамаи масъалаҳое, ки осор ва дониши олимони тоҷик ба таҳқиқи онҳо бахшида шудаанд, ғайримумкин аст. Фақат ин нуктаро бигӯям, ки мардуми тоҷик, ки танҳо се даҳа пеш дар бардагӣ қарор доштанд, акнун ба авҷи халлоқияти илмӣ даст ёфтаанд.

Ва дар ин нишонае аз замон мебинам, далелҳои раднашаванда, ки ҳар миллате фурсатҳои поённопазир барои хидмат кардан ба пешрафти башарият дорад.

**Соли 1951**

Таҳияи **Беҳрӯзи Забеҳулло**

***Садриддин Айни. Собрание сочинений. Т6. Очерки и статьи.-М.: Худ. литература, 1975.- С 313-320.***

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 24.06.2023*
*Барои нашр имзо шуд 25.06.2023*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100 1/8.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*